**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ: 159.9:376.3+373**
**ТКБ: 88:74.3+74.2**
**Ҳ- 51**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ҲАСАНЗОДА ХУРШЕД РАҶАБ**

# ХУСУСИЯТҲОИ ПСИХОЛОГИЮ ПЕДАГОГИИ ОМУЗИШИ КӮДАКОНИ ДОРОИ НУҚСОНҲОИ НУТҚ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТОМАКТАБӢ

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси**
**6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология)**
**(6D010501-Педагогикаи махсус)**

**Роҳбари илмӣ**: Ҳакимова Ҷ.С. – номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассиси шуъбаи педагогика ва методикаи таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ДУШАНБЕ – 2026**

**МУНДАРИҶА**........................................................................ 2
**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО**.................................................... 3
**ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТ**........................................................ 4-5
**МУҚАДДИМА**..................................................................... 6-17
**БОБИ 1. ТАҲҚИҚИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ НУҚСОНҲОИ НУТҚ ДАР КӮДАКОНИ СИННУ СОЛИ ТОМАКТАБӢ** ............................................................................ 18-75
1.1.Таҳлили психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқии кӯдакон дар адабиётҳои педагогӣ-психологӣ.......................... 17-31
1.2. Нутқ ва аҳамияти он. Сабабҳои ба вуҷуд омадани нуқсонҳои нутқӣ дар синни томактабӣ ......................... ........ 32-54
1.3. Роҳу усулҳои баргузории корҳоиислоҳнамоӣ бо кӯдакони синни томактабӣ ...................................................... 55-74
**Хулосаи боби 1**..................................................................... 75
**БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ БАРГУЗОРИИ КОРҲОИ ИСЛОҲНАМОӢ БО КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ**.................................................................... 76-113
2.1. Тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ.......................... 76-94
2.2. Воситаҳои педагогии ташаккули ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқи кӯдакон дар шароити муассисаҳои таълимии томактабӣ .......................................... 95-112
**Хулосаи боби 2**...................................................................... 112-113
**БОБИ 3. ТАҲҚИҚИ ХУСУСИЯТҲОИ БАРТАРАФСОЗИИ НУҚСОНҲОИ НУТҚИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОТОМАКТАБӢ ДАР МУҲИТИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР**........................................................................... 114-192
3.1. Хусусиятҳои баргузории корҳои логопедӣ дар озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он.......................... . 114-127
3.2. Заминаҳои психологию педагогии ташкили озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир ........................... 128-154
**Хулосаи боби 3.**..................................................................... 154-155
**Хулосаи умумӣ ва тавсияҳо**................................................... 156-160
**Руйхати адабиёт**.................................................................... 161-181
**Замимаҳо**............................................................................... 182-193

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

АТТ – Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

БТТК - барнома ва технологияҳои муосири педагогӣ

ВМИ ҶТ – Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

ДДОТ - Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ

ДДК ба номи А.Рӯдакӣ – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ

ИДМ - Иттиҳоди давлатҳои мустақил

МТМУ – муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

МТТ – муассисаҳои таълимии томактабӣ

МТМ – муассисаҳои таълимии махсус

ПРМ – Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ

КИМД - кӯдакони имкониятҳои маҳдуддошта

КННД – кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ дошта

ТИК – технологияҳои информатсионӣ-коммуникатсионӣ

ҶТ - Ҷумҳурии Тоҷикистон

ФР - Федератсияи Россия

## ЛУҒАТИ ИСТИЛОҲОТ

1. **Алалия** (alalia) - ин маҳдудияти нутқи пурра ё қисман нопурраи нутқи кӯдакон мебошад, ки дорои шунавоии хуб мебошанд.

2. **Аменсия** (amnestic) – модарзодӣ, наслӣ, ирсӣ.

3. **Агнозия** (agnosia) – вайроншавии идроки хабар, ки дар натиҷаи захмбардории пӯстлохи майнаи сар ба вуҷуд меояд.

4. **Аграмматизм (agrammatism) – зуҳуроти гуногуни афазия;**

5. **Артикулятсия (articulation) – ҷараёни талаффузи овозҳо;**

6. **Апраксия (apraxia) – дар натиҷаи осеб ёфтани майнаи сар вайроншавии системаи маркази асаб;**

7. **Афазия (aphasia) – вайроншавии нутқ, яъне фаҳмида натавонистани калимаҳои нав;**

8. Аудиовизуалӣ - дарки ҳамзамони шунавоӣ ва дидан.

9. **Визуалӣ** - мушоҳидаи бевоситаи биноӣ.

10. **Дефект** – нуқсон, камбудӣ.

11. **Деменсия** – пайдошуда.

12. **Дезадаптатсия** – мутобиқ нашудан.

13. **Дизартрия (dysarthia) – вайроншавии талаффузи овозҳо;**

14. **Дислалия (dyslalia) – ба вуҷуд омадани нуқсонҳои талаффузи овоз дар натиҷаи осеб ёфтани анализатори шунавоӣ;**

15. **Дислексия (dyslexia) - зуҳуроти нуқсонҳо дар рафти хондан;**

16. **Компенсатсия – ҷуброн кардан;**

17. **Реаблитатсия - барқарор намудан;**

18. **Логорея** -сергапӣ

19. **Нуқсонҳои нутқӣ** ба зуҳуроти асабоният ва психикӣ - психопатологӣ вобастаанд, ки нишонаҳои боздории ташаккули пурраи системаи маркази системаи асаб ва зарари норавшан дидани баъзе қисми сохти майнаи сар ҳисоб меёбанд.

20. **Патология** – ғайримуқаррарӣ, ғайритабиӣ.

21. **Педагогикаи махсус** таълими махсуси шахсонест, ки ба сабаби ин ё он нуқсон, ё норасоӣ аз инкишоф боз мондаанд.

22. **Профилактика** -пешгирӣ намудан.

23. **Ринолалия** (овози манқа) – ин вайроншавии лаҳни овоз, талаффузи ҳамаи овозҳои нутқ, хизматрасонии анатомӣ – физиологии апарати нутқ (тангнои ком, тағйирпазирӣ ва фалаҷшавии коми мулоим).

24. **Симптом** – аломат ва ё нишонаи беморӣ.

25. **Соматикӣ** -бемории ҷисмонӣ.

26. **Таҳсилоти фарогир - муҳайё** кардани шароити мусоид барои кӯдакон, новобаста аз ҷинс, нажод, забон, миллат, эътиқоди динӣ, иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, қобилият, вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати гирифтани таҳсилот;

**27. Тарҳи универсалии омӯзиш** - раванди педагогие, ки асоси таҳсилоти фарогирро ташкил дода, ба таҳиягарони барномаи таълимӣ ва омӯзгорон дар тарҳрезии дарсҳо, фаъолият ва захираҳои омӯзишӣ, ки барои ҳама кӯдакон дастрасанд, кумак мерасонад.

**28. Фонема (phoneme) – маҷмӯи овозҳои нутқӣ;**

**29. Эхолалия -** такрори калимаҳои бегона.

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Кишвари мо ба фазои ягонаи таҳсилотӣ ворид гардида, аз дастовардҳои ҷаҳонӣ дар соҳаи таълиму тарбияи насли наврас ҳамарӯза мавриди истифода қарор медиҳад. Имрӯз аз ҷониби давлату ҳукумат бо мақсади амалӣ намудани таъмини дастрасӣ ва иштироки баробари ҳамаи кӯдакон ба таълиму тарбия бидуни табъиз дар муассисаҳои таълимии томактабӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Боиси хушнудист, ки ҷомеаи кунунии мо, бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳаққи чунин кӯдакон ҳамаҷониба ғамхорӣ зоҳир менамояд, ба муассисаҳои таълимӣ фаро гирифта мешаванд ва ин муассисаҳо бо мураббиёни соҳибтаҷриба ва маводи таълимӣ таъмин мебошанд. Президенти кишвар дар ҳар лаҳзаи муносиб аз қисмати чунин кӯдакон ёд меорад, ҳолати мавҷударо таҳлил мекунад ва аз шахсони масъул тақозо менамояд, ки ба ин масъала эътибори ҷиддӣ диҳанд: «Барои рушди ҳаматарафаи кӯдак ва инкишофи ҷисмониву зеҳнии ӯ фазои орому озод, муҳити пурмуҳаббат ва эҳсоси ғамхорӣ нисбат ба ӯ лозим аст.Ояндаи ҷомеа дар дасти кӯдакони имрӯз аст, ки фардо ба воя расида, ҷомеаро идора мекунанд». [188,7]

Кӯдакони имконияташон маҳдуд (инкишофи ақлиашон суст ва ақлан ақибмонда, нуқсонҳои нутқ, ноқисии узвҳои нутқӣ ва биноӣ ва нуқсонҳои ҷисмонӣ дошта) шаҳрвандони Тоҷикистон ҳастанд ва мувофиқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии байналмиллалӣ «Декларатсия оид ба ҳуқуқи инсон» (1948), «Декларатсия оид ба ҳуқуқи кӯдак» (1959), «Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак» (1989) ва ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҳукумати Тоҷикистон «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1994, 2002), «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (1993, 2013), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оила» (1999), «Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015 (2011), «Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» (2024) ва ғайра чун ҳамсолони солими худ ҳуқуқи зиндагӣ, маълумотгирӣ ва аз худ кардани арзишҳои маънавию моддиро доранд.

Дар Қонуни амалкунанда «Дар бораи маориф», дар моддаи 22 дар бораи таҳсилоти махсус гуфта шудааст: «Кӯдакони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ бо розигии волидон (шахсони онҳоро ивазкунанда) метавонанд дар муассисаҳои таълимӣ бо кӯдакони солим таълим гиранд ё дарсҳои инфиродӣ ташкил карда мешаванд».[113,91]

Яке аз роҳҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакони имконияташон маҳдуд ин ба таҳсилоти фарогир ворид намудани онҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ (МТТ) мебошад. Вобаста ба ин дар «Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» чунин омадааст: «Мақсади таҳсилоти фарогир таъмини дастрасии ҳамаи шаҳрвандони синну соли мувофиқ ба гирифтани таҳсилот якҷо бо ҳамсолон дар муассисаҳои таълимӣ, қтъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва маъюбият мебошад».[106,2]

Тавре маълум аст, аҳамияти нутқ дар ҳаёти инсон басо муҳим буда, тавассути нутқ одамон бо якдигар фикри худро баён мекунанд ва таҷрибаи ҳаётӣ аз як насл ба насли дигар интиқол меёбад. Нутқи кӯдакони хурдсол дар давраи ташаккулёбӣ бо баъзе нуқсонҳо ҳамеша фарқ мекунанд. Агар ба тарбияи нутқи бурро ва саҳеҳи кӯдаки синну соли томактабӣ диққати махсус надиҳем, он гоҳ ӯ ба мактаби ибтидоӣ бо талаффузи иллатнок меояд, ки баъдтар ин сабаби вайроншавии хату савод (дисграфия) мегардад. Инчунин, дар бисёр ҳолатҳо нуқсонҳои нутқ сабаби қафомонӣ ва аз худ карда натавонистани барномаи таълим ва қафомонии кӯдак мегардад. Мавҷуд набудани дараҷаи кофии захираи луғавӣ, ташаккул наёфтани сохти грамматикии талаффузи нутқ ва нодуруст талаффуз кардани садоҳо ба кӯдакон имконият намедиҳад, ки баробари кӯдакони солим пеш раванд.

Аз ин лиҳоз, фароҳам наовардани шароитҳои педагогии таълиму тарбия вобаста ба хусусиятҳои психологию педагогии кӯдакони дорои нуқсони нутқ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ва имкониятҳои синну солии онҳо; истифода нагардидани маҷмуи роҳу воситаҳо ҷиҳати ошкор намудани нуқсонҳои нутқӣ ва имконияти банақшагирии саривақтии корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони дорои нуқсони нутқӣ; таъмини шароитҳои психологию педагогӣ бартарафсозии нуқсонҳои нутқӣ дар муҳити мусоиди таҳсилоти фарогир мубрамияти таҳқиқи мавзӯи мазкурро ба миён овард.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар замони имрӯза муҳаққиқони ватанӣ дар такя ба дастовардҳои олимони хориҷӣ дар соҳаи таҳсилоти фарогир, аз ҷумла Л.С.Виготский, Ж.Пиаже, И.М.Соловёва, Н.Н.Малофеев, М.С.Певзнер, Ж.И.Шиф, Р.И.Лалаева, Л.Н.Зуева, Л.И.Белякова Р.Е.Левина, В.И.Селеверстов, оид ба рафъи нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни томактабӣ М.А. Повалёва, Т.В.Соловёва, О.В.Полозова, Е.Г.Камишникова, С.А.Албошкина, И.В.Егорова, С.Н.Сазонова, О.В.Дзюба, Е.П.Фуреева, О.А.Степанова, С.Д.Притиковская, Ж.Т.Рахимова ва дигарон таҳқиқотҳоро анҷом додаанд.

Олимони ватанӣ М.Лутфуллозода, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, Б.Маҷидова, М.Дадабоева, Р.Рамазонова, З.Раҳмонов, Д.Раҳмонова, Ҷ.Ҳакимова, Т.Ҳақназаров, Д.Салямова оид ба ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ дар кӯдакону хонандагон ва баргузории корҳои ислоҳиро бо роҳу усулҳои босамар дар асарҳои илмиву методӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Масъалаи таҳқиқи комплексии психологию педагогии кӯдаки дорои нуқсонҳои нутқӣ ҳанӯз солҳои 70-уми асри гузашта, аз ҷониби коллективи муаллифон – А.А. Венгер, Г.Л.Виготский, Э.И. Леонгард гузошта шуда буд. Онҳо бо мақсади интихоб намудани кӯдакон барои муассисаҳои махсуси томактабӣ маҷмӯи супоришҳоро кор карда баромаданд. Таҳқиқотҳои олимон исбот намудааст, ки таҳсилоти

фарогир дар муассисаи таълимӣ, аз он ҷумла дар МТТ шароити мусоидро барои таълиму тарбияи кӯдакон фароҳам меорад. (Г.В.Никулина, О.А.Козырева, С.В.Алёхина, Ю.Н.Кислякова, И.А.Турченко, Л.Р.Муминова, Е.Л.Касяник, И.Х.Каримова, А.Байзоев, Н.М.Юнусова, Л.Иматзода, Х.Сабурӣ, М.Маҳмадиева, С.Б.Ашуров ва дигарон).

Маҳз “Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2015» имкон дод, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд ҷиҳати гирифтани таҳсили босифат шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад: “Консепсияи мазкур имкон медиҳад, ки дар кӯдакистонҳо ва муассисаҳои таҳсилоти умумӣ барои таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад, ки ин ба амалигардии ҳуқуқҳои онҳо барои гирифтани таҳсили босифат дар шароити дорои маҳдудияти ҳадди аққал мусоидат хоҳад кард». [105,14]

Имрӯз методикаҳои махсуси таҳқиқи психологию педагогии кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқии синни барвақт ва томактабӣ коркард мегарданд. Ба андешаи мо дар раванди кориислоҳию педагогӣ бо кӯдакони синни томактабии нуқсонҳои нутқдошта фарқиятҳои синнусолии онҳо дар шароитҳои гуногуни таълимӣ бояд ба эътибор гирифта шавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла «Стратегияи рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак», «Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмонии

Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар мавзуи «Асосҳои равонӣ-педгогии таъмини таҳсилоти фарогир зимни амалисозии барномаҳои дастгирии кӯдакони имконияташон маҳдуд дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳкиқот:** таҳқиқи хусусиятҳои равонӣ-педагогии кӯдакони синни томактабии дорои нуқсонҳои нутқӣ ва истифодаи методу усулҳои босамариислоҳӣ дар шароити таҳсилоти фарогир.

**Вазифаҳои таҳқиқот:**

- фароҳам овардани шароитҳои педагогии таълиму тарбия вобаста ба хусусиятҳои психологию педагогии кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ;
- коркарди амсилаи педагогии баргузории чорабиниҳоиислоҳкунӣ оид ба бартарафсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола бо истифода аз роҳу усулҳои таъсиркунанда ба ин раванд (намудҳои гуногуни машғулиятҳо, фаъолиятҳо, иштироки оила, ҳамоҳангсозии кори мураббия ва логопед).
- коркард ва санҷиши Барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем» вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои нуқсонҳои нутқии кӯдакон дар муҳити таҳсилоти фарогир;
- истифодаи маҷмуи воситаҳо ҷиҳати ташхиси малакаҳои нутқӣ ва муоширатии кӯдакон, арзёбии ҷараён ва банақшагирии корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқдошта дар муҳити таҳсилоти фарогир;
- таҳия ва татбиқи маҷмӯи тадбирҳои татбиқшаванда тибқи барномаи озмоишӣ бо истифода аз машқҳои логопедӣ, технологияҳои ёрирасон (барномаҳо, воситаҳои аудиовизуалӣ, овозӣ, расмкашӣ, меҳнати дастӣ).

**Объекти таҳқиқот:** бартарафсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар муассисаи таълимии томактабӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот:** Шароитҳои педагогии омузишу таҳқиқу кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар муассисаи таълимии томактабӣ.

**Фарзияи таҳкиқот:** Раванди таҳқиқи хусусиятҳои равонӣ-педагогии кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар он вақт босамар мегардад, агар:

- шароитҳои педагогӣ барои таҳқиқи хусусиятҳои психологию педагогии таълими кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар муассисаҳои таълимии томактабӣ таъмин карда шавад;
- амсилаи педагогии бартарафсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар муассисаи таълимии томактабӣ татбиқ гардад;
- Ҳамоҳангсозии фаъолияти байни мураббия ва логопед барои ташаккули ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқ, шунавоии фонематикии кӯдакон мусоидат кунад;
- фаъолиятҳои ҳамгирошудаи гурӯҳии кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар муҳити таҳсилоти фарогир таҳти роҳнамоии мураббия ва логопед, ки боиси афзоиши бештари луғати фаъол, овозҳои дуруст талаффузшуда, давомнокии бештари муколама гардад.
- Барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем» вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои нуқсонҳои нутқии кӯдакон дар муҳити таҳсилоти фарогир татбиқ карда шавад;
- Истифодаи технологияҳои ёрирасон (барномаҳо, ёварҳои аудиовизуалӣ, овозӣ, расмкашӣ, меҳнати дастӣ) барои дарки нутқ, нафасгирии дуруст, нигоҳ доштани ист, талаффузи дурусти овозҳо, дар ҷои мувофиқ гузоштани зада, суръати гуфтор мусоидат намоянд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқот дар се марҳила аз соли 2020 то 2025 гузаронида шуд.

**Дар марҳилаи якум** (2020-2021) адабиёти илмӣ ва таълимию методӣ омӯхта шуда, усулҳои асосии омӯзиши мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардиданд, имконияти шароитҳои мавҷуда ба хусусиятҳои психологию педагогии таълими кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар

муассисаҳои таълимии томактабӣ таҳлил ва ҷамъбаст шуд. Инчунин дар ҳамин марҳила аҳамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок ва дараҷаи таҳқиқи он пешниҳод гардида, воситаҳои илмии таҳқиқот таҳия ва фарзияи корӣ мухтасар ифода карда шуд.

**Дар марҳилаи дуюм** (2022-2023) коркарди амсилаи педагогӣ оид ба бартарафсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола ва воситаҳои таъсиркунанда ба ин раванд, Истифодаи маҷмуи воситаҳо ҷиҳати ташхиси малакаҳои нутқӣ ва муоширатии кӯдакон, арзёбии ҷараён ва банақшагирии корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқдошта дар муҳити таҳсилоти фарогир;

**Дар марҳилаи сеюм** (2023-2025) Таҳия ва татбиқи маҷмӯи тадбирҳои татбиқшаванда тибқи барномаи озмоишӣ бо истифода аз машқҳои логопедӣ, технологияҳои ёрирасон (барномаҳо, ёварҳои аудиовизуалӣ, овозӣ) дар гурӯҳҳои озмоишӣ таҳлил ва ташхис гардид. Дар ҳамин асос маълумоти гирифташуда таҳлилу тафсир ва коркарди омории маводи таҳқиқот гузаронида шуд, инчунин тавсияҳои амалӣ ва натиҷаҳои умумии таҳқиқот пешниҳод гардиданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳлили назариявии масъала зимни омӯзиши адабиётҳои педагогию психологӣ, илми логопедия мавриди назар қарор ёфтаанд. Асосҳои назариявии таҳқиқот дар осори олимони шуравӣ Б.П.Есипов, М.А.Данилов, М.Н.Скаткин, Л.В.Занков, Д.Б.Элконин, Г.А.Волкова, Н.А.Махмутов, Е.А.Логинова, В.П.Кашенко ва дигарон таҳлилу баррасӣ гардиданд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** муқаррароти илмию назариявӣ оид ба заминаҳои ташаккули системаҳои функсионалӣ ва қонуниятҳои нутқ, дар бораи сохтори мураккаби фаъолияти системаи фаъолияти нутқ, дар бораи нақши пешбарандаи нутқ дар ташаккули шахсияти кӯдакон, дастовардҳои илмию амалии олимон-муҳаққиқони ватанӣ ташкил медиҳад.

**Сарчашмаи маълумот.** Ба сифати сарчашмаи асосии диссертатсия китобҳои дарсӣ, матни автореферат ва диссертатсияи илмии

муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ истифода шудаанд. Дар баррасии масъалаҳои нутқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ таҳқиқоти Л.С.Волкова, С.Н. Шаховской, Рау Ф.А., Маҷидова Б., Иматзода Л.М., Туронов С.Ш., Обидова М.И., Дадобоева М.С., Котибова Ш.П. ва оид ба истифодаи роҳу воситаҳои гуногун дар диссертатсияҳои Лопатина Л.В., Моисеев В.Б., Назарова Н.М., Шарипов Х., Мирзоев Ш. ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтанд.

**Заминаҳои эмпирикӣ** дар асоси хусусияти мавзуъ, объект ва вазифаҳои таҳқиқот интихоб гардида, аз ташхис, батартибдарорӣ ва ҷамъбасти маълумоти адабиётӣ, методи лоиҳавӣ, озмоиши таълимӣ ва эксперименталӣ, ташхиси миқдорию сифатии натиҷаҳои онҳо иборат буданд

**Пойгоҳи таҳқиқотиро** МТТ № 40-и Исмоили Сомонӣ, шаҳри Душанбе, МТТ №151-и ноҳияи Фирдавсии ш.Душанбе ва МТТ №1-и ш.Ваҳдат ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот 6 нафар мураббиён, 3 нафар логопед, 25 нафар кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ ва 22 нафар волидон фаро гирифта шуданд.

**Навгонии таҳқиқот бо он асос меёбад, ки:**

- Хусусиятҳои равонӣ-педагогии бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ ҳамчун системаи мукаммал, ки тамоми ҷанбаҳои инкишофи нутқро дар бар мегирад, муайян карда шуданд;
- Шароитҳои педагогии таҳқиқу омузиши кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар муассисаи таълимии томактабӣ коркард ва мавриди истифода қарор ёфтанд.
- Амсилаи педагогии таҳқиқу омузиши роҳҳои бартарфсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола дар ҳамкории МТТ ва оила таҳия гардид;
- Роҳу усулҳои мушаххаси педагогӣ пешниҳод гардиданд, ки барои татбиқи босамари амсилаи таҳияшуда дар муҳити таҳсилоти фарогир имкон медиҳанд;

- Муҳимияти муносибати комплексӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз технологияҳои ёрирасон (барномаҳо, ёварҳои аудиовизуалӣ, овозӣ, расмкашӣ) исбот шудааст;

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- Босамарии бартарафсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола бевосита аз ташхиси саривақтӣ ва банақшагирии корҳои ислоҳнамоӣ бо кӯдакон иборат аст;
- Ҳамоҳангсозии фаъолияти байни мураббия ва логопед дар ташаккул додани ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқ, шунавоии фонематикӣ дар давоми сол муосидат мекунад;
- Коркард ва санҷиши Барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем» вобаста ба синну сол ва хусусиятҳои нуқсонҳои нутқии кӯдакон малакаҳои нутқ ва мутобиқшавии иҷтимоии кӯдаконро дар муҳити таҳсилоти фарогир таъмин менамояд;
- Натиҷаҳои таҳқиқот минбаъд дар коркарди технологияҳои нави педагогӣ ва усулҳои муосири ташхис, ки барои бартарафсозии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ равона шудаанд, мавриди истифода қарор меёбанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** бо он далел исбот карда мешавад, ки ташхиси ҳолат ва мавқеи аввалияи ҳолати нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ дар раванди таълими муассисаҳои таълимии томактабӣ гузаронида шуд. Мазмуни масъалаи кӯдакони синни томактабии нуқсонҳои нутқдошта аз ҷиҳати равонӣ ва педагогӣ ошкор ва аниқ гардида, аҳамияти он дар муҳити таълимии МТТ нишон дода шуд. Шароитҳои педагогии таҳқиқу омузиши кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар шароити муосир оварда шуда, робитаи психологӣ-педагогии муносибати комплексӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакон татбиқ ёфт. Низоми метод ва равишҳои педагогӣ-равонӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқи кӯдакони синни томактабӣ дар раванди таълим ва корҳои инфиродӣ таҳия ва ҷорӣ карда

шуданд. Барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем» таҳия ва мавриди озмоиш қарор дода шуд. Тавсияҳо барои донишҷуёни ихтисоси “Логопедия», ки докторант ба донишҷӯён таълим медиҳад, пешниҳод карда мешаванд.

**Арзёбии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки:**

Консепсияи илмие, ки дар таҳқиқот ба миён гузошта шудааст, бо муносибати методологии ба ҳалли мушкилот равоншуда, мувофиқатии он ба вазифаҳои гузошташуда, гуногунии усулҳои таҳқиқотии истифодашаванда, санҷиши таҷрибавии муқаррарот ва хулосаҳои асосии рисола, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия, таҳлили миқдорӣ ва сифатии натиҷаҳо, истифодаи усулҳои омории коркарди натиҷаҳои таҳқиқот асос меёбад.

- Ғояи таҳқиқот ба таҳлили таҳқиқоти муосири илмӣ-назариявӣ ва амалӣ оид ба хусусиятҳои равонӣ-педагогии бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ асос ёфтааст;
- Дар асоси омӯзиши маводи мавзӯи таҳқиқотӣ муаллиф роҳу воситаҳо, шаклу усулҳои муносиби корро ҷиҳати асосноккунии истифодаи шароитҳои педагогии таҳқиқу омузиши кӯдакони нуқсонҳои нутқдоштаро дар муассисаи таълимии томактабӣ истифода мебарад;
- Эътимоднокии маълумоти ибтидоӣ бо истифода аз методҳои коркарди оморӣ мавриди санҷиш ёфтанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисосҳои 6D010500 Нуқсоншиносӣ (Дефектология) (6D010501-Педагогикаи махсус, аз он ҷумла, ба банди 4.1. – Илм дар бораи ихтилоли нутқ, усулҳои пешгирии вайроншавии нутқ, муайян кардан ва бартараф кардани онҳо тавассути таълиму тарбияи махсус; банди 4.2. – Сабабҳо, механизмҳо, аломатҳо, сохтори вайроншавии нутқ; системаи корҳои ислоҳӣ; таҳияи системаи аз ҷиҳати илмӣ асосноки таълим, ислоҳ ва пешгирии ихтилоли нутқ мувофиқ мебошад.

Саҳми шахсии довталаб аз иштироки бевоситаи ӯ дар марҳилаҳои таҳқиқот, аз ҷумла банақшагирӣ, интихоб ва асосноккунии мавзуъ, тартиб додани нақшаи рисола, муайянсозии ҳадаф, вазифа, объект ва мавзуи таҳкиқот, баргузории таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва ба низом даровардани натиҷаҳои маълумоти таҷрибавӣ ва коркарди онҳо, ҷамъбаст ва таҳлили натиҷаҳои озмоиши педагогӣ иборат мебошад. Таҳияи амсилаи роҳу усулҳои бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ нишон медиҳад, ки муносибати комплексӣ ҷиҳати бартарафсозии нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ бо истифода аз технологияҳои ёрирасон муҳим босамар мебошад. Омодасозӣ ва чопи мақолаҳои илмӣ, иштирок дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва ҷамъбасти кори таҳқиқотӣ мебошад.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои кори таҳқиқотӣ дар ҷараёни конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмиллалии илмӣ-амалӣ, тренингҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳо оид ба масъалаҳои назария ва амалияи омӯзишу парвариш; гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласа ва семинарҳои илмӣ-методии факултети психология ва таҳсилоти фарогири ДДОТ ба номи С.Айнӣ, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои солонаи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони ДДОТ ба номи С.Айнӣ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф; суханронӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ доир ба назария ва методикаи таълими логопедон ироа гардидаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муаллиф аз рӯи мавзуи таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақоларо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба нашр расонд. Инчунин мазмуни кори диссертатсионӣ дар

конференсияҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ пешниҳод ва баррасӣ шуд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи илмии мазкур муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулосаю тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва замимаро дар бар мегирад. Ҳаҷми кор аз 193 саҳифа иборат буда, дар он 12 расм, 6 ҷадвал ва 4 диаграмма ҷой дода шудаанд.

# БОБИ 1. ТАҲҚИҚИ ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГИИ НУҚСОНҲОИ НУТҚ ДАР КӮДАКОНИ СИННУ СОЛИ ТОМАКТАБӢ

## 1.1. Таҳлили психологӣ-педагогии нуқсонҳои нутқии кӯдакон дар адабиёти илмӣ-методӣ

Тарбияи насли наврас дар замонпи имруза яке аз масъалаҳои муҳим дар маорифи кишвар маҳсуб ёфта, муҳимияти масъалаи мазкур дар бобати кӯдакони имконияташон маҳдуд диққати бештарро талаб мекунад.

Тавре қайд намудем, аҳамияти нутқ дар ҳаёти инсон басо муҳим аст, ки онро баҳо додан аз имкон берун аст. Нутқ яке аз омилҳои пурқуввати рушди кӯдак мебошад. Нутқ дар ҳаёти инсон омили муҳими зиндагӣ аст. Тавассути нутқ одамон бо якдигар фикри худро мефаҳмонанд ва ба якдигар таҷрибаи ҳаётии худро баррасӣ менамояд ва ба ҳаракатҳои мусбати хеш қонеъ мегарданд. Нутқ воситаи асосии гуфтугӯи байни инсон аст.

Дар тули таърихи таҳсилоти махсус аз ҷониби олими рус Н.Н.Малофеев даврабандии ташаккул ва инкишофи низоми таълими шахсони нуқсонҳои рӯҳию ҷисмонӣ дошта пешниҳод гардидааст, ки он чунин давраҳоро дар бар мегирад:

1. «Аз бадбинӣ ва тоқатнопазирӣ ба дарки зарурати мадад расондан ба маъюбон (асрҳои IX- XIII то давраи мо - XII)
2. Аз шубҳа ба дарки имконияти таълими кӯдакони носолим (асри XII – солҳои 70-80, асри XVIII)
3. Аз дарки имконият ба дарки зарурати омузиши кӯдакони нуқсондор (солҳои 70- 80 асри XVII- ибтидои асри XX).
4. Аз таълими намудҳои алоҳидаи кӯдакони носолим то низоми инфиродии таҳсили махсус (ибтидои асриXX солҳои 70 асри XX).
5. Аз таълими алоҳида ба таълими ҳамҷояи шахсони носолим (солҳои 70 асри XX то рӯзҳои мо).» [141,8]

Баробари инкишоф ва такмили илмҳои махсуси педагогӣ (тифлопедагогика, сурдопедагогика,олигофренопедагогика ва логопедия) нуқтаҳои умумӣ ва фарққунандаи ин фанҳо омузиш ва баррасӣ шуда, шароит ва қонуниятҳои робитаи онҳо бо педагогикаи умумӣ, психология, тиб, физиология ва ғайра муайян мегарданд.

Дар ин маврид олими рус Тупоногов Б.К. чунин таъкид намудааст: «Узвҳои садобарории гулӯ дорои норасоиҳои гуногун буда метавонанд. Бинобар ин, ба вуҷуд овардани тарз ва методҳои пешгирии касалиҳои узвҳои садобарор ва дар мавридҳои зарурӣ тарзҳои гуногуни барқароркунии фаъолияти чунин узвҳо масъалаи муҳим ба ҳисоб меравад. Касалиҳои аппарати садобарор қобилияти меҳнатии одамонро паст карда, баъзан намояндагони баъзе касбу корро аз корашон маҳрум месозанд.»[223,102]

Инкишофи нопурраи модарзодии ком иллати душвори нутқ-ринолалияро ба вуҷуд меорад, ки дар он як қатор нишонаҳо (дар мадди аввал халалдоршавии талаффузи овоз) бо ринофония якҷоя мешаванд. Нуқси лаҳни овоз метавонад баъд аз ҷарроҳии пластикӣ, норасоии ком ва ислоҳи талаффузи нодурусти овоз боқӣ монад.

Овози кӯдакон бо инкишофи нопурраи ком дар соли нахустини ҳаёт нисбати кӯдакони овозашон солим бо инкишофи дурусти сохтори ҷоғи болоӣ ҳеҷ фарқият надорад. То давраи гапзанӣ чунин кӯдакон дод мезананд, гиря мекунанд, бо овози муқаррарии кӯдакона садо медиҳанд. Тағйироти лаҳни овози онҳо тобиши аёни бинӣ дар вақти талаффузи нахустини фонемаҳои ҳамсадо ошкор мешавад. Тақрибан то ҳафтсолагӣ кӯдакон бо инкишофи нопурраи модарзодии ком, ки дар овоз тобиши аёни бинӣ дошта, аз рӯи дигар аломатҳои садои бачаҳои солим фарқ накунанда гуфтугӯ мекунанд, ки ба вайроншавии нутқ оварда мерасонад.

Олими рус В.И.Селиверстов дар ин радиф чунин қайд мекунад: «Вайроншавии нутқ - ҳамчун қафомонӣ аз меъёри нутқӣ фаҳмида шуда, пурра ва ё қисман монеаҳоро дар муоширати нутқӣ ба миён меорад ва

имконияти мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакро маҳдуд мегардонад. Инчунин, вайроншавии нутқ ҷавобгӯи меъёрҳои синнусолӣ набуда, ба қафомонии психофизиологии сохтори нутқ алоқаманд аст, яъне он мустақилона бартараф карда намешавад ва метавонад ба инкишофи психикӣ таъсир расонад.». [201,86]

Муҳаққиқ Степанова О.А таъкид менамояд, ки «Синну соли томактабӣ давраи муҳим барои рушди нутқ мебошанд. Дар ин давра, расиши пурраи анатомии минтақаҳои нутқи мағзи сар ба анҷом мерасад, кӯдак шаклҳои асосии забони модарии худро аз худ намуда захираи луғавии худро ғанӣ мегардонад. Агар дар ин давра ба рушди нутқ диққати кофӣ дода нашавад, баъдан барои рушд ва инкишофи он кӯшишҳои зиёдеро талаб менамояд.» [216,113]

Бинобар ин, барои назорату натиҷаҳои назаррасро ба даст овардан бояд ташкилу баргузории корҳои педагогӣ-психологӣ дар ҳамбастагӣ бо чорабиниҳои тиббӣ-ислоҳӣ гузаронида шаванд. (Р.Е.Левина, Г.А.Каше, Д.И.Орлова, М.А.Савченко, Е.Ф.Соботович, Е.М.Гопиченко, Р.И.Лалаева, К.К.Карлеп, Б.Маҷидова, Л.Иматзода, М.Дадабоева, Р.Рамазонова, З.Раҳмонов, Д.Салямова, Т.Ҳақназаров ва дигарон).

Олимон дуруст қайд мекунанд, ки нутқ ин уҳдадории мураккаб аст ва рушди он ба сабабҳои бисёр вобаста аст. Дар ин ҷо нақши муҳимро таъсири муҳити атроф мебозад. Кӯдак гапзаниро дар асоси нутқи падару модар, тарбиятгару атрофиён ёд мегирад. Барои кӯдак аз синни хурдӣ нутқи бурро ва мутассири атрофиён бисёр муҳим аст.

Бо гуфтаи О. С. Ушакова «Нутқ ва забон дар равоншиносӣ, фалсафа ва педагогика чун анъана гиреҳест, ки ба хати раҳдори рушди психологӣ монанд аст: фикркунӣ, ба ёд овардан, хотира, ҳиссиёт. Нутқ воситаи муҳимтарини муносибати инсонӣ, дарк кардани ҳақиқат аст. Забон монанди ҷӯи ҳақиқиест барои алоқаи маданӣ, рӯҳӣ, аз ҷумла, шароити омӯзиш ва тарбияи инсон». [226,114]

Синнусоли томактабӣ давраи муҳим дар инкишофи инсон мебошад. Хусусияти асосии он - имкониятҳои беҳудуди аз ҷониби кӯдак аз худ кардани таҷрибаи нав, шаклҳои ба инсон хоси рафтор мебошад.

Синни сесолагии кӯдак давраи сензитивӣ аст, яъне ба шаклҳои гуногуни таъсироти нутқидошта ҳассос ва барои таълими муташаккил мусоид мебошад (Венгер Л.А., Мухина В.С., Виготский Л.С., Миронова С.А., Элконин Д.Б., Певзнер М.С. ва дигарон). Дар синни сесолагӣ фаъолона аз худ гаштани арзишҳои иҷтимоию маданӣ аз қабили маданияти тафаккури инсонӣ, муошират ва нутқи инкишофёфта ба мушоҳида мерасад. «Маҳз дар ҳамин давраи ҳаёт қонеъгардонии талаботи кӯдак ба маърифат, инкишофи ақл ва қобилиятҳои ӯ, аз худ гаштани намудҳои гуногуни фаъолият аз қабили фаъолияти рӯзмарра, бозӣ, меҳнатӣ аз ӯ мазмуни муҳим касб мекунад. Ҳамзамон барои кӯдак инкишофи ҷисмонӣ, ақлонӣ ва маънавӣ баробар муҳиманд». [37;54; 150;170]

Аз ин лиҳоз, масъалаи таълиму тарбияи кӯдакони сини хурди дорои нуқсонҳои нутқидошта ҳамеша диққати таҳқиқотчиёнро ҷалб менамуд. Ҳанӯз логопедҳои машҳури интиҳои асри XIX ва ибтидои асри XX-и рус И.М.Сеченев, И.П.Павлов, А.Н.Соколов Н.М. Лаговский, Н.К. Патканова, Е.Г.Камишникова зарурияти барвақт оғоз намудани кӯмаки ислоҳиро ба кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқидошта махсус таъкид намуда буданд. Аз ҷумла, Е.Г.Камишникова чунин қайд намудааст, ки “Инкишофи психикии кӯдакони вайроншавии нутқидошта ба ҳамон қонуниятҳое, ки ба инкишофи кӯдакони вайроншавиҳои гуногуни психикӣ доранд хос аст, тобеъ мешаванд. Кӯдаконе, ки дар инкишофи худ вайроншавиҳои гуногун доранд, дар муносибат бо муҳити атроф ба мушкилӣ дучор мешаванд, дар онҳо хусусиятҳои хос дар инкишофи шахсият ва худшиносӣ ба назар мерасад.». [94,75]

Дар кори худ, ки «Рефлекси мағзи сар» ном дорад И.М.Сеченев менависад: «Тамоми гуногуниҳои беҳудуди фаъолияти зуҳуроти берунӣ ба он оварда мерасонад, ки мушакҳо ба ҳаракат медароянд». [205]

Махсусан ӯ мавқеи дарки мушакиро дар органҳои нутқ қайд намуда, ба хулосае омад, ки онҳо бо дарки сомеа алоқадор буда, хотираи нигоҳдории ҳарфҳоро устувор мегардонад.

И.П.Павлов ба нутқ диққати асосиро равона намуда, «онро аз ҳаятҷоноварандаҳо иборат медонист». [168,145] Дар корҳои А.Н.Соколов оид ба тадқиқи механизми нутқ ва фаъолияти ақлӣ дар робитаи доимӣ бо ҳаракатдиҳандаҳои нутқ ва таҳлилкунандагони нутқию нутқидошта кушода шудаанд: «Баҳаяҷон оварандагони суст аз органҳои нутқ баромада ба маркази мағз мераванд, ки метавонанд ангезиши сахтро дар таҳлилкунандагони нутқию нутқидошта ба вуҷуд биёранд». [210,134]

Дар кӯдакони дорои нуқсонҳоии сохтори дастгоҳҳои талаффузи нутқ дар шароити ба худаш хос нуқсонҳои нутқ бартараф мегардад.Як қатор муаллифон бар он ақидаанд, ки нуқсонҳоии нутқ бевосита ба хат мегузарад. Ин фикр мекунем дуруст мебошад, зеро он чизеро мо дар хат сабт менамоем, талаффуз мегардаду дар забон маҳфуз аст.

Бисёре аз муҳаққиқон қайд менамуданд, ки пастгардии ҷиддии нутқидошта ба якбора аз инкишоф мондан ё барҳам хӯрдани нутқ боис гардида, ба инкишофи умумии ҷисмонию психикии кӯдак - инкишофи ҳаракатҳо, ташаккули фаъолияти маърифатӣ, инкишофи шаклҳои махсуси фаъолияти кӯдакона (ашёӣ, бозӣ, тасвирӣ, конструкторӣ) таъсири манфӣ мерасонад, алоқаҳои иҷтимоии кӯдак бо олам вайрон мегарданд, ки дар навбати худ ба инкишофи шахсияти ӯ ба таври манфӣ таъсир мерасонад» (Ф.А. Рау ва Н.А. Рау, Б.Д. Корсунская, Б.Д. Венгер, Э.И. Леонгард, М. Д. Шматко, M. Brovn, Klein Lori J. ва дигарон).

Дар ин маврид Р.Е.Левина чунин қайд мекунад: «Дар инкишоф додани психикаи кӯдакони шакли вазнини нуқсонҳои нутқидошта хусусиятҳои хоси пурра ташаккул наёфтани соҳаҳои эҳсосотӣ - иродавӣ, яъне эҳсосоти васеъфарогиранда, тез ба ҳаяҷон омадан, паст будани қобилияти корӣ ва баъзан боздории ҳаракатдиҳандаҳо ба назар мерасанд.» [121,17]

В.С. Кочергина чунин изҳори ақида мекунад: «Нуқсонҳои нутқӣ дар натиҷаи бештар хароб гардидани асаб – психика, ба фаъолияти гуногун зуд банд шудан, паст будани қобилияти корӣ, зудранҷӣ, тундмизоҷӣ, боздории муҳаррикҳо, ноустувор будани эҳсосот, халалдор гардидани функсияи диққат, хотира ва ғайра пайдо мешавад. Дар чунин кӯдакон хусусиятҳои ба худ хос, ба монанди нокифоя будани фаъолнокии психикӣ ва муоширатӣ, суст будани сафарбаркунандагӣ, мустаҳкамии боздорӣ, майл доштан ба негативизм ва ғайраҳо мушоҳида мешаванд.». [109,238]

Ҳамчунин корҳои олими рус И.П. Павлов дар мавриди фаъолияти олии асаби инсон хеле мубраму аз ҷиҳати илмӣ асосёфта мебошанд. Муҳақиқони дигар, ба монанди И.А. Сикорский, Г.Д. Неткачев, Ю.А. Флоренский, М.Е. Хватсев ва дигарон чунин хусусиятҳои психологии кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқдоштаро қайд мекунанд: шарм доштан, ғам хӯрдан дар хусуси нутқи худ, тарсу ҳарос, ва ё баръакс қатъёбӣ ва дуруштии нутқ.

Муҳаққиқи тоҷик Иматзода Л.М. дар рисолаи илмӣ оид ба инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ чунин овардааст: «Барои ташаккули нутқ шароити муайяни меъёрӣ зарур аст:

1. Кӯдак бояд ҳамаи овозҳои забони модариашро дуруст ба забон орад;
2. Роҳ надодан ба тағйири овозҳо, ҳиҷоҳо ва иваз карда шудани калимаҳо (сохти ҷобаҷогузории ҳиҷоҳоро риоя кардан);
3. Ба қадри кофӣ доштани захираи луғавӣ (лексика);
4. Донистан ва фаҳмидани аҳамияти калимаҳои истифодашаванда;

Интихоб карда тавонистани калимаҳо дар ҷумла.

5. Барқарор карда тавонистани робитаи чизҳои нақл кардашуда (ҳикоя, нақл)». [86,65]

Ефименкова Л.Н. таъкид менамояд, ки «Аҳамияти омӯзиши нутқи барвақтӣ, дар панҷ соли аввали ҳаёт дар рушди малакаҳои нутқи кӯдакон нақши калидӣ мебозад. Равоншиносон чунин давраро сабаби бебаҳсӣ, яъне «солҳои мӯъҷиза» меноманд. Дар ин давра мағзи сар ва

вазифаҳои он фаъолона инкишоф меёбанд. Физиологҳо изҳор медоранд, ки омӯзонидани вазифаҳои системаи марказии асаб дар давраи рушди табиии худ қулайтар аст. Зеро бе омӯзиш, рушд метавонад суст ва ё ҳатто абадан қатъ шавад.»[73,41]

Муҳаққиқи тоҷик Т.Ҳақназаров чунин қайд менамояд, ки масъалаи таҳқиқи амалии кӯдакони томактабии нуқсонҳои нутқдошта дошта то имрӯз пурра баррасӣ нашудааст. Олим Р.Е. Левина оид ба нуқсонҳои нутқ дар кӯдакон сохтори таҳқиқи кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта таҳқиқ намудааст, ки он барои муқаррар намудани ҳаҷм ва давомнокии машғулиятҳои логопедӣ дар масоили ислоҳоти нуқсонҳои нутқдошта имконият медиҳад ва фардияти кӯдакони томактабиро меомӯзад.

Аз ҷумла, муҳаққиқ менависад: «Масъалаи таҳқиқи амалӣ чунин ҷиҳатҳоро ошкор карда метавонад:

1. Дараҷаи нутқи мустақилонаи кӯдак (нутқи вазъиятӣ, шаклҳои нутқи контекстӣ);

2. Хосиятҳои амалҳои нутқӣ (улфатпазирӣ, истодагарӣ, шиддатнокӣ, хусусияти аксуламал ба тағйироти шароитҳои муошират, танзими нутқ, суръат);

3. Хислатҳои рафтори умумӣ (ангезиш, сустӣ, тобиши таъсиррасон);

4. Ҳолати ҷараёнҳои психофизиологӣ (устувории диққат, мушоҳидакорӣ, қобилияти зоҳир намудани як қатор ҷузъиёт, гузариш ба чизе, қобилияти корӣ, воридшавӣ ба фаъолият, бефаъолиятӣ, майл ба ҳолатҳои гуногун).»[120,215]

Шартан гуфтан мумкин аст, ки нутқи шифоҳӣ аз се қисм иборат аст Инро паҳлӯҳои нутқ меноманд.

Расми 1.



Расми 2. Қисмҳои нутқи шифоҳӣ.

Дар бисёр ҳолатҳо нуқсонҳои нутқ сабаби қафомонӣ ва аз худ карда натавонистани барномаи таълим ва қафомонии кӯдак мегардад. Мавҷуд набудани дараҷаи кофии захираи луғавӣ, ташаккул наёфтани сохти грамматикии талаффузи нутқ ва нодуруст талаффуз кардани садоҳо ба кӯдакон имконият намедиҳад, ки баробари кӯдакони солим пеш раванд.

Шароити беҳтарин барои бартараф кардани нуқсонҳои нутқ дар синни томактабӣ мактабҳои махсуси таълимии кӯдакона мебошанд, ки барои кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта ташкил шудаанд. Дар чунин мактабҳои таълимӣ кӯдакон тарбия ва таълими дилхоҳ мегиранд. Дар мактабҳои таълимии томактабӣ барои кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ бояд муррабияҳои ботаҷриба ва аз илми логопедия огоҳ кору фаъолият намоянд. Аксари кӯдакони мактабҳои махсуси таълимии кӯдакона ба МТМУ мегузаранд ва қисми дигарашон ба МТ логопедӣ равона карда мешаванд, ки минбаъд дар он ҷо табобат гирифта, ислоҳ мешаванд.

Солҳои охир талаботи аҳолӣ ба ёрии логопедӣ хело афзоиш ёфтааст. Аз ин рӯ, талабот ба МТ махсус барои кӯдакони нутқашон ноқис торафт меафзояд. Дар шароити имрӯза дараҷаи инкишофи илмҳои логопедӣ ва методикаи кор, ки роҳ ба усулҳои бартараф кардани нуқсонҳои нутқро пешбинӣ менамояд, ниёз ба инкишофро дорад. Дар ин хусус муҳаққиқи ватанӣ, профессор Маҷидова Б. дар дастури таълимии «Асосҳои логопедия» чунин ибрози ақида намудааст: «Дуруст ва бенуқсон муоширát кардани кӯдакон имконият медиҳад, ки онҳо фикру ақидаи худро дар бораи олами атроф баён намоянд ва ба муносибатҳои хамдигарӣ ноил шаванд.» [146,87]

Дар солҳои охир дар Тоҷикистон барои ташкили кори чунин мактабҳои таълимӣ заминаи мусоид фароҳам пайдо гардидааст. Талаботҳои асосӣ муайян шуда, мақсади асосӣ иборат аст:

- аз бартараф кардани намудҳои гуногуни нуқсонҳои шифоҳӣ ва хаттии нутқи кӯдакон;

- пешниҳоди амиқ ва бошууронаи ташаккули сохти грамматикии нутқ ва талаффузи дурусти овозҳо;
- солимгардонии равонӣ ва ҷисмонии кӯдакон ба воситаи дуруст ташкил кардани реҷа ва корҳои махсуси ислоҳӣ- тарбиявӣ дар гурӯҳ ва дар машғулиятҳои таълимӣ;

Шаклҳои гуногун ва намудҳои зиёди ноқисии нутқ ва гуногунии имкониятҳои бартараф кардани онҳо дар кӯдакон водор месозанд, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ шароит муҳайё карда шавад, ки ба инкишофи хамаҷонибаи нутқи кӯдакон мусоидат намоянд. «Дар чунин МТТ бояд чунин ҷанбаҳоро барои ташкили муҳити фарогир бо кӯдакони нутқашон солим ба инобат гирифта шавад:

1. барои кӯдакони мубталои алалия, дизартрия, дислалияи мураккаб, дисграфия ва ғайра;
2. барои кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ ва суханашон барои атрофиён нофаҳмо.» [165,87]

Мутахассисон ва мураббияҳо бояд низоми таълимро беҳтар донад, бо усулҳои кор бо логопедҳо бештар шинос бошад, бо кӯдакони нуқсонҳои нутқ дошта кор бурда тавонад. Мураббия бо кӯдакон машғулиятҳои гурӯҳӣ ва дар давраи берун аз гурӯҳӣ машғулиятҳои инфиродӣ баҳри ислоҳи нутқ барад, ки ин донишу маҳорати зиёдро талаб менамояд.

Мутахассиси МТ махсус масъулияти зиёдеро дар зима дорад ва дар боқимондаи вакт бо кӯдакон мураббиён машғул мебошанд. Мураббӣ бояд дониши гирифтаи кӯдаконро мустаҳкам намояд, ба онҳо ва инкишофи мубодилаи нутқ, малакаҳои худхизматрасонӣ, тозагию беҳдошт диққати махсус диҳад. Мураббӣ уҳдадор мебошад, ки хусусиятҳои фардии кӯдак ва хусусиятҳои нуқсонҳои нутқи онҳоро хуб омӯзад. Ҳар як гурӯҳи МТМ бояд мураббии худро дошта бошад ва бо ҳамон 8-12 нафар кӯдак кори доимӣ барад.

Дар самти логопедия ба мураббия бояд логопед-методисти мактабҳои таълимӣ ёрии методиро расонад. Яке аз вазифаҳои ӯ ғайри

машғулиятҳои бевосита бо кӯдакон, маслиҳат ба мураббия, иштирок дар машғулиятҳо, банақшагирӣ ва гузаронидани корҳои логопедӣ мебошад. «Мураббия ва логопеди МТ вазифадоранд, ки дар рафъи нуқсонҳои нутқи онҳо ба воситаи меҳнат корҳои зиёдеро амалӣ намоянд. Дар МТ махсус барои кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ хизматрасонии тиббӣ мавқеи асосиро дорад. Чорабиниҳои нутқидошта ва табобатӣ барои кӯдакон ниҳоят муҳим мебошанд. Дар ҳайати ходимони тиббӣ духтурони рӯҳ, асабшинос, духтури кӯдакона бояд мавҷуд бошанд. Ғайр аз ин МТ бояд мутахассиси доимии касбӣ дошта бошад, ки варзиши табобатӣ гузаронад ва хоҳари шафқате бошад, ки навбатдории шабонарӯзиро таъмин намояд. Дар назди МТМ утоқи нағз таҷҳизонидашудаи варзиши табобатӣ ё физотерапевтӣ, инчунин утоқи варзишии табобатӣ ё масҳ мавҷуд бошад. Бисёр манфиатнок аст, агар аз табобати обӣ ба таври васеъ истифода бурда шавад.»[104,17]

Ба МТМ онҳое қабул мешаванд, ки танҳо нуқси нутқ доранд, кӯдаконе, ки мубтало алалии, афазия, параличи забон мебошанд. ММТК барои кӯдакони нуқсонҳои вазнини нутқ дошта - ин пеш аз ҳама мактаби таълимии кӯдакона мебошад, ки дар он таҳсил бо чорабиниҳои табобатӣ- пешгирӣ мувофиқат кунад. Лекин ин чорабиниҳо дар шароити МТМ табобати зарурӣ ва нигоҳубини кӯдаконро пурра таъмин созанд.

Гурӯҳи зиёди кӯдаконе мавҷуданд, ки норасоии забони онҳо чандон ҷиддӣ нест ва онҳо дар МТТ таълиму тарбия гирифта, оҳиста-оҳиста ислоҳ мешаванд. Чунин нуқсонҳои нутқ ( норасоӣ дар талаффузи баъзе овозҳо, норавшан талаффуз кардан, лакнати сабуки забон) бояд ба таври фаврӣ бартараф карда шаванд, набошад дар акси ҳол ба одат табдил меёбанд. Дар ин маврид аз педагог ҳушёрии бештар ва заҳмати сахттар талаб карда мешавад. Аз ин рӯ дар ҳама ҷо мактабҳои логопедӣ заруранд ,то ки ба кӯдакони муҳтоҷ ёрӣ расонанд.

Дар корҳои А.Н.Гвоздев, И.А. Сикорский,Н.Х Швачкин, Б.Китерман оид ба талаффузи кӯдакони нутқашон нуқсондошта дар ҷои аввал ислоҳнамоии овозҳои ҷудогона гузошта мешавад. Талаффузи

ҳиҷогии калима барои кӯдакон мушкилии зиёдеро пеш меорад ва баргузории корҳои логопедӣ диққати махсуси мураббия ва логопедро талаб менамояд.

Сикорский И.А. аз мушоҳидаҳои хеш далелҳоеро пеш меорад, ки «бисёри кӯдакон метавонанд тавсифи садоӣ ва ҳиҷогии калимаро аз худ намоянд. Дар бисёри корҳо ба масъалаи аз худ кардани таркиби калима аз тарафи кӯдакони инкишофи нутқашон муттадил оварда шудааст. А.Н.Гвоздев аз худ кардани таркиби ҳиҷогии калимаро дар забони русӣ мушоҳида менамояд ва бо он асоснок менамояд,ки таркиби ҳиҷоии калима дар забони русӣ бе зада якхел нест.»[56,43]

Фикри анологӣ дар масъалаи фаҳмидани таркиби ҳиҷогии калима аз ҳама беҳтар дар заҳматҳои Капранова С.В. дида мешавад. «Дар ин ҷода аҳамияти калонро Капранова С.В. ба қувваи талаффузи ҳиҷоҳо медиҳад. Ӯ ба давомдор талаффуз шудани садонокҳо, равшанӣ ва наздикии он ба навъҳои фонетикӣ диққати махсус медод. Ҷараёни аз худ кардани таркиби ҳиҷогии калима танҳо дар алоқа бо инкишофи умумӣ ва нутқии кӯдак фаҳмида мешавад. Дар ин ҷо ҳолати хотираи нутқидошта, имкониятҳои артикулии ӯ, инкишофи паҳлӯи фаъолияти мақомии ӯ дар назар дошта шудаанд.»[95,49]

Ба мазмуннокии маводи инкишофи нутқи кӯдак нигоҳ накарда, онҳо танҳо як паҳлӯи ночизи ин масъаларо фаро мегиранд. Пайдоиши ин маводҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаи аз худ кардани таркиби калима на танҳо ҷои махсусро дар қатори мушкилиҳои психологӣ ва лингвистика ишғол менамояд, балки дар навбати таҷрибаи махсуси нутқидоштаӣ гузошта мешавад. Масъалаи аз худ кардани таркиби ҳиҷогии калима аз ҷониби кӯдакони алалик омузиши махсусро талаб менамояд.

Дар бораи методҳои бартарафнамоии нуқсонҳои нутқдошта дар машғулиятҳои рӯ ба рӯ дар шароитҳои гуногун олим Р.Е.Левин мавриди коркард қарор ёфтааст. Ӯ исбот намудааст, ки дар кӯдакони нуқсонҳои нутқдоштадошта баъзе шаклҳои оддии нутқ аз рӯзҳои аввали таълим

дида мешавад. Чунин нутқ нутқи вазъиятӣ мебошад, ки ҳангоми мавҷуд будани маводи аёнӣ дар пеши чашми кӯдак дар вақти гапзанӣ ба амал меояд.

Яке аз нишонаҳои лакнати забон ин вайроншавии нутқи бачагон мебошад, ки ҳангоми сухан гуфтан забони онҳо ба лакнат дучор мешаванд. Лакнат – ногувории нутқ, чун қоида аз талаффузи овози аввал ба вуқуъ мепайвандад. Аломати аввал он аст, ки шахси лакнат дошта, назорати органҳои нуткро аз даст медиҳанд. Дар ин ҳолат мардҳо нисбат ба занҳо се маротиба зиёд азоб мекашанд. Олимон тараққиёти системаи асаби ҳарду ҷинсро муайян намудаанд.

Лакнат дар натиҷаи ғалатҳои асаб, майнаи сар, рафти тараққиёти нутқ ба вуҷуд меояд. Дар ҳар сурат бояд фаҳмад, ки ин вайрошавии характери психологии кӯдакон мебошад. Баъзан, сабаби ба лакнат дучор шудани кӯдакон худи падару модарон мебошанд. Онҳо маҷбур мекунад, ки калима ва ҷумлаҳои мураккабро аз ёд намоянд. Албатта, рушду нумӯи кӯдак оҳиста – оҳиста ба вуҷуд меояд, ӯ ба иҷро намудани ин вазифа қодир нест, барои аз ёд кардан хоҳиш ва имконият надорад. Дар ин ҳолат шавқу завқи кӯдакро ба эътибор гирифтан лозим меояд.

Агар дар нутқи кӯдак лакнат пайдо шавад, ягон дониш ба ӯ кумак карда наметавонад ва ба ӯ захираи луғавии элементарӣ намерасад. Баъзе вақт ба дуруст гапзании халал ворид гашта, тез – тез гап мезанад. Кӯдак то ба дараҷае саросема мешавад, ки дар асоси тез гап задан ба мушкилии овоз рӯ ба рӯ шуда, як фикрро чандин маротиба такрор мекунад.

Дар ин маврид муҳаққиқ Д.Салямова чунин қайд мекунад: «Кӯдакони лакнатдошта аксаран дар муошират аз нигоҳи иҷтимоӣ дучори мушкилӣ мегарданд ва баъзан мумкин аст, ки бо дигарон муошират анҷом дода натавонанд, зеро дар онҳо маҳорати нутқ ҳамчун воситаи муошират бо дигарон инкишоф наёфтааст. Аз ин сабаб, кӯдакони онҳо мушкилӣ дар инкишофи шахсияташон дошта, дар онҳо

сифатҳои нобоварӣ ба худ, ҳиҷолатзадагӣ, шиддатнокӣ ҷой дошта, боиси зуҳури таъсири мутақобили руйи ҳамдигарӣ мешавад».[198,68]

Дар давраи ҳозира ду сабаби ба вуҷуд омадани лакнати забонро муайян намуданд;

**Ба сабаби якум,** кашолакории неврологияи волидайн асабӣ, касалиҳои гузаранда, сустии системаи асаб ба назар марасад, ки асаби онҳоро бисёр хароб мекунад. Онҳо шаб метарсанд, қисмашон ба ларза меояд, шиддатнокии ҳиссиёташон зиёд мешаванд. Баъзан, баъди таваллуд аз сабаби суст будани аппарати нутқ, вайроншавии мағзи сар аз насл ба насл ҳам мегузарад.

**Ба гурухи дуюм** сабабҳои анатомӣ – физиологӣ (касалиҳои ҷисмонии зарб ва осеб дидани мағзи сар, сустшавии системаи асаб, такмил наёфтани аппарати дислали ва дизартри), психики ва сотсиалӣ (осеби психикӣ, тарбияи нобаробар, ғамхӯри сер бор будани кӯдакони мактабхон бо маводҳои ба нутқ вобастабуда) дохил аст.

Дар давраи ҳозира барои нест кардани лакнати забон методҳои комплекси - тиббии педагогиро истифода менамоянд:

1. Табобати терапевтӣ барои шифоёбии организми системаи асаб;
2. Таъсирпазирии психотерапевтӣ;
3. Машғулиятҳои амали бо логопедҳо.
4. Таъмин намудани шароити мусоиди сотсиалии гирду атроф тибқи меъёри мавҷуда.

Табобати лакнати забон. Мардумон табобати лакнати забонро барвақт оғоз намуда буданд. Донишманди Юнон Демосфен аз ин бемории вазнин азобҳои зиёд дида буд. Барои халосхӯри аз ин бемори ӯ сангчаро ба даҳон гирифта, ба сухангӯи сар кард. Ҳангоми мавҷи нооромии об нутқи муракаб эрод мекард. Аз ин амал суханвари машҳур шуданаш маълум буд, ки ӯ бо ҳамин роҳ ин беморо паси сар кард. Дар асри 19 пизишкон бо методи ҷарроҳӣ бемории лакнати забонро табобат макарданд: аз чунин беморон як қатор мушакҳоро дур мекарданд. Гуфтан мумкин аст, ки бемории лакнати забон бемории сабук нест, аз он

фақат бо ёрии скалпелӣ халос шудан мумкин аст. Имрӯз ин бемориӣ аз тарафи пизишкон табобат карда мешавад.

**Машқи логопедӣ.** Бо логопедҳо мунтазам коркардан лозим меояд, ки ин машғулият 8-9 моҳ идома меёбад. Мақсади асоси ба беморон омӯхтани дуруст сухан гуфтан аст. Логопед аз машғулияти содда одди сар карда то ба масъалаҳои мураккаб мерасад. Дар машғулиятҳо ба бемор мефаҳмонад, ки саросема нашуда, ором ҳамвор гап занад ва баъдан таъкид менамояд, ки дуруст нафас кашад. Барои ин ба бемор мефармояд, ки машқҳои махсуси нафаскаширо ба ҷо орад. Барои он ки ба кӯдак осон бошаду хурсандӣ кунад, системаи гуногуни бозиҳои мусиқиро ба кор бурдар ба маврид аст. Кӯдакон пеш мераванд ва дар таҳти садои мусиқӣ гап мезананд. Ин машғулияти бисёр фоиданок аст, ин ба беморон имконият медиҳад, ки муҳаррики нутқи онҳо рушд ёбад.

## 1.2. Нутқ ва аҳамияти он. Сабабҳои ба вуҷуд омадани нуқсонҳои нутқӣ дар кӯдакони синни томактабӣ

Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки нутқ ва тафаккур бо ҳам дар алоқаи зич қарор доранд ва ҳангоми вайроншавии функсияи яке аз онҳо боиси вайроншавии функсияи дигари он мегардад. Дар иҷрои функсияҳои онҳо пеш аз ҳама қишри нимкурраи чапи майнаи сар нақши беҳамто мебозад ва дар ҳолати нуқсон пайдо кардани ин қисмат ба ҷараёнҳои нутқ ва тафаккур таъсири манфӣ мерасонад.

Яке аз методҳои асосии таҳқиқи қисми сохторҳои майнаи сар дар идроки ангезандаҳои мураккаби акустикӣ, аз он ҷумла нутқӣ омӯзиши хусусиятҳои ҷараёни таҳлили омилҳо дар бемористони неврологӣ мебошад. Л.С. Виготский пеш аз ҳама сабаби инро дар номувофиқатии ҷонибҳои маданию биологӣ нишон медод ва имконияти бартараф сохтани нуқсонро дар ташкил ва инкишофи роҳҳои инкишофи маданӣ ва тарбиявӣ мебинад: “Бар асари ин нуқсон сабаби норасоӣ ё лат хӯрдани узвҳои алоҳида гардида, дар бадан тағйирот ба вуҷуд меорад ва бо ҳамин раванди муътадили инкишофро вайрон месозад. Ин душворӣ, пеш аз ҳама дар соҳаи инкишофи маданию психологии кӯдак, ба хусус дар ҳаракатҳои олии рӯҳ ва тарзи рафтору гуфтори ӯ равшан ифода меёбад.». [54,133]

Баъд аз С.Л. Виготский, ки принсипҳои асосии психологии танзим ва ташаккули функсияи нутқиро кор карда баромадааст, А.Р. Лурия дар асоси маводи зиёди клиникӣ танзими нутқро “ҳамчун воситаҳои алоқа, муошират қайд намуд ва нутқро ҳамчун қисми таркибии ҷараёнҳои равонии тафаккур ва шуур дида баромад.” [54,88]

Ҳангоми коркарди асоси физиологии функсияи нутқӣ аломатҳои асосии инъикоси олами ботинӣ (субъективӣ) ва беруна (объективӣ)-ро ошкор кардан зарур аст, ки ин инъикос бояд пеш аз ҳама механизми тақсимоти аломатҳои мавҷудбудаи омилҳои беруна ва таносуби ин нишонаҳоро дар бар гирад. Дигар қисми таркибии механизмҳои ба

танзимдарорандаи функсияи нутқӣ таъминоти ягонаи фаъолияти бамақсад, нигоҳдошти масъала ва якҷоянамоии фикрҳо асос меёбад ва чунин масъалаю фикрҳо ҳамчун нутқи ботинӣ мушаххас дида баромада мешавад, ки барои воқеӣ гардонидани нутқи ботафсил замина мебошад. Воқеигардии нутқ ҳангоми алоқаи мутақобилаи ин ду ҷиҳат, яъне гностикӣ (якум) ва динамикӣ (дуюм) таъмин карда мешавад.

«Оид ба сифатҳои гностикии нутқ тасаввуротҳои дар психология ва патопсихология мавҷудбуда басанда нестанд, то ин ки дар хусуси принсипҳои танзими онҳо фарзияҳо гуфтан мумкин бошад. Аз дигар тараф, дониш дар бораи механизмҳои нейрофизиологии тафаккур низ ба пуррагӣ мавҷуд нест. Дар алоқамандӣ бо ин ҳоло оид ба мазмуни қиёсии форматсияҳои алоҳидаи қишрӣ ва зерқишрӣ дар танзими тафаккур танҳо тасаввуротҳои умумӣ мавҷуданд». [49,40]

Масъалаи принсипҳои танзими ҷиҳати динамикии нутқ пурратар коркард шудааст. Маводи зиёди клиникӣ ҷамъ шудааст, ки бештар вайроншавиҳои нутқро дар бар мегирад ва нишон медиҳад, ки иллатҳои марказии нимкураи чап ба вайроншавии функсияи нутқ оварда мерасонанд.

Мувофиқи ақидаи Р.Я. Лурия “Дар натиҷаи вайроншавии маркази шинохтани овозҳои нутқӣ на нестшавии образҳои алоҳидаи акустикии хотир, балки ҷудошавии овози мураккаб дида мешавад, ки туфайли он тақсим ва нигоҳдошти аломатҳои мавҷудбудаи барои тафовути фикрӣ зарурбуда имконнопазир мегардад. Асоси вайроншавии маҳсули нутқӣ чун нутқи экпрессивӣ (тез) дар бенизомии барномаҳои ҳаракатӣ ифода меёбад, ки онҳо кори узви мураккабтарини артикулятории (тарзи талаффуз) инсонро таъмин мекунанд.” [134,144]

Ҳеҷ вақт вайроншавиҳои ягон ҷиҳати нутқи экспрессивӣ ва ё дарки он танҳо бо камбудиҳо маҳдуд намегарданд. Пароканиши нутқи экспрессивии алоқаманд бо вайроншавии сохторҳои динамикии калимаҳо ба пароканиши ягонагии овоз ва маънӣ, яъне ба вайроншавии фаҳмиши нутқ оварда мерасонад. Ҷудошавии овози фонематикӣ, ки он

бевосита нофаҳмоии маънии калимаҳоро пешбинӣ мекунад, ҳатман ба вайроншавии нутқи экспрессивӣ бурда мерасонад. Дар алоқамандӣ бо он, ки нутқи психологӣ механизми ягона мебошад, ҳар як вайроншавӣ ҳатман ба вайроншавии тамоми системаи функсионалии нутқ меорад ва дар натиҷа ба вайроншавии тафаккур мусоидат мекунад.

Новобаста аз оне, ки ҳар як функсияи нодурусти нутқӣ ба камбудии умумии нутқӣ ва ба пастравии сифати системаи муошират оварда мерасонад, исботҳои дуруст мавҷуданд, ки иллатҳои гуногуни майнаи сар оқибатҳои худро дошта, бо норасоиҳои нутқӣ фарқ мекунанд.

Клиникаи иллатҳои марказии майнаи сар доири амалиёти нутқӣ маводи бой дорад ва вайроншавиҳои нутқиро бо ҳудудҳояш муайян мекунад. Ба ғайр аз ин дар тадқиқотҳои клиникӣ баъзе шаклҳои норасоиҳо-афазияҳои нутқӣ низ тадқиқ карда шудаанд. Ҳангоми вайроншавии майдонҳои қишрии қабати чакагӣ ва чакагӣ-фарқи сар вайроншавиҳои дарки нутқ аввалиндараҷа мебошанд; тарафи экпрессивии он алаккай дар натиҷаи вайроншавии механизмҳои дарккунӣ зарар мебинад.

Сабабҳои вайроншавии нутқ метавонанд гуногун бошанд. Ба рушди он метавонад ҳам омилҳои беруна ва ҳам омилҳои дохилӣ нақш бозад, ки дар он на танҳо фаҳмидани сабабҳои органикӣ марказӣ ва периферӣ, функсионалии вайроншавии нутқ, балки фаҳмидани он ки чӣ гуна таъсири манфӣ ба организми кӯдак боиси вайроншави нутқ мегардад, муҳим аст.

«Барои ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ омилҳои экзогенӣ-органикӣ истифода бурда мешавад, ба монанди:

- сироятҳои вирусӣ ва нейроинфексияҳои модар ҳангоми ҳомиладорӣ;

- истифодаи доруҳо;

- радиатсияи сирояткунанда;

- майзадагӣ ва тамокукашӣ ҳангоми ҳомиладорӣ;

- номувофиқатии хуни модар ва ҷанин (системаи гурӯҳҳои хун, ва дигар антигенҳои ҳуҷайраҳои сурхи хун).»[8,28].

Осеби мағзи сар дар батни модар боиси нуқсонҳои шадиди нутқ мегардад, ки он метавонад бо нуқсонҳои гуногуни рушд ҳамроҳ шаванд, ба монандӣ: шунавоӣ, биноӣ, ҳаракатӣ зеҳнӣ ва ғайра. Аз ҷумла:

- Паталогияҳои сершумори акушерӣ, аз қабили коси хурд, таваллуди тӯлонӣ ё босуръат, кандашавии бармаҳали пардаҳо, печидани ноф, шаклиғайримуқаррарии ҷанин ва ғайра, метавонанд ба рушди ҷанин таъсир расонанд;

- Асфиксия ё норасоии оксиген дар ҷанин ҳангоми таваллуд низ хатари ҷиддӣ эҷод мекунад, ки ин метавонад ба осеби таваллуд, хунравии дохили косахонаи сар ва марги ҳуҷайраҳои асаб оварда расонад. Ин, дар навбати худ, боиси вайроншавиҳои гуногуни нутқ, махсусан вайроншавии пайдоиши кортикалӣ, ба монанди алалия мегардад. Агар осеби мағзи сар ба сохторҳое, ки барои фаъолияти мотории нутқ, дар қишри майнаи сар ҷойгир аст масъуланд, таъсир расонад, он пеш аз ҳама ба артикулятсияи нутқ, ки бо номи дизартрия маълум аст,таъсир мерасонад;

- Норасои дар шунавоӣ;

- Норасоиҳо дар сохтори дастгоҳи артикулятсионии он, аз ҷумла сохторҳои скелетӣ ва мушакҳои он. Ин нуқсонҳо метавонанд модарзодӣ ё пайдоишӣ бошанд.

Дар байни онҳо пардачаи кӯтоҳшудаи забонӣ, аномалияҳои ҷоғ, ки ба намудҳои гуногуни нодурусти хобиши дандонҳо (прогнатизм, прогения, ҷоғи кушода) оварда мерасонанд, ҷойгиршавии нодурусти дандонҳо ва сурохиҳои мобайни дандон ва аномалияҳои танг (баланд «готикӣ», гунбазшакл, паст, ҳамвор) мебошанд. Лабишикоф, коми сахт ё мулоим, варамҳои бинӣ ва каҷ шудани девораҳои бинӣ низ ба ин бемориҳо дохил мешаванд. Мушкилоти нутқи органикӣ метавонанд боиси дислалия ва ринолалия шаванд. Сабабҳои функсионалӣ номутавозинии байни ангезиш ва боздорӣ, инчунин омилҳои иҷтимоӣ ва

равонӣ, аз қабили муҳити маҳдуди нутқ, набудани муошират, набудани намунаҳои идеолӣ, осеби равонӣ, беэътиноӣ дар таълим ва дузабонӣ мебошанд.

Олими рус Н.Ю. Борякова қайд менамояд, ки нутқ метавонад бо сабаби омилҳои дохилӣ, ба монанди заъфи ҷисмонӣ, норасоги дар инкишоф, бемориҳои узвҳои дохилӣ, рахит ё вайроншави мубодилаи моддаҳо, ба вуҷуд меояд ва чунин қайд мекунад: "Дар чунин ҳолат чапдастӣ низ омили хавфи биологӣ барои мушкилоти нутқ ҳисобида мешавад. Омилҳои ирсӣ дар рушди вайроншавии нутқ дар кӯдакон нақши муҳим мебозанд. Онҳо аксар вақт шароитеро фароҳам меоранд, ки дар он мушкилоти нутқ дар якҷоягӣ бо таъсири беруна ва омилҳои иҷтимоӣ зоҳир мешаванд."[31,23] Сабаб ва норасоиҳои воситаҳои нутқи шифоҳӣ дар ҷадвали 3 оварда мешаванд.

Ҷадвали 1.

| **Сабабҳои авлодӣ(бемориҳои геннӣ ва хросомӣ)** | **Сабабҳо: Ҷароҳатӣ:** | **Сабабҳо:** |
|---|---|---|
| -Гитоксӣ (кислотаи дарунии гуруснакашӣ)ю<br>-Ҷароҳатӣ (дохилисарии хунрезӣ).<br>-Биологӣ (таъсирпазирии вирусҳо бактерияҳои содда).<br>-Химикӣ (дору, никотин, бадмастӣ, маводи муқаддир, зарарҳои экологӣ, витаминҳо).<br>-Радиактивӣ (таъсири шуоҳо).<br>-Психологӣ – сотсиалӣ (афсурдаҳолӣ, рӯҳафтодагӣ, тареҳои модарони оянда).<br>-Касалҳои занона дар вақти ҳомиладорӣ (бемориҳои тунд ва кӯҳна). | **-**Ҷароҳати таваллуд (зарар дидани асабҳои пушт ва сар; хунрезии дохилисарӣ; диафрагма; варами сар, зарар дидани рагҳо асаб);<br>-Патологияи акушерӣ–генекологӣ.<br>-Асфиксӣ (гуруснагии кислородии ҳосил дар вақти таваллуд)<br>- Норасидӣ. | -Авлодӣ (баргузории нутқ дар давраи ба вуҷудоӣ)<br><br>-Биологӣ (сирояти бактерияҳои касалиовари асаб, сирояти бактерияҳои вирусӣ).<br><br>- Бемориҳои ҷисмонӣ. (сустшавӣ ва бемориҳои куҳна)<br><br>- Химиявӣ. Сотсиалӣ – психологӣ (шароити тарбия дар оила). |

Маълумоти дар ҷадвал овардашуда ба таври пурра нест, вале давраҳои гуногуншавии қатъии инкишофи нутқи кӯдак номбар шуданд.

Барои он давраи дигаргунии қатъӣ номида мешавад, ки ин давраи бисёр хатарноки пайдошавии ноқисиҳои нутқи кӯдак мебошад. Чун қоида ин давраи хатарнок боиси пайдоиши вайроншавии кори узви бадан ё баромадан ба дараҷаи сифатҳои нави баланд мегардад. Мисол, баъди он ки кӯдак баъзе калимаҳои ҷудогонаро ба забон меорад.

Дар ин давраи бисёр мушкил дар нутқи кӯдак метавонад ноқисиҳо ба вуҷуд ояд. Тадқиқот муайян мекунад, ки ин норасоиҳо метавонад, ҳангоми омузиш дар мактаб боз зиёдтар гардад. Ҳамин тавр, давраи дигаргуншавии қатъӣ бо як дигар муносибат кардан се сабаби асосии вайроншавии нутқро нишон медиҳад.

Ҷадвали 2.

| № | Давраҳо | Давраи аввали мушкилот. 1-2 сола | Давраи мушкили дуюм. 3-4 сола | Давраи мушкили сеюм. 5-7 сола. |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тавсифномаи давраи нутқ | Ба шакли муайян даровардан ва саршавии тараққиёти нутқ; ҳаракатёбии қувваҳои рушди нутқ ва талабот ба робита | Нутқи алоқаманд шиддатнок тараққӣ меёбад. Вазъияти нутқи алоқаманд тадриҷан ба матн мегузарад | Саршавии аввали нутқи хаттӣ |
| 2 | Тағйирёбии механизми нутқ | Тараққиёти бошиддати решаҳои маҳали нутқ | Баробарӣ дар кори системаи маркази асаб ва ба танзим даровардани рагҳои асаб | «Канда шудан»-и фаъолияти системаи асаб аз афзоиш ёфтани вазнинӣ дар маркази системаи асаб |
| 3 | Чӣ хатар дорад? | Манъ шудани тараққиёти нутқ, рушд наёфтани нутқ | Забон гирифтан, тира шудан, оқибмонии рушди нутқ | Гирифтани забон |

Чунин хулоса бояд кард, ки вайроншавии нутқ ба тарзи талаффуз ва қабулкунии он вобаста аст. Вайроншавии дарки нутқи кӯдак натанҳо сабабҳои гуногун дорад, балки худ сабаби дигар вайроншавиҳо метавонад бошад. Шакли дуюми калони вайроншавӣ ба нутқи гуфтугӯӣ

вобаста аст ва норасогии инкишофи малакаҳио фаъолияти ҳаракатии нутқ сарфаҳм нарафтан ба нутқи шахсӣ мебошад.

Агар нозукӣ, дурустии фаъолияти ҳаракати нутқ (талаффуз) ба ҳисоб гирифта шавад, албатта, аз болои ин назорати ҷиддӣ бурдан ба мақсад мувофиқ аст. «Дар ин мавридҳо назорати вайроншавии нутқ ва пайдошавии ноқисиҳои он шартан ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешавад: марказӣ ва системаи ғайримарказии асабҳо.

1. **Бо системаи марказии асабҳо вайроншавӣ**, ғазабнокӣ ва харобшавии қитъаҳои асаб, ки ба ҳаракатҳои нутқ ҷавобгар аст, дохил мешавад. Дар натиҷа, барқароркунии малакаҳои гуфтугӯӣ душвор мегардад. Тартиб додани нақшаи нутқи гуфтугӯӣ ва ҳаракати узвҳои ба вуҷудорандаи овозҳо (талаффузкунанда), ки дар мавриди аввал онро муҳаррики алалӣ ва дуюм дизартрӣ меноманд.

2. **Шаклҳои гуногуни анатомии узвҳои талаффуз.** Вайроншавии системаи ғайримарказии асабҳо ба ноқисҳои узвҳое, ки барои талаффуз лозиманд, вобаста аст. Тавлидёбии тараққии (ноқисиҳо), (тангнои лабҳо ҳисобидан мумкин аст) дар халқ ин норасоиҳоро «лаби заргӯш», «заргӯшлаб»ва «гургдаҳон» меноманд. Дар натиҷа тавассути бинӣ нутқи норавшан, нофаҳмо ба вуҷуд меояд. Сохти анатомии овозҳо ё вайроншавии кори узвҳо, норасогиҳои гулӯсадоро нохуш карда то гум шудани овозҳо бурда мерасонад.». [175,56-78]

Олимон кӯшиш кардаанд, ки сабабҳои вайроншавии системаи овозҳои нуткро муайян намоянд. Ҳангоми сухан гуфтан саросема нашуда оромона гап занед. Калимаҳоро истифода намоед, ки кӯдак дар хотир нигоҳ дошта, такрор карда тавонад. Мисол, бозичаеро дар шакли сагбача нишон дода, «ав-ав» гӯед. Мумкин аст кӯдак ин калимаи ба ӯ шиносро такрор кунад. Шояд, баъдан кӯдак бо ҳиссиёти баланд саг чӣ хел садо мебарорад, гов чӣ тавр? гурба чӣ гуна?-ро биомӯзад. Ҳамаи ин омилҳо системаи нафаскашӣ, талаффуз, таъсироти олами иҳотакардаро тараққӣ медиҳад.

Чӣ тавре, ки мо мефаҳмондем, ташаккулёбии нутқи кӯдак ин истеъдоди фаҳмиши нутқи атрофиён мебошад. Барои он ки кӯдак фаҳмад, калимае, ки ба ашёи ишорашуда дахл дошта бошад, ӯ бояд дар бораи он шунавад, онро бинад, бо ашёҳо алоқаманд карда тавонад. Фақат, баъд аз он кӯдак мефаҳмад, ки ҳиссиёти аз ашё ҳосил кардаи ӯ бо калимаҳое, ки мешунавад, мувофиқ меояд ва фарқияти байни калима ва ашёро муайян мекунад. Масалан, аз синни хурдӣ аввалин амалҳои нутқии кӯдак чунин буда метавонанд: «рафтем ам-ам!» ва кӯдак шуморо ба ошхона мебарад, ба курсӣ мешинад, даҳонашро мекушояд. Бо ин аломатҳо метавон фаҳмид, ки ӯ мақсади шуморо эҳсос кардааст. Масалан, кӯдак хоҳиш мекунад, ки «дастатро ба ман деҳ» ва ба ҳамин амал чӣ тавр иҷро кардани онро мехоҳад омӯзад. Баъд аз он ки ин калима бо ҳаракати иҷрошаванда якчанд маротиба мувофиқ ояд, кӯдак акнун ҳаракати даркориро давом медиҳад ва ба ибораи «дастатро ба ман деҳ» ҷавоб медиҳад.

Дар барномаи инкишоф, таълиму тарбияи кӯдакон «Рангинкамон» омадааст, ки: “Ҳанӯз аз синни хурди томактабӣ вазифаҳои инкишофи нутқи кӯдакон, аз ҷумла васеъ намудани захираи калимаҳои ба доираи фаҳмиши кӯдак наздик, бойгардонидании захираи луғавӣ: номи худ ва номи аъзоёни оила, номи ашёҳои маъмули хоҷагӣ, баъзе номҳои ҳайвонот, номи узвҳои бадани инсон, мустаҳкам намудани амалиёти оддии маишӣ ва бозӣ (хоб кун, шин, либос мепӯшем, ба сайругашт меравем) ва аломати ашёҳо муайян гардидаанд. Боиси қайд аст, ки ҳанӯз аз синни хурд ба кӯдакон талаффузи дурусти калима ва водор намудан ба тақлидкунӣ гузаронида мешавад. Захираи луғавӣ бо исмҳое, ки номи бозича, либос, пойафзол, зарф, намудҳои нақлиётро ифода мекунанд; бо феълҳое, ки амалҳои маишӣ (хӯрдан, шустан, тоза кардан), бозӣ (ғелонидан, сохтан ва ғ.) ва амалҳои аз рӯи маъно муқобилро (кушодан-пӯшидан); бо сифатҳое, ки ранг, ҳаҷми ашёҳоро мефаҳмонанд, ғанӣ гардонида мешавад.”[16,14]

Мавриди тарбияи маданияти овозии нутқ  талаффузи бурро, дуруст ва бехатои овозҳои садонок ва ҳамсадо, ҳиҷо ва калимаҳо, талаффузи калимаҳои тақлидӣ-овозӣ бо суръати гуногун (тез, суст, бо қувваи ҳархелаи садо: паст баланд омӯзонида мешавад.  Барои инкишофи аппарати артикулятсионӣ ва овозӣ, нафаскашии нутқӣ машқҳои махсус гузаронида мешавад.

Дар синни 3-4 солагӣ  захираи луғавиаш васеътар мегардад, оид ба рӯйдодҳои гирду атроф фикрашро гуфта метавонад. Саросема нашуда фаҳмо сухан мекунад, ба саволҳои оддии мураббия ҷавоб медиҳад, таасуроти худро оид ба чизи дидааш  ифода менамояд. Талаффузи бурро, дуруст ва бехатои овозҳои садонок ва ҳамсадо, ҳиҷоҳо ва калимаҳо, талаффузи калимаҳои тақлидӣ-овозӣ бо суръати гуногун (тез, суст, бо қувваи ҳархелаи садо: паст баланд) омӯзонида мешавад.

Дар синни 4-5 солагӣ такмили тарбияи маданияти овозии нутқ, талаффузи озоду тозаи калима ва овозҳо, васеъ гардонидани луғат, омӯзонидани гуфтори аз ҷиҳати грамматикӣ дуруст, бо ҷумлаҳои  кӯтоҳ ва муфассал ҷавоб гардонидан,омӯзонидани нутқи мураттаб идома меёбад. Мавқеи овоз дар калима, оҳангнокии нутқи ифоданок омӯзонида ва шунавоии фонематикӣ инкишоф дода мешавад.  Дар кӯдакон маҳорати тоза ва бурро сухан рондан, оҳанги  гуфторро баланд ва паст намудан, омӯзонидан ба воситаи оҳанги гуфтор баён намудани ҳиссиёти худ ташаккул меёбад.

Дар синни 5-6 солагӣ мустаҳкам намудани тарзи дурусти талаффузи овозҳои садонок ва ҳамсадо, омӯзиши ҳатмии талаффузи дурусти  овозҳои ҳуштокӣ, шавшувдор ва ҷарангдор, ташаккули диксия, инкишофи узвҳои нутқронӣ, маҳорати гӯш кардан, идроки фонематикӣ, нафаскашии дуруст мавриди нутқронӣ ба роҳ монда мешавад. Муҳим аст, ки ташаккули маҳорати ба воситаи узви шунавоӣ  фарқ намудани ҳамсадоҳои «сахт» ва «нарм» (истилоҳҳои «сахт» ва «нарм» шарҳ дода намешаванд), муайян намудан ва алоҳида талаффуз кардани овози аввал дар калима, номбар намудани калима бо овози супоридашуда зери

назорати мураббия қарор ёфта, чудокунии овоз дар калима: давомноктар, баландтар, возеҳтар талаффуз кардани овоз назар ба талаффузи овози муқаррарӣ, дар алоҳидагӣ номбар намудани он омӯзонида шавад. Такмил додани диксия, ба кӯдакон бо оҳанги табии саҳеҳу равшан ва фаҳмо талаффуз кардани калимаҳо ва таркибҳоро меомузонанд.

Дар синни 6-7 сола вазифаҳои такмили сомеаи фонематикӣ: ба кӯдакон омӯзондани талаффузи калимаҳо бо овози муайян, дар ҷумла ёфтани калимаҳои дорои ин овоз; муайян кардани мавқеи овоз дар калима (дар ибтидо, дар мобайн, дар охир) ва мустаҳкам намудану ташаккул додани аппарати овозӣ ва артикулятсионӣ гузошта мешавад. Инчунин, истифода намудани тезгӯякҳо барои омӯзонидани тарзи талаффузи овозҳо мувофиқи меъёрҳои забони адабӣ ва маҳорати тағир додани қувва ва садои овоз, суръати нутқ вобаста ба ҳолати баамаломада дар ҷараёни муошироти нутқӣ, аз воситаҳои ифоданокии нутқ дуруст истифода намудан ташаккул дода мешавад.

Дар ҷараёни омодагӣ ба саводомӯзӣ дар муассисаи томактабӣ бо кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта мураббия бояд аз усулу воситаҳои гуногун васеъ истифода барад. Зеро маҳз дар ин давра ҳангоми нутқронӣ «душвориҳое, ки дар фаъолияти ҳамарӯза ба чашм намерасиданд аён мегарданд. Яъне, дар нутқи фаҳмо ва озод душвориҳое, ки қаблан дар фаъолияти ҳамаррӯза ба чашм намерасиданд, падидор мегарданд. [16]

Олимон Т.А.Болдырева, Л.В.Бондарко, Г.А.Волкова зимни таҳқиқот ба хулосае омаданд, ки "Ҳангоми маҳдудшавии мабдаъ дар қисми чакагии қишри нимкураи чап афазияи акустикӣ-ҳиссӣ ба вуҷуд меояд, ки ин афазия дар асоси маҷмӯи аломатҳо вайроншавии овози фонематикӣ дорад. Беморон бо ин шакли афазия пеш аз ҳама дар таҳлили омилҳои акустикӣ душворӣ мекашанд. Дар ин ҳолат дарк ва ҳосилшавии овоз вайрон мегардад. Инчунин, вайроншавиҳои маркази қисмҳои ҳаракатии нутқ низ дар рафти фаҳмидагирии нутқ дидан мумкин аст."[26,28,45]

Дар ҷадвали 3 маълумоти рафти фаҳмиши зинагии нутқи кӯдак пешниҳод мегардад:

**Зинаи 1**
Кӯдак садои калонсолонро гӯш карда, комилан аз интонатсияи он мутаассир мешавад
( 1-2 сола)

**Зинаи 2**
Кӯдак баъзе дастурҳоро фаҳмида ба баъзе калимаҳои фармондиҳӣ итоат мекунад. («Модарро бибӯс», «дастатро ба ман деҳ», «мумкин нест») (2-3 сола)

**Зинаи 3**
**(3-4 сола)**
Захираи луғавиаш васеътар мегардад,. Талаффузи бурро, дуруст ва бехатои овозҳои садонок ва ҳамсадо, ҳиҷоҳо ва калимаҳоро метавонад Бо суръати гуногун (тез, суст, бо қувваи ҳархелаи садо: паст баланд)
нутқ мекунад

**Зинаи 4**
**(4-5 сола**
Омӯзонидани мавқеи овоз дар калима, оҳангнокии нутқи ифоданок, шунавоии фонематикӣ дода мешавад. Дар кӯдакон маҳорати тоза ва бурро сухан рондан, оҳанги гуфторро баланд ва паст намудан, омӯзонидани ба воситаи оҳанги гуфтор баён намудани ҳиссиёти худ ташаккул меёбад.

**Зинаи 5**
**(5-6 сола)**
Мустаҳкам намудани тарзи дурусти талаффузи овозҳои садонок ва ҳамсадо. ташаккули диксия, инкишофи узвҳои нутқронӣ, маҳорати гӯш кардан, идроки фонематикӣ, нафаскашии дуруст мавриди нутқронӣ, ҷудокунии овоз дар калима, дар алоҳидагӣ номбар намудани он

**Зинаи 6**
**(6-7 сола)**
Такмили шунавоии фонематикӣ: ба кӯдакон омӯзондани талаффузи калимаҳо бо овози муайян, дар ҷумла ёфтани калимаҳои дорои ин овоз; муайян кардани мавқеи овоз дар калима (дар ибтидо, дар мобайн, дар охир). Истифодаи тезгӯякҳо барои омӯзонидани тарзи талаффузи овозҳо. Маҳорати тағир додани қувва ва садои овоз, суръати нутқ дар ҷараёни муошırати нутқӣ

Оилаҳо ба рушди фаъолияти бошууронаи кӯдакон, қобилияти назорат кардани амалҳои худ ва қобилияти ноил шудан ба ҳадафҳо диққати махсус медиҳанд. Логопедҳо машқҳои мушаххасро ба

супоришҳои хонагӣ дохил мекунанд, ки волидон ҳангоми бозӣ, сӯҳбат ё кори хонагӣ иҷро мекунанд.

Барои дарки пурраи ҷаҳон, рушди тафаккур ва нутқ кӯдакон бояд малакаҳои ҳиссиётиро инкишоф диҳанд. Муаллимон волидонро дар бораи аҳамияти таълими ҳиссиётӣ барои кӯдакони дорои нуқсони нутқ таълим медиҳанд. Барномаи таълими ҳиссиётӣ ба ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳиссиётии кӯдакон мусоидат мекунад ва ҳама намудҳои даркро инкишоф медиҳад ба монандӣ: биноӣ, ламсӣ-ҳаракатӣ, бӯй, таъм ва шунавоӣ.

Омӯзиши дурусти забони модарӣ имкон хоҳад дод, ки кӯдакон тарзи сухангӯӣ, қоидаҳои умумӣ ва грамматикаро ёд гиранд. Дар ин маврид устод Маҳмадулло Лутфуллозода чунин ақида доранд: «Забон, чи тавре ки маълум аст, бо тафаккур алоқаи зич дорад. Аз тарафи бачаҳо аз худ кардани маводи забон (луғат, грамматика ва имло) бояд шуурона бошад: талаба вобаста ба қобилияташ қоида ва таърифоти грамматикии дар ҳар дарси забон пешниҳод кардаро фаҳмад. Илова бар он, дар машғулиятҳои грамматика бисёр тарзҳо, монанди муҳокима, таҳлил, муқоиса, хулоса ва ғайра истифода карда мешаванд, ки ҳамаи онҳо ба инкишофи тафаккури талаба кумак мерасонанд». [135,61]

Ба вуҷуд омадани нуқсонҳои нутқ паҳлӯҳои гуногун дорад. Як паҳлӯи нуқсонҳои нутқ мумкин ин бошад, масалан, овозталаффузкунӣ дар бисёр мавридҳо ба қадри имкон вомехӯранд - ҳар се паҳлӯи нутқ зарар мебинанд.

Муҳаққиқони ватанӣ Б.Маҷидова, Н.Насруллоева, Л.М. Иматзода вазифаҳои инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабиро муҳим арзёбӣ намуда, чунин меҳисобанд, ки пеш аз ҳама дар кӯдакон талаффузи дурусти овозҳои забони модариро инкишоф додан муҳим мебошад: «Тарбияи маданияти овозии нутқ - яке аз вазифаҳои гуногунсоҳа буда, ба он асосан вазифаҳои оид ба инкишофи дарккунии овозҳои забони модарӣ ва талаффузи онҳо (дар нутқи гуфтугӯӣ) дохил мегардад. Ӯ инкишофи қобилияти шунавоӣ, ки дар асоси он дарккунӣ ва фарккунии

воситаҳои фонетикии забон (таълими тарзи дурусти талаффузи овоз), соҳиб шудан ба воситаҳои пурмаънои овозии нутқ (оҳанги нутқ, лаҳни овоз, суръат, зада, қувваи овоз, интонатсия); ҳосил намудани диксияи бурро ва аниқ мебошанд, дар бар мегирад.». [87,145,139]

Методикаи ҳозиразамон диққати асосиро ба инкишофи маҳорати интихоб намудании калимаҳои бештар мувофиқ барои нақл намудан, истифодаи калимаҳои гуногунмаъно вобаста ба матн ва инчунин кор оид ба воситаҳои бадеият (антоним, синоним,муқоиса,ташбеҳ) равона кардааст.

Корҳои ислоҳӣ ва таълимӣ дар гурӯҳи нутқӣ бар асоси як системаи равшан ва хуб андешидашуда анҷом дода мешаванд. Ба гуфтаи Р.Рамазонова «Моҳияти он дар логопедия барои тамоми раванди таълимӣ, инчунин барои ҳаёт ва фаъолияти кӯдакон аст. Ислоҳи нуқсон танҳо тавассути ҳамкории зичи байни логопед, муаллимон ва волидон имконпазир аст. Онҳо якҷоя масъалаҳои функсионалиро дар марҳилаҳои гуногуни дахолат ҳал мекунанд» [183, 66].

Бояд қайд кард, ки алалия - ин маҳдудияти нутқи пурра ё қисман нопурраи нутқи кӯдакон мебошад, ки дорои шунавоии хуб мебошанд. Ин системаи асаб дар қисми чапи нимкураи мағзи сар ҷойгир аст. Минбаъд, пас аз оғози нутқ кӯдакони мазкур ба душвориҳои зерин рӯ ба рӯ мешаванд: «Захираи луғавии онҳо хеле заиф инкишоф меёбад, ҷумларо бо мушкилӣ ва нодуруст месозанд. Мисол, «Писарак куҳ чана бозӣ мекунад» (Писарча дар кӯҳ бо чана бозӣ мекунад). Дар калимаҳо ҷо ба ҷо гузорӣ, ихтисоршавӣ, табдилдиҳии як овоз ба овози дигар вомехӯранд. Баъзан аз чунин кӯдакон нутқи худашон аст, ки атрофиён онро намефаҳманд, Мисол «овози Л-ро овози Й иваз мекунад, Латиф - Йятиф, лаб-йаб, либос-йибос, гул-гуй. Лек дар охир бо кӯмак ва таъсири машғулиятҳо захираи луғавии онҳо пурра мегардад, вале кӯдак аз ҳамсолонаш қафо мемонад.» [237,59]

Ду намуди шакли алалия мавҷуд аст: муҳаррик-ҳаракатдиҳанда (нутқи ташаккулнаёфта) ва сенсорӣ (сарфаҳм нарафтан ба маънои

калима). Ҳангоми алалия кӯдакон маълумоти дақиқ ва басандаро оид ба амали ба вуқӯъ омадаи муҳити гирду атроф гирифта наметавонанд. Бисёр олимон баъд аз таҳқиқ ба хулоса омаданд, ки кӯдакон дорои алалия буда, якчанд характерҳои махсус: чун примитивзм (соддаписандӣ) афкори дақиқ, кандагии донишу фаҳмиш ва зуд дарк накардани гирду атроф аст. Ҳамаи ин мушкилот таъсири амиқи худро ба қобилияти кории чунин кӯдакон мерасонад.

Классификатсияи зуҳуроти тасвир дар логопедия дислания номгузорӣ шудааст.

Дислалия – вайроншавии талаффузи меъёрии қувваҳои сомеа дар ҳолати нигоҳ доштани иннерватсияи аппарати нутқ.

Прогнатия – ин ба маънои дароз будани ҷоғи боло дохил мешавад; прогения - дароз будани ҷоғи поён. Қатори кушодаи дандонҳои пеш, дандонҳои кунҷ, ба ковокии горизонталии пеш вобастагӣ дорад. Дар вақти вайроншавӣ ва норасогӣ зуд ба матахассис муроҷиат кардан зарур аст, ки онро мумкин аст, тавасути пластинкаҳои махсуси пластмасӣ иваз карда шавад.

Ба ҳисоб гирифта мешавад, ки дар зарфи 5 сол ба шакли муайян даромадани талаффуз ва ташкилёбии овозҳои нутқ бояд ба меъёри забони тоҷикӣ мувофиқат кунад: «Талаффузи фаъолонаи соли аввали ҳаёти кӯдак ба ӯ имконият медиҳад, ки дар як соли ҳаёташ калимаҳоро захира намуда, дар давраи аз вайроншавӣ ба талаффузи дурусти калимаҳо гузашта, системаи азхудкунии овозии нутқро ба иҷро расонад. Бисёр овозҳое, ки барои талаффузи кӯдак душвор буданд, монеаи муваққатӣ ба ҳисоб мераванд. Дар рафти азхудкунии овозҳо барои кӯдак талаффузи баъзе овозҳо мураккаб менамояд: ҳамсадоҳои лабӣ (мисол, (м), (п), (б) ва пеш аз забонӣ (т), (д), (н) ба ҳисоб мераванд.» [225,122]

Мо кӯшиш кардем фаҳмонем, ки барои чӣ кӯдакон нодуруст талаффуз мекунанд ва ба хулосае омадем, ки сабаби он рушд наёфтани шунавоии фонемавӣ (фарқ кардани шунавоии овозҳои нутқ) ё

вайроншавии  сохти ҳаракати тарзи талаффузи узвҳои нутқ мебошад. Аз ҷумла:

1. «Дар панҷ солагӣ садоҳо ба гӯшаш олуда, тоза намерасанд.

2. Кӯдак садоҳои наздикро фарқ намекунад (б - п), (г- к), (т - д).

3. Дар талаффузи овозҳо душворӣ мекашад, талаффузи даркориро ҷустуҷӯ менамояд. Талаффузи овозҳои зеринро иваз менамояд (л – н – б), (б - м), (с – ш), (х - ш), (л -р).

4. Аз як талаффуз ба талаффузи дигар гузашта наметавонад, дар талаффузи овозҳои алоҳида забонаш мегирад. Бисёр вақт овозҳоро нодуруст талаффуз менамояд. Пас аз омухтани намунаҳои талаффуз ҳам бо хатогиҳо роҳ медиҳад.» [175,143]

Алалияи мутаҳаррик (ноқис будани маркази анализаторҳои ташаккулёбии таҳрикдиҳандаи нутқ). Кӯдакон ба нутқи дигарон сарфаҳм нарафта, нутқи худашон низ ташаккул намеёбад. Дар ин маврид муҳаққиқ Т.М. Ҳақназаров чунин қайд мекунад: «Алалия ҳангоми пурра инкишоф наёфтан ё дер инкишоф ёфтани ҳуҷайраҳои асаб дар минтақаҳои муайяни қишри майнаи сар рух медиҳад. Чунин пурра инкишоф наёфтани майнаи сар модарзодист ва ё дар давраи то инкишофи нутқ ба вуҷуд омада, ба паст шудани қобилияти ангезиши ҳуҷайраҳои асаб ва тағйири мутаҳаррикии ҷараёнҳои асосии асаб оварда расонида, сабабгори паст шудани коршоямии ҳуҷайраҳои қишри майнаи сар мегардад.» [237,59]

Барои он, ки захираи луғавии кӯдакон зиёдтар шавад, бештар ҳангоми тамошои сурату расмҳо ба ӯ диққат додан лозим меояд. Ҳамчунин, ҳангоми сайру гашт низ ин ҳолатро ба инобат гирифтан шарт аст. Агар кӯдак баъди калонсолон талаффуз кардани калимаву ибораҳоро  нахоҳад,  ба ин кор ӯро маҷбур кардан лозим нест. Пас аз он ин калимаҳоро дар вариантҳои гуногун метавон ба ӯ ёд дод. Ба гузашти вақт кӯдак талаффуз кардани калимаҳои мазкурро худаш ёд мегирад. Ҳар як фаъолияти нутқ бояд аз тарафи калонсолон қадр карда шавад. Ҳангоме, ки кӯдак зиёда аз 20-30 калимаро ёд гирифт, пас аз он метавон

ӯро ба сохтани ибора водор намуд. Барои мисол: Лухтак хоб кард. Аввалан бо чунин кӯдакон ҷумлаеро, ки танҳо аз мубтадову хабар иборат аст, бояд ёд дод, Баъдан, метавон дар ҷумла дигар аъзоҳои ёридиҳандаи нутқ истифода намуд. Ҳамин тавр захираи луғавии кӯдакон бойтар гашта, нутқи иборавии онҳо рӯ ба инкишоф мениҳад. Инкишофи нутқ ё бартараф кардани нуқсон дар гуфтори кӯдакон дар ҳамкорӣ бо волидони кӯдак бояд ба роҳ монда шавад.

Тавре дар боло қайд намудем нуқсонҳои нутқӣ зери таъсири омилҳои биологӣ, ба монанди ирсият, ҳолатҳои патологӣ ҳангоми таваллуд, бо таъсири омилҳои гуногуни вайроншавии марказҳои нутқронии майнаи сар ва монанди ин ба вуҷуд меоянд. Л.Г.Парамонова чунин қайд мекунад: «Дар ин мавридҳо чунин ноқисиҳои нутқ дида мешаванд:

- Нуқсонҳои овозталаффузкунӣ: нодуруст талаффузкунии овозҳо, ғалат маънидод кардан, овозҳоро иваз кардан.
- Вайроншавии сохти ҳиҷоҳои калима: роҳ додан, ҷобаҷогузории овозҳо ва ҳиҷоҳо дар калима, монанд кардани як ҳиҷо ба ҳиҷои дигар: забон-жабон, ситора-шитора ва ғайра.
- Ғалатҳои лексикӣ: кам будани захираҳои луғавӣ, риоя накардани варианти истифодабарии калима, набудани калима, набудани камбудиҳо дар як қисми калимаҳои нутқ (феъл, зарф, ҷонишин), нофаҳмиҳои аҳамияти калима ва нодуруст истифода бурдани онҳо.
- Ташкил намудани ғалатҳои грамматикии фикрҳои гуфташуда: шакли нодурусти калима, беасосии эҷоди калима, сохта натавонистани шакли калимаҳои нав: мурабо аз шафтолу-шафтолугӣ аст.
- Робитаҳои нодурусти фикрҳои гуфташуда (порча-порча карда нақл кардани матн, иҷозат додани қисми муҳими матн, имконият набудани тартиби нақли матн, ҷо ба ҷо карда натавонистани сабабҳои тадқиқоти алоқа байни объект дар матн).
- Методикаи камбудиҳои интонатсия: ғалатҳои қувва, баландӣ, набудани овоз, вайрон кардани воситаҳои нутқи шифоҳӣ. Рафти

камбудиҳои зарбӣ: соз намудани ҷараёни нутқ, суст кардани рафти нутқ, лакнат, дармонда гап задан, беасосии маънои нутқ, бурро талаффуз кардани овозҳо, ҳиҷоҳо, калимаҳо.

- Норасоиҳои воситаҳои нутқи шифоҳӣ.» [168, 36-41]

Бояд қайд кард, ки вайроншавии суръати нутқ яке аз камбудии мушкили нутқ шуморида шуда, раванди мураккабу заҳматталаб мебошад. Зеро вайроншавӣ дар мавриди талаффуз карда натавонистани калимаҳои бузург аз ҷониби кӯдакон ба вуҷуд омада, дар натиҷа ба забонгирӣ оварда мерасонад. Дар бораи ин раванд муҳаққиқони тоҷик З.П.Раҳмонов ва Д.З.Раҳмонова чунин қайд мекунанд: «Норасогии нутқи кӯдакон бештар дар овозҳои С,З,Ш,Р,Л,Г,Ҳ ва ғайра мушоҳида мегардад, ки тавсифашон чунин аст:

*Сигматизм*- нодуруст талаффуз шудани овозҳои шавшувдор ва ҳуштакӣ «С», «Ш».

*Ламбдатсизм*- нодуруст талаффуз шудани овози «Л».

Масалан, боло- боё.

*Ротатсизм*- нодуруст талаффуз шудани овози «Р».

Масалан, борон- боон.

*Каппатсизм* - нодуруст талаффуз шудани овози «К».

Масалан, корд- тод.

*Гамматсизм* - нодуруст талаффуз шудани овози «Г».

Масалан, гов-ов.

*Хитизм* - нодуруст талаффуз шудани овози «Х»

Масалан, хуб-уб.»[190]

Шаклҳои пайдоиши лакнати забон гуногун буда, аз рӯи хусусияти этнологӣ ду намуданд:

1. Функсионалӣ (зарар дидани механизми маркази нутқи косахонаи мағзи сар).

2. Органикӣ (нутқи тез).

Вақту сабабҳои пайдоиши лакнати забон гуногун ба монанди: ҳаяҷоннокии баланд ва шиддатнок, тарс, мондашавӣ, асабоният,

тағйирёбии фаслҳои сол ва обу ҳаво, шароити зист, хурок, бемори̇ ва баъзан ирсият.

Дар бисёр ҳолатҳо бо беэътибории мураббия он кӯдакони нуқсонҳои нутқидошта зери шухиҳои ҳамсолон монда, руҳафтода мешаванд ва бештар вақт аз муошират канорачӯи̇ мекунанд. Дар ин ҳангом забонгирии онҳо афзуда, аз таҳсилу муносибат бо атрофиён даст мекашанд. Педагог дар ин ҳолат бояд малакаи қаблан ҳосилнамудаи кӯдакро ҳифз намояд. Яъне аз кӯдакон ҷавоби тезро талаб накарда, ба таҳқири шахсияти онҳо аз тарафи ҳамгурӯҳон ё ҳамсолон роҳ надиҳад.

Дар раванди машғулиятҳо мураббия кӯшиш намояд, ки суханаш фаҳмо ва диққатҷалбкунанда бошад.

Мураббия кӯдакони гурӯҳро бояд аз рӯи маҳорату қобилият ва дарки маънияшон шиносад, мавқеашонро муайян намояд ва баробар бо назардошти гуфтаҳои фавқ онҳоро шифоҳию хатти̇ пурсад донишашонро одилона арзёби̇ кунад. Тавре рафтор кунад, ки кӯдакон дар симои мураббия рафиқи калонсоли худро шиносанд. Ба ӯ бовари̇ намоянд ва донанд, ки ба мушкилоташон танҳо ӯ кӯмак мерасонад. Озодона бо ӯ гуфтугӯ намуда, сирри дилашонро кушоянд. Дар ин ҷо мураббия метавонад дар бораи кӯдак маълумоти бештаре дошта бошад, ки он ба амалисозии корҳои логопеди̇ мусоидат хоҳад намуд.

Аз ин рӯ, аз рӯзи аввали таҳсил диққати асосиро ба инкишофи мустақилона сухан гуфтан, нақл намудани кӯдакон равона карда, сипас тадриҷан ба фарқу таҳлил кардани овоз аз тарафи онҳо кӯшидан бамаврид аст.

Барои инкишофи нутқ машғулиятҳои хондан аз лаб гузаронида шавад. Яъне дар ин ҳангом мураббия бояд бо овози баланд калимаҳоро бурро ва дуруст талаффуз кунад.

Дар вақти машғулиятҳо ҳангоми сохтани ашё кашидани расм бо кӯдакон ба он бештар бояд диққат дод, ки онҳо дар бораи ашёҳои сохтаашон ва расмҳои кашидаашон маълумот диҳанд. Оид ба аҳамияти

ашёву тасвирҳояшон ва маводу рангҳои истифодашуда фикрашонро озодона баён кунанд. Ё дар рафти сохтану тасвир намуданашон корҳои иҷрошуда амалро ифода кунанд, ба монанди, ширеш мекунам ранг мекунам ва ғайра.

Барои пешгирӣ ва ислоҳи нуқсонҳои нутқи кӯдакон ба мураббия зарур аст, ки корҳои зеринро анҷом диҳад:

-тақлид кардан ба суханронии калонсолонро ба роҳ монад;

-дуруст талаффуз кардани овозҳоро назорат барад;

-дар вақти баёни фикр бе тарсу ҳарос дилпурона гуфтанро омӯзонад.

Дар ин кор логопедҳо, яъне мутахассисоне, ки дар бартараф намудани ноқисиҳои нутқ тахассуси махсус доранд, бештар ҳисса мегузоранд. Масъалаи тарбияи кӯдаконе, ки ба нуқсонҳои нутқ гирифтор шудаанд ва роҳу усулҳои барҳам додани мубраму зарур ҳисобида мешавад, зеро нутқи дуруст ва бурройи кӯдак шарти муҳими инкишофи умумӣ-психикии ӯ ба шумор меравад. Ҳар гуна норасоиҳо дар инкишофи нутқи кӯдакон ба қафомонии шахсият оварда мерасонад.

Яке аз камбудиҳои нутқи кӯдакон ин сақавӣ мебошад. Кӯдаки сақавзабон чун қоида дарундор буда, дорои таассури (реаксия) нутқи суст ва таъсирнок мебошад. Алалхусус тарбияи талаффузи дурусти кӯдак барои тайёр намудани ӯ ба таълим дар мактаби ибтидоӣ масъалаи аз ҳама муҳим мебошад, чунки барои кӯдак нутқи инкишофёфта дар мактаб мавқеи марказиро ишғол менамояд. М.А.Поваляева ташхис ва ислоҳнамоии нутқи кӯдакони синни томактабиро омухта, чунин пешиҳод менамояд: "Иллати нутқи онҳо боиси ба вуҷуд омадани мушкилиҳо дар ташаккули сифатҳои муқарраршудаи шахсию фаъолияти таълимиашон мегардад. Кӯдаки бо нутқи хуб инкишофёфта ба осонӣ ба алоқа, яъне ба гуфтугӯи атрофиён ҳамроҳ мешавад, ба таври фаҳмо ва возеҳ фикру хоҳиши худро баён карда, таасуроти худро изҳор менамояд ва ба ҳаргуна саволҳо ҷавоб медиҳад. Бинобар ин, зарур аст, ки кӯдакон

ҳар чӣ зудтар забони модариро ба хубӣ аз худ намоянд, гуфтугӯи дурусту бурроро омӯзанд.” [177,22]

Агар ба тарбияи нутқи бурро ва саҳеҳи кӯдаки синну соли томактабӣ диққати махсус надиҳем, он гоҳ ӯ ба мактаб бо талаффузи иллатнок меояд, ки баъдтар ин сабаби вайроншавии хату савод (дисграфия) мегардад.

Барои ба ин саволҳо ҷавоб гардонидан дар аввал мехостем бигӯем, ки сақавзабонӣ чист. Вайроншави талаффузи овозҳои алоҳидаи нутқ, ғалатнокӣ, ивазшавӣ, ихтисоршавии онҳоро нуқсонҳои нутқ ё кундзабонӣ меноманд. Сақавзабонӣ ба таври гуногун зоҳир мегардад. Дар баъзе беморон нутқи шавшувдор дида мешавад, яъне овозҳои С-З ҳамчун Ш-Ж талаффуз карда мешаванд. Дар дигарон калилзабонӣ дар талаффуз кардани овози Р бо ларзиши ком ё ин ки забонча мушоҳида мегардад.

Олимон Е.Ф.Рау ва В.А.Синяк дар китоби худ «Логопедия» қайд менамояд, ки қариб 20 намуди ҳолатҳои вайроншавии талаффузи овози «Р» мавҷуд аст. «Ҳолатҳои бо нӯги забон гапзанӣ, талаффузи нуқсдор ҳам мавҷуд аст (забон-жабон, ситора-шитора). Овозҳои С-З ҳангоми баровардани нӯги забон дар байни дандонҳо талаффуз мешавад. Ҳамаи инро сақавзабонии ҷузъӣ меноманд. Аммо баъзан вайроншавии талаффуз ба аксарияти овозҳои нутқ алоқаманд мешавад, ки ин намудро сакавзабонии рехта меноманд. Гоҳҳо нутқи сакавзабон чунин тағир меёбад, ки он ба атрофиён хеле душворфаҳм мегардад, вале худи кӯдаки калилзабон нутқи дурусти ба онҳо мурочиатшударо ба хубӣ мефаҳманд.» [186,147]

Нутқи кӯдакони хурдсол дар давраи ташаккулёбӣ бо баъзе нуқсонҳо ҳамеша фарқ мекунанд. Одатан дар ин синну сол кӯдакон овозҳои ҳамсадоро нодуруст талаффуз менамоянд ё овозҳои душвор талаффузро бо овозҳои нарм иваз мекунанд. Синну соли ин кӯдакон пеш аз томактабӣ (то 3 сола) буда, дар ин давра ташаккули нутқи кӯдак, аппарати артикулятсионии (тарзи талаффуз) он ҳоло суст буда, қувваи

сомеа характери овозҳои нутқро ба таври муайян талаффуз намекунад. Агар кӯдак ҳам аз ҷиҳати фикрӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ хуб инкишофёфта бошад, он гоҳ тадриҷан дар синни 4-5 солагӣ иллати нуқси забон худ аз худ аз байн меравад, чунки тавассути тақлид ба нутқи атрофиён кӯдак талаффузи овозҳоро дуруст аз худ карда мегирад. Аммо аксаран дар амалия кӯдакони синни 2-2,5 сола вомехуранд, ки нутқи онҳо ҳангоми талаффуз ба таври дағалона вайрон аст, ки ин ноқисӣ ба хислатҳои маъмулии синну солӣ мансубият надоранд.

Таҳқиқоти олимони ватаниро таҳлил намуда, мо як қатор намудҳои вайроншавии талаффузи овозҳоро дар ҳамин сиину сол ба тариқи мисол пешкаш менамоем:

«1. Кӯдак овози [К-Г]-ро талаффуз карда наметавонад, ё онҳоро ҳангоми баёни калима тамоман мепартояд, Мисол: ба ҷои «курпача» - «урпача» талаффуз мекунад ва ё ҳамин овозҳоро бо овозҳои Т-Д иваз менамояд: «корд» - «торд» ва ғайра.

2. Кӯдак овозҳои ҷарангноки ҳамсадои [В,Д,Г,З,Ж,Б]-ро бо овозҳои беҷаранги ҳамсадои [П,Т,К,С,Ш,Ф] иваз менамояд. Мисол, варам-фарам, воҳид-фоҳид, кабк-капк, дона-тона, дору-тору, гунҷишк-кунҷишк. Дар баъзан маврид дар талаффузи кӯдакон талаффузи овозҳои беҷаранги ҳамсадои [С-Ш] ба овозҳои ҷарангноки [З-Ж] мубадал меёбад: Зард-жард, сабур-шабур ва ғайра.

3. Кӯдакон тадриҷан овозҳои [К-Г]-ро бо овозҳои ]Т-Д] иваз мекунанд. Мисол, кӯр -тӯр, гов-дов, гуҳар-дуҳар ва ғайра.

4. Кӯдак овозҳои шиддатноки ]З,С,Ш,Ж,Ч]-ро вайрон талаффуз мекунад. Ин овозҳо дар ҳолати камшавии ҳавои паҳлӯи узвҳо нодуруст талаффуз карда мешаванд. Дар ин маврид қоидаҳои зерин риоя карда мешавад:

а) пушти забон ба самти осмон ёзонда шуда, ҷараёни нафасбарорӣ на ба воситаи қисми мобайнӣ, балки таввасути паҳлӯи забон мегузарад.

б) ҳангоми талаффузи ин овозҳо нӯги забон байни дандонҳои пеши болоию поёнӣ халонда мешавад;

в) кӯдак ин гуна овозҳоро мавриди наздик шудани лаби поён ба дандонҳои пеши боло талаффуз мекунад (асосан мавриди талаффузи овози [Ф]);

г) кӯдак овозҳои ғиззаснок ё фашшосзанандаро бо димоғ талаффуз карда, баъзан онҳоро бо овози ]Х] ва ]Ё] иваз менамояд. Мисол: сабзӣ-хабзӣ, газ-хаз, гарм-харм.

5. Кӯдак овози [Р]-ро ноқисона талаффуз мекунад

а) кӯдак овози [Р]-ро ҳалқӣ, сакавона талаффуз мекунад;

б) ба воситаи ҳарду лаб, чун кучерии ПРР талаффуз мекунад;

в) бо димоғ талаффуз кардани овози [Р];

г) овози [Р]-ро бо овози [Й] иваз мекунад: рафт-йафт, корд-койд, тар-тай.

6) Кӯдак овози [Л]-ро нодуруст талаффуз мекунад;

а) онро бо димоғ талаффуз мекунад;

б) бо лабҳо ҳамчун дулабонаи овози В талаффуз мекунад: лампа-вампа, лак-вак;

в) овози [Л]-ро овози [Й] иваз мекунад, Латиф - Йятиф, лаб-йаб, либос-йибос, гул-гуй;

г) овози [Л] ба [К] бадал мешавад (телефон-текефон).

Ин гуна талаффузи хаторо дар давраи пеш аз томактабии кӯдак зуд-зуд вохӯрдан мумкин аст.

Т.А.Болдырева ва А.И.Богомолова сабабҳои асосии пайдоиши сакавзабонӣ пеш аз ҳама беаҳамиятӣ дар инкишофи нутқи кӯдак дар оила ва кӯдакистон ҳисобида, қайд мекунад: «Баъзан ба хурдтаракон сохтакорона гап задан, ки ба гуфти калонсолон гӯё ширингуфторист, ба нутқи гуфтугӯии кӯдакон таъсир расонида, боиси нутқи нобурро ва калилзабонии онҳо мегардад, ки дар ин ҳолат кӯдак ба он одат карда мемонад. Нутқи кӯдак дар асоси тақлиди нутқи атрофиён инкишоф меёбад. Нутқи дурусти калонсолон ба кӯдак намунаи ибрат шуда, кӯдакон бо қаноатмандӣ ба он пайравӣ мекунанд. Аз ин рӯ, ба мутассадиён, падару модарон ва атрофиён лозим аст, ки мавриди

гуфтугӯ бо кӯдак аз нутқи бурро  боадабона истифода намуда, аз кӯдакон низ бо забони адабӣ гап заданро талаб намоянд. Онҳоро зарур аст, ки дар суханронӣ бо кӯдак ба сохтакорӣ ва сақавзабонӣ, ки омили кундзабонии ӯ мегардад, ҳаргиз роҳ надиҳанд.” [26,29]

Дар сурати бо чунин тарз гуфтору муомила намудани калонсолон аз эҳтимол дур нест, ки забони ӯ дар талаффузи нодурусти овозҳо одат карда мемонад ва ислоҳи он имконнопазир мегардад. Дар оила ва кӯдакистон ба калонсолон ва мураббиён лозим аст, ки на танҳо бо кӯдак бурро гап зананд, инчунин кӯшиш намоянд, ки вай калимаҳоро дурусту бехато талаффуз кунад. Онҳо бояд талаффузи нодурусти овозро дарҳол ислоҳ намоянд, вагарна кӯдак як умр дучори иллатнокии нутқ мегардад.

**Самтҳои асосии пешгирии вайроншавии нуткро Н.А.Власова чунин шарҳ медиҳад:**

1. «Чораандешӣ ҷиҳати беҳтар намудани вазъи саломати аз омилҳои зараровар дар ҷои кор.
2. Ташхиси барвақт ва табобати барвақт низ дар нигоҳубини тиббии пешгирикунанда нақши муҳим мебозад. Истифодаи усулҳо ва технологияҳои муосир имкон медиҳад, ки хатарҳои эҳтимолӣ барвақт муайян карда шаванд ва чораҳои саривақтӣ барои ҳалли онҳо амалӣ карда шаванд. Ин на танҳо доруҳо, балки усулҳои ташхис, ба монанди ултрасадо ва санҷиши генетикиро низ дар бар мегирад.
3. Қобилиятҳои эҷодӣ системаҳои ҷалб намудани ҷомеъа ҷиҳати чораҳои
   пешгиринамоии вайроншавии нутқ.
4. Корҳои ислоҳӣ ва пешгирикунандаи барвақтӣ бо кӯдакони дар гурӯҳҳои махсус қарордоштаи дорои вайроншавии нутқ.» [40,32-33]

Оид ба масъалаи мазкур дар зербоби 1.3. таҳқиқотро идома медиҳем.

## 1.3. Роҳу усулҳои баргузории корҳоиислоҳнамоӣ бо кӯдакони синни томактабӣ

Педагогикаи махсус фаъолияти таҳсилотро нисбат ба шахсони аз ҷиҳати рӯҳию ҷисмӣ осебдида меомӯзад. Он намуди фаъолияти махсусест, ки ҳангоми норасоиҳои ҳиссию ҷисмӣ хусусиятҳои дарки ашёҳоро ба назар гирифта, дар бартараф намудани нуқсонҳо ҳамроҳ бо тамоюли махсус амалӣ мегардад. Ҳамин тавр, ҳадафи илми педагогикаи махсус таълими махсуси шахсонест, ки ба сабаби ин ё он нуқсон, ё норасоӣ аз инкишоф боз мондаанд. Вобаста ба инкишофи педагогикаи махсус соҳаи педагогикаи марбут бо нуқсонҳои мураккаб, ё худ омехтаро ҷудо намудан лозим аст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мактабҳои махсус (барои кару кӯру гунгҳо, хирачашмҳо ва беақлҳо) ҳамзамон гурӯҳҳои махсус бунёд ёфтаанд, ки дар онҳо рафти таълиму тарбия ва ислоҳ бодарназардошти нуқсонҳои аввал ва зуҳури дубораи он ташкил карда шудааст.

Масъалаи таҳқиқи комплексии психологию педагогии кӯдаки дорои нуқсонҳои нутқӣ ҳанӯз солҳои 70-уми асри гузашта, аз ҷониби коллективи муаллифон – А.А. Венгер, Г.Л. Виготский, Э.И. Леонгард гузошта шуда буд. Онҳо бо мақсади интихоб намудани кӯдакон ба муасисаҳои махсуси томактабӣ маҷмӯи супоришҳоро кор карда баромаданд. Имрӯз методикаҳои махсуси таҳқиқи психологию педагогии кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқии синни барвақт ва томактабӣ коркард мегарданд.

Рушди равандҳои маърифатӣ, аз қабили диққат, дарк, хотира, тафаккур ва хаёл, инчунин ташаккули дониш, малака, қобилиятҳо ва муносибати кӯдак ба ҷаҳони атроф, ба рушди вазифаҳои нутқ таъсири назаррас мерасонад. Ба гуфтаи Б.Маҷидова «Фаъолияти нутқ бо равандҳои зеҳние, ки дар соҳаҳои ҳиссиётӣ, зеҳнӣ ва эмотсионалӣ - ихтиёрӣ ба амал меоянд, зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, барои рушди мутаносиби кӯдак, иҷрои вазифаҳое, ки ба рушди вазифаҳои маърифатӣ

ва заминаҳои ташаккули муқаррарии онҳо, аз ҷумла малакаҳои нозуки моторӣ, дарки бинои - фазоӣ ва шунавоӣ, фаъолияти маърифатӣ ва ангеза нигаронида шудаанд, зарур аст». [146,126]

Расми 2.

**Амсилаи педагогии баргузории чорабиниҳои ислоҳкунӣ оид бартарафсозии нуқсонҳои нутқ дар кӯдакони синни 4-7 сола**




Тартиби реҷаи ҳаррӯзаи ҳаёти кӯдакон бояд риоя карда шавад. Кӯдаки дорои нуқсони нутқ ба чораҳои умумии саломатӣ, нигоҳ

доштани хоб, бедорӣ, ҷадвали ғизодиҳӣ ва риояи реҷаи умумии гигиена ниёз дорад. Осеби органикии системаи марказии асаб, омезиши нуқсонҳои нутқ бо заъфи умумии ҷисмонӣ ва фарқиятҳои назарраси фардӣ дар фаъолият машварат бо духтурро дар бораи давомнокии хоб тақозо мекунад. Барои кӯдаконе, ки лакнати забон доранд, зиёд кардани давомнокии хоб то 10 соат шабона тавсия дода мешавад.

Муҳим аст, ки фосилаҳои байни хӯрокхӯрӣ, хоб, расмиёти гигиенӣ ва дарсҳои махсус на танҳо бо фаъолиятҳое, ки барои кӯдакон дастрас ва ҷолибанд ба монанди тамошои намоишҳои телевизионӣ, видеоҳо, бозиҳои компютерӣ, балки бобозиҳо ва машқҳои таълимӣ низ пур карда шаванд.

Дар МТТ кӯдакон ба сурудхонӣ шурӯъ мекунанд, ки ин ба шахсияти кӯдак ва ба ҳиссиёти ӯ таъсири мусбат мерасонад. Кӯдакон оҳангҳоро ёд гирифта, суруд хонданро дӯст медоранд. Машғулиятҳои мусиқӣ фаъолияти рушди ҳиссии кӯдакро меафзояд. Дар кӯдакони хурд дастгоҳи овозӣ ва мушакҳои овоз пурра ташаккул наёфтаст, узвҳои нафаскашӣ ва коркарди резонатории вай ҳанӯз суст аст. Кормандони соҳаи мусиқӣ ва мураббия оид ба овози кӯдак маълумоти кофӣ дошта, хусусиятҳои синну солии онҳоро бояд ба назар гиранд.

Бо кӯдаконе, ки тағйирот дар узвҳои аппарати овозпайдокунӣ надоранд, машқҳо аз талаффузи овозҳои садонок сар мешаванд. Якум, машқи талаффузи овозҳои садонок ва баъд пайвастшавиҳои онҳоро тартиб дода, барои боз ҳам беҳтар шудани ҳаракатии пардаи ком сар кардан даркор аст. Миқдори садонокҳо дар пайвастшавиҳо мунтазам то се ҳарф зиёд карда мешавад.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| аа | ээ | оо | уу | ии |
| аэ | эа | оа | уа | иа |
| ао | эо | оэ | уэ | иэ |
| ау | эу | оу | уо | ио |
| аи | эи | ои | уи | иу |
| аэа | аоа | ауа | аиа | иау |

аэо аоэ ауэ аиэ иэу

аэу аоу ауо аио уаи

аэи аои ауи аиу аио

Машқҳои - талаффузкунӣ – ин машқҳои комплексии интихоб шуда барои беҳтар намудани сифати органҳои ҳаракати талаффузкунӣ ва ба меъёри овардани он хизмат мекунад. Машқҳои талаффузкуниро бояд ҳар рӯз гузаронд, ки малакаҳои қабулкуниро дар кӯдакон мустаҳкам менамояд. Хубаш онро ҳар рӯз 3-4 маротиба то 3-5 дақиқа бояд иҷро кард. Дар як маротиба 2-3 машқро набояд иҷро кард. Машқҳои талаффузкуниро нишаста иҷро менамоянд, зеро бадан ором буда миён рост, дасту пойҳо дар ҳолатӣ оромӣ қарор доранд. Кӯдак бояд рӯи калонсолро хуб бинад, калимаҳои ба забон омадаро хуб назорат кунад, машқро дуруст иҷро намояд. Барои ҳамин кӯдак ва калонсол дар вақти гузаронидани гимнастика бояд дар назди оина бошанд. Кӯдак бояд оинаи на он қадар калони дастиро истифода намояд (тахминан 9 х 12 см), дар ҳамин ҳолат калонсол рӯ ба рӯи кӯдак меистад.

Кор чунин сурат мегирад.

1. Калонсол дар бораи машқҳои дар пеш истода ва истифода намудани усуҳои бозӣ нақал мекунад.
2. Иҷрои онро нишон медиҳад.
3. Машқро кӯдакон иҷро мекунанд, калонсол иҷрои онро назорат мекунад.

Калонсол машқҳои талаффузи кӯдакро гузаронида, сифатҳои ҳаракати кӯдакро назорат мекунад: аниқии ҳаракат, мунтазамӣ, суръати иҷро, устуворӣ, аз як ҳаракат ба ҳаракати дигар гузаштан. «Ҳангоми гузаронидани гимнастика бояд ба ҳаракатҳои иловагии зиёд роҳ надиҳанд. Ҳаракатҳоро бо забони нарм ва нозуки лабҳо метавон гузаронид. Назорат кардан мумкин аст, ки ҳаракатҳои шиддатноки органҳои талаффуз ба тарафи чап ва рости рӯй иҷро мешавад. Машқҳои артикулятсионӣ яке аз этапҳои асосии овозҳои нутқ мебошад.» [196,165]

Дар ин маврид чӣ бояд кард **?**

Кӯшиш кунед, ки кӯдак талаффузи дурусти баъзе овозҳои нутқро омӯзад.

**Овози (к).** Бо тақлидкорӣ. кӯдак даҳонашро калон кушода сулфа мекунад. Дар вақти сулфидан аққалан як бор нафас гирифтан (к,х,э) лозим аст. Бо ангушти дасти калонсол оҳиста ба гардан ва таги манаҳи кӯдак зер кунед. Ин ба гуфтани (к) мусоидат менамояд. Логопед назорат мекунад, ки овози (х) оҳиста – оҳиста тавассути нафаси сабук гирифтан иваз мешавад.

**Овози (с).** Гузориши (с) дар нафаскашӣ. Бигузор кӯдак даҳонашро кушояд, забони ҳамвори васеъро дар ковокии даҳон ҷой диҳад, ки бо дандонҳои поён дахл дошта бошад. Бигузор бо дандон ҷафс шавад (лекин фишор наорад) лабро ба пеш мисли ғубурча намояд. Дар ин ҳолат баъди нафаскашӣ бигузор кӯдак каме ҳаво гирад (бояд нуги забон ба лаби поён наздик шавад) ва бар забонаш ҳавои хунуки хуш бирасад. Дар натиҷа, овози бисёр ороми (с) шунида мешавад. Агар ба ҷои овоз «ҳик – ҳик» шунида шавад, маълум мешавад, ки кӯдак нафаси бисёр чуқур гирифтааст. Баъдан, мумкин аст, кӯшиш кунад, ки дар ҳолати нафас баровардан ҳамон овозро ба забон биёрад, ки ӯ талаффуз карда буд.

**Овози (й).** Гузориш оид ба овози (й). Ивазшавии (муваққатӣ) овози й ба овози и дар ҳолати ихтисоршавӣ ба вуҷуд меояд. Овози (и) – ро кӯдак хомушона бо овози паст талаффуз мекунад, дандонҳо зич шуда, лабҳо ҳангоми табассум ба ду тараф кашида мешаванд. Забон дар ҳолати васеӣ ба вораҳо наздик мешаванд. Дар ҳалати талаффузи чунин овоз бо нишондоди логопед, забон ба муҳлати кутоҳ канда – канда ба алвеол хафс мегардад. Дар ин ҳолат овози (й) шунида мешавад ё (и – и - ий). Мумкин аст, дар ҳолати машқ ин овоз дар калимаҳо (й) гирифта ва баъдан, оҳиста – оҳиста вақт ихтисор шуда, нуқсонҳои нутқдошта ҳис карда мешавад.

**Ҷобаҷогузории овоз ва ҳиҷо дар байни садонокҳо.** Бигузор кӯдак ибораҳои овозии (аиа – аиа –аиа) – ро ба забон биёрад. Ҳангоми талаффузи овози (и) лозим меояд, ки забон ба ком ҷафс шавад ва

садоноки охир кӯтоҳ ва бо зарб бо зада талаффуз гардад. Оҳиста – оҳиста суръати талаффузи ибора зиёд мегардад ва дар байни садонокҳо овози (й) шунида мешавад.

**Овози (ш), (т).** Гузориши овози (т). Кӯдак бояд дуру дароз овози (т) – ро талаффуз намуда нуги забонро ба коми боло зич намояд. Дар ин ҳолат овози шавшувдор шунида мешавад. Баъдан, кӯдак табассум намуда, забонашро ба болои алвеол мегузорад. Дар вақти талаффузи (т) даҳон сабук кушода мешавад. Акнун ба логопед лозим меояд, ки бо ангушташ ба кунҷи даҳони кӯдак зер кунад ва лабҳо дар ин ҳолат ба пеш кашида шуда ва талаффузи овози (ш) бо суръат мегардад.

**Овози (л).**Гузориши ин овоз дар асоси талаффузи садоноки (а). Бигузор кӯдак бо овози паст садоноки (а) – ро дароз талаффуз кунад, даҳонро бояд калон накушояд. Нафасбарории рост аз даҳон монанди ҳавои гарм ҳис карда мешавад, агар кафи дастро ба даҳон гузорем. Дар вақти чунин талаффуз лозим меояд, ки забонро бо дандонҳои боло бо зарб бизанем дар ин ҳолат мафҳуми (ла – ла - ла) – и овози садонок ба гуш мерасад.

**Овози (р). Гузориш аз садои (д).** Бигузор кӯдак даҳонро ба осонӣ кушояд, забонро ба тарафи дандонҳои боло бардорад ва тез – тез ба алвеол бизанад: ддддддд. Баъд аз талаффузи гуруҳи овозҳо (д) нафаси чуқур мекашад, забонро ба коми сахт ҷафс менамояд. Бо таъсири ҳавои берун нӯги забон ба ком – ба дандонҳои боло расида овози (р) – ро ҳосил мекунад. Мумкин аст, ки роҳи дигар интихоб карда шавад: кӯдак овози (ж) – ро талаффуз мекунад, забон ба ковокии даҳон чуқур меравад. Баъд аз чанд сония овози (р) ба вуҷуд меояд. Баъдан, барои дуруст талаффуз кардан кор кардан лозим меояд.

**Рушди нафаскашии нутқӣ.**Нафаскашӣ яке аз омилҳои муҳими дурусти ба вуҷудоии нутқ аст. Ташкилёбии овозҳои нутқ ҳамвор (баробар бе такон) дар натиҷаи баромадани ҳаво аз даҳон сурат мегирад. Нафасгирии нутқӣ – ин мувофиққунонии дурусти нафасгирӣ ва

нафасбарорӣ дар вақти ба вуҷудоии овозҳо, калимаҳо ва ҷумлаҳо мебошад.

**Бо кӯдакон бозӣ кунед!** Барои рушди давомнокии бетанаффуси ҳавобарории даҳон 3 – 4 шабпараки коғазӣ бо васл кардани риштаи борик ва банд дар масофаи 20 – 30см дур аз якдигар лозим аст. Шабпаракҳои дар банди дароз кашидашуда дар баробари лаби кӯдакони истода ҷой дода мешавад. Кӯдак ба шабпаракҳои коғази пуф мекунад, ки онҳо ба (парвоз) кардан сар мекунанд. Назорат кардан лозим аст, ки кӯдак рост истад, чунон нафас кашад, ки китфҳояш наҷумбад, дар як нафас гирифтан пуф кунад, ҳаво нагирифта, гардан начумбад ва лабҳо ба пеш кашида шаванд. Пуф кардан бояд аз 10 дақиқа зиёд набошад, ки сари кӯдак чарх назанад.

1. Барои рушди мунтазами кӯдак мумкин аст дар истироҳатгоҳ, ҷангал – дар замине, ки қоқуф мерӯяд, бозӣ ташкил намояд. Кӯдак пешниҳод менамояд, ки аз байни қоқуфҳои зарду сафеде, ки парҳои паранда доранд, ёбанд. Кӯдак ба гулҳои қоқуфи сафед пуф мекунад ва кушиш менамояд, ки дар натиҷаи пуфи ӯ ҳамаи парҳои дар гули қоқуфбуда парида бираванд. Кӯдак кушиш менамояд, ки ҳамаи парҳои парашутмонандро пуф кунад. Мумкин аст кӯдакро ба мусобиқа даъват кард. Вазифа он аст, ки бо як пуф тамоми паракҳои сафеди қоқуф парида бираванд.

2. Барои рушди дуру дарози мунтазами нафасбарорӣ фаъолияти мушакҳои лабро таъмин кардан лозим меояд. Барои бозӣ қалами болояш қабурғадорро интихоб менамоем. Кӯдак дар назди миз менишинад. Дар миз 20см аз кӯдак қалам гузошта мешавад. Кӯдак пешниҳод менамояд, ки ӯ ба қаламҳо сахт пуф мекунад ва қаламҳо аз миз меафтанд. Пуф фақат як бор иҷозад дода мешавад.

Дар китоби худ «Асосҳои логопедия» Б.Маҷидова, М.Дадабоева чунин изҳори ақида намудаанд: «Зарур ва муҳим аст, ки кӯдак садонокҳоро аз паси логопед ба тарзи фонатсияи ӯ тақлид карда такрор мекунад. Логопед бошад, садонокҳоро «бо ниқоб» дар мавқеи

резонатори баланд, бошиддат, фарёд накарда талаффуз мекунад. Дар ин маврид дастури ба кӯдак дастрасро додан мушкил аст. Муҳим аст, ки диққати ӯро ба калон кушодани даҳон, ҳаракати нӯги забон ба тарафи дандонҳои пеши поёнӣ, барои ҳис намудани кушодашавии гулӯ ва фонатсияи бешиддат ҷалб кунем. [145,86]

Тасриф барои зиёд шудани миқдори калима дар ҷумла, ки аз як машғулият ба машғулияти дигар зиёд карда мешавад, ҳамчун асос хизмат мекунад. Якчандибораи кӯтоҳро, ки барои тасриф ва минбаъд давом додани ҷумла истифода мешаванд, ҳамчун мисол меорем:

| | |
|---|---|
| Ӯ дошт. | Ман хӯрдам. |
| Ӯ давид. | Ӯ парид. |
| Ӯ расид. | Онҳо расиданд. |
| Ӯ афтид. | |

Шумораи калима ибораҳо мунтазам зиёд мешавад. Мисол:

Ӯ дер расид.

Ӯ тез афтид.

Ман чиндам.

Ман гул чидам.

Ман гули сурх чидам.

Ман гули сурхи лола чидам.

Ман гули сурхи лоларо дар баҳорон чидам.

Ман гули сурхи лоларо дар баҳорон барои модарам чидам.

Ҳамаи тезгӯякҳо ва шеърҳоро кӯдак пеш аз ҳама бо логопед ибора аз паси ибора такрор мекунад. Калимаҳо якҷоя, камтар бо овози сарояндагии сонорӣ талаффуз карда мешаванд.

Тезгӯякҳо ва шеърҳои зеринро барои мисол ҳамчун машқ истифода кардан мумкин аст.

**<u>I. Тезгӯякҳо аз эҷодиёти даҳонакии халқ</u>**

Зоғ қар-қар кард, хар ҳар-ҳар.

Чумчуқ дар чумча об хӯрд.

Шарафу Шарифа шаби шанбе шашсаду шасту шаш шаст бофтанд.

Сад сада шинондем, сӣ шамшод.

Шариф шаш шафтолу шуст.

Ғалтак ғалтида ғелида рафт.

Корҳои ислоҳкуни дар навбати аввал ба вуҷуд овардани фаъолияти механизми нутқ;

- ташаккулёбии шавқмандӣ;
- ташаккулёбии нияти муошират;
- ба вучудоии фикри нутқ кардан;
- ҷудокунии воситаҳои лексикӣ-грамматикӣ;

Баргузории корҳои ислоҳкунӣро муҳаққиқ Т.М. Ҳақназаров ба се зинаи алоҳида тақсим намудааст:

«**Дар зинаи аввал** кори асосӣ тарбияи фаъологардонии нутқ мебошад. Ин давраи инкишофи луғати фаъол ва ғайри фаъол мебошад. Дар ин давра бо муколамаҳо ва ҳикояҳо диққат дода, баъдан бадигар намудҳои инкишофи нутқи мураккабтар диққат дода мешавад.

**Дар зинаи дуюм** нутқ иборат аз ибораҳо дар асоси калимаҳои мураккаб ва сохти ибораҳо ташаккул меёбад. Бештар кор бо ҷумлаҳо, таркиби грамматики ҷумлаҳо, муколама ва ҳикояҳо ҳамчун воҳиди нутқ диққат дода мешавад.

**Зинаи сеюм.** Асоси ин зина ташаккули пайвастагии нутқ мебошад. Дар ҳангоми давраҳои ин зина ҳамаи тарафҳои фаъолияти нутқ инкишоф меёбад. Барои мураббия-логопед зарур аст, ки ҳангоми кор бо кӯдакони дорои алалия ҳамаи тарафҳои нуқси руҳӣ- равониро ба инобат гирифта, дар ҳамаи ҳолатҳо корро аз нуктаи ақлонӣ пеш баранд.» [238,14]

Аз ҷониби муҳаққонон Рамазонова Р. ва Салямова Д. низ масъалаи мазкур таҳкиқ гардида, аз ҷумла қайд мегардад, ки: «Бояд фаҳмид, ки вайронкуниҳо дар муоширати кӯдак фавран ислоҳ намешаванд ё ногаҳон худ аз худ дур мешаванд. Беҳтаршавӣ баъзан метавонад якчанд моҳ давом кунад, аммо ҳатто дар ин давра он метавонад бадтар ё беҳтар шавад. Бартараф кардани нуқсонҳои нутқ

бояд пеш аз он ки кӯдак норасогии худро дарк мекунад, оғоз шавад». [184,18]

Асаби кӯдакон чунин аст, ки ҳангоми барангезиши ҳиссиёт дар онҳо фаъолияти ҳаракатдиҳандаашон баланд мегардад, ки ин боиси дар кӯдакон ба вуҷуд овардани хушҳолӣ мегардад.

**Дар давраи аввали** кор талабот ба нутқи кӯдак хеле паст аст. Бояд ҳамеша кӯшиш намоед, то ки кӯдакон калимаҳои барояшон дастрас ва дилхоҳро талаффуз кунад, то дар интихоби манбаҳои забонӣ душвориро ҳис накунад. Ҳангоми ин раванд ба инкишофи нутқ калонсолон ба кӯдакон кӯмак менамоянд, ки ин раванд ба рушди нутқи кӯдакон ёрӣ бурданро расонад.

Тақсимоти овоз яке аз муҳимтарин давраи кор ба шумор меравад. Шарти пешравӣ дар кориислоҳкунӣ (коррексионӣ) новобаста аз сатҳи рушди нутқи кӯдак аз худ намудани тамоми вазифаҳои дар қисми аввал пешниҳодшуда мебошад. Вазифаи қисми аввал аз он иборат аст, ки кӯдак куллан ба калонсолоне, ки ба онҳо машғулият мегузаронанд боварӣ ҳосил намудааст. Кӯдак бояд ҳамеша бинад, шунавад ва калонсолонро ҳамеша ҳис намояд. Бо кӯдакон мақсади ягона гузоштан иҷрои талаботро осон мекунад. Ҳангоми кор бо овоз кӯшиш кардан зарур, ки ҳангоми ҳаракат овоз низ бароварда шавад. Якҷоя иҷро шудани ду амали мазкур сохтори талаффузи ҳиҷоҳои калимаҳо ташаккул ёфта, бо ҳаракат омузиш меёбад.

**Давраи дуюм** ҷиҳати зарур дар нақшаи равонӣ ба шумор меравад. Кӯдак дар ин давра аллакай маънои калимаҳоро дарк мекунад. Вазифаи асосӣ кор бо ибора аз он аст, ки дар кӯдакон талабот ба талаффузи дуруст ташаккул ёбад. Дар ин давра нақши оила ва шахси бо кӯдак сару кор дорад, хеле муҳим аст. Ин ашхос атрофи кӯдак аз як тараф фазои муваффақиятро ба амал меорад ва аз тарафи дигар мушкилиро, ки кӯдакро ба дуруст баён намудани фикр ва хоҳишаш водор мекунад.

Ҳангоми кор бо алоқамандии нутқ кӯдак фаҳмиши пешро мустаҳкам намуда, дарки нутқ ва таркиби грамматикии нутқ дар ӯ ташаккул меёбад. Вазифаи муҳим аз он иборат аст, ки бояд ба кӯдак ҳангоми душворӣ кашидан дар нутқ аз имову ишора истифода омӯзем.

**«Овоз, ё аксуламал овозӣ»**

**1.Кӯдаконро ба савол ҷавоб додан бо калима ва фақат баъди калонсолон меомӯзем.**

- «**Ман».** Калонсол эҳсос, фаҳмиш дарк ва дигар амалҳои кӯдаконро таъриф мекунад. Калонсол вақте ки савол медиҳад диққатро ба кӯдак ҷалб мекунад. Ҳангоми ҷавоб додан бо даст худро нишон медиҳад. «Доно кист? «Ман доно мебошам! Калонсол калимаро талаффуз карда худро нишон медиҳад. Кӯдак калимаҳоро талаффуз мекунад.

- «**Рустшавӣ».** Кӯдак мустақилона ба савол ҷавоб дода, худро нишон медиҳад. Кӯдак дар хонача худро пинҳон мекунад(ё дар таги миз ё дар таги курсӣ). Калонсол дар хонача тақ-тақ зада. Мепурсад «Дар хонача кӣ зиндагӣ мекунад?» Кӯдак ҷавоб медиҳад: «Ман дар хонача зиндагӣ мекунам» Бо ташкил намудани бозӣ саволҳои гуногунро медиҳад, ки кӯдак ба онҳо ҷавоб медиҳад.- «Ман» Дар курсӣ кӣ мешинад? Суратро кӣ мекашад! Бозиро кӣ бурд! ва ғ.

**2. Хушҳолӣ дар онҳо бедор мекунем ва ҳангоми ҳаракат кардан ба савол ҷавоб доданро меомӯзонем.**

**«Салют».** Кӯдак бо калонсол овози дарози «ссс»-ро талаффуз карда, дастонашро мушт карда, калонсол талаффузи калимаро давом медиҳад.

3.Баён намудани хоҳишро бо ишора меомӯзонем

**«Дех».** Барои кӯдак бозӣ кардан бо бозичаҳои дилхоҳашро иҷозат медиҳем. Кӯдак бозичаро нишон дода, овоз мебарорад.Педагог маълум мекунад: «Хирсак?» Кӯдак ҷавоби «ҳа»ё «не»-ро медиҳад.

4. Машқ ҳангоми ҳаракати бадан ва аксуламали овоз.

**Истокани шаффофи пластмассӣ бо об пуркардашуда, найча барои нӯшокии ширӣ.** Ин хусусияти муҳими бозии «Тезтар пуф мекунем». Ду

истакони шаффофи пластмассиро гирифтан лозим  аст. Якеро бо об  то лабаш пур карда, лекин дар дигараш миқдори ками обро бояд гирифт. Дар стакане, ки обаш бисёр аст бо найча оҳиста пуф кардан лозим, вале дар истокане, ки обаш кам аст тезтар пуф кардан даркор. Вазифаи кӯдак аз он иборат аст, ки дар вақти бозии «Тезтар пуф мекунем» обро нарезонад.  Бояд диққати кӯдакро ҳатман ба калимаҳои суст, зӯр, бисёр, кам ҷалб кардан лозим аст. Ин бозиро барои мустаҳкам намудани фаҳмиши рангҳо истифода бурдан аст. Барои ҳамин, истакони гуногунрангро ва найчаро гирифта, кӯдакро фармоед, ки  бо найчаи сабз ба истакони сабз пуф кунед ва ғайра.

**Гулҳои қоғазин, халтачаҳои хушбӯй.** Барои аз бинӣ нафас кашидан истифода бурда  мешаванд. Бигзор кӯдак  худро чунон тассавур кунад, ки гӯё дар мағозаи гулфурӯшӣ истода, саъю кӯшиш кунад, ки чуқуртар ба воситаи бинӣ нафас кашида, гулҳои қоғазиро бӯй карда, барои модараш ва модаркалонаш аз ҳама гулҳои хушбӯйро интихоб намояд. Барои ин бозӣ гулҳои қоғазини ҳархелаи хушбӯй   интихоб кардан мумкин аст, лекин онҳо набояд бӯйи тез дошта бошанд  ва чанголуд набуда,онҳоро бисёр наздик  ба бинӣ овардан лозим нест. Пеш аз истифодаи атриёт боварӣ ҳосил кунед, ин бӯй  кӯдаконро  ба бемории аллергия гирифтор накунад.

**Ҷасти қурбоққа.** Кӯдак дар вақти хондани матн аз тарафи калонсолон ҳаракатҳои хосаро иҷро намуда, баъд тақлиди овозро бо ҳаракатро  ичро менамояд.

Калонсолон. Курбоққа ҷаст,
Хурдсолон: Вақ, вақ,  вақ!
Мурғобича шино мекунад,
Кря, кря, кря!
Бузғола меҷаҳад,
Меее, меее, меее!
Аз қафояш баррача,
Беее, беее, беее!

Аз қафои ӯ кӯдакон, Як, ду, се! (кӯдак дар зонуҳояш ба ҳар як калима қарсак мезанад) ва хурсандона қадам мезананд

Бо кӯдакони алалия машқҳои талаффузкунӣ (артикулятсионӣ) гузаронида мешавад, ки муаллифи коркард Т.Башинский мебошад. «Ин машқҳо тавре гузаронида мешаванд, ки аппарати талаффузкуниро фаъол ва инкишоф медиҳад, дар ин маврид кӯдак мондашавиро ҳис намекунад. Машқҳои асосӣ ба таври ҷуфт аз рӯи принсип муқобил… мондашавӣ иҷро мегарданд. Мисол: Дар вақти иҷрои машқҳои «табассум» мушакҳои лаб таранг шуда, ҳангоми машқи «найча» мушакҳо дар ҳолати озод бо якҷошавии лаб иштирок мекунанд. Вақте ки як гурӯҳ мушакҳо кор мекунанд, гурӯҳи дигари мушакҳо дам мегирад. Ин принсипи ҷудо кардани машқҳо имконият медиҳад, ки кори ҳамаи мушакҳои аппарати артикулятсиониро дар муддати ниҳоя кам фаъолтар гардонад. Ҳамаи қисмҳои машқҳои артикулятсионӣ дар худаш 21-то машқ дошта ва дар муддати 10-12 дақиқа давом меёбад. Вобаста ба синну сол ва қобилияти кӯдак машқҳо аз 4-5 то 10-12дақиқа ҷудо карда мешаванд». [17,67]

Бояд қайд кард, ки машқҳои артикулятсионӣ бо тартиби муайяни садо ва ҳаракати даст ифода меёбанд. Ин таъсиротро ба маркази ҳаракатдиҳанда пурқувват намуда, лекин ҳамаро ба души худ гирифта, шиддатнокиро аз узвҳои артикулятсионӣ озод намекунад. Ҳаракати оромонаи даст ва узвҳои артикулятсионӣ муваффақ шудан ба кушодашавии мавқегирии биниш, инчунин тақсими муътадили якхела боиси ҳамбасташавии ягонаи назорати даҳон, дастҳо, пурзӯр кардани таъсироти ҳавасмандкунии маркази ҳаракаткунанда ба дигар маркази асаб мусоидат мекунад. Машқҳои пайҳами муайяншуда, ба ҳамин тариқ, ҳар кадоме, ки дар охир омадааст ивазшавии машқҳои пешакӣ мебошад. Зарурият будани омузиши тамоми комплекс, чӣ хеле ки кӯдак онро тавонад мустақилона ё бо ёрии дигар кас иҷро карда барояд. Ин амал хотираро инкишоф ва мустаҳкам намуда, такондиҳӣ ба вуҷуд

меояд, назорат аз болои ҳаракат ва ҳолати дастон, артикулятсияи узвҳоро рушд медиҳад.

Бояд қайд кард, ки дар вақти машкҳои дастаҷамъонаро гузаронидан, диққати кӯдакон на ба дуруст иҷро карда баромадани он, балки ба ҳаракатҳои оромона зарур мебошад.

Дар вақти машқҳои комплексиро омӯхтан, ҷалб намудани диққат на ба дуруст кор карда баромадани он, балки ба ҳаракатҳои оромона зарур аст. Оҳиста-оҳиста мутобиқшавии ҳаракати даст ва узвҳои артикулятсионӣ ба даст оварда, баъдан машқҳои пайи ҳамро иҷро кардан лозим аст. Барои дуруст ва мустаҳкам фаҳмидани комплекс аз аввал сар карда, 4-6 машқҳо, ки 4 маротиба такрор мешавад, гузаронидан лозим аст. Дар хотир нигоҳ бояд дошт, ки пай дар ҳам ба машқҳо як ё ду ҷумла илова мешавад, шумораи такрорҳо то 8 маротиба зиёд мешавад. Ба хотири оне, ки шавқу рағбати кӯдакро нисбат ба хондан бедор кунанд, калонсол таърихи қаҳрамонони зиндаро фикр карда мебарояд.

Барои алалии сенсорӣ асосаш вайроншавии дарккунӣ ва фаҳмиши нутқи гирду атрофиён бо шуновоии физикӣ мебошад. Олими рус Л.С.Волкова чунин овардааст: «Алалияи сенсорӣ бо латхурӣ ҷойи чаккаи мағзи сар қисми чапи меҳвари он мебошад. Кӯдакон тамоман намефаҳманд, вақте ки ба онҳо муроҷиат мекунӣ, ё ки онро дар доираи танг мефаҳманд. Барои ин ки онҳо сигналҳои овоздиҳиро ҳис намуда, баъди машқҳои кӯтоҳ онҳо метавонанд бо фарқияти гуногуни ғавғо (тақ-тақ, шақаррос, ҳуштак) бараъло фаҳманд. Бо ин ҳам кӯдакон душвории калонро дар муайян намудани роҳҳои овозро санҷида мебароянд. Бештар ба ҷойи ҷавоб ба савол, кӯдак худаш саволро такрор мекунад. Дар бисёр мавридҳо кӯдакон мехоҳанд ашёҳои ба онҳо додашударо ном баранд.” [48,265]

Вайроншавии асосӣ барои ин қисми категорияи ками кӯдакон он аст, ки вайроншавии фонемаи нутқӣ (дарк кардани овозҳои забони модарӣ) дар дараҷаи гуногун пайдо шуданаш мумкин аст. Ӯ метавонад

бо пуррагӣ овозҳои нуткро фарқ накунад, яъне нафаҳмидани кӯдак вақте ки ба ӯ бо нутқ муроҷиат мекунанд дар баъзе мавридҳо нафаҳмидани овозҳои фонетикӣ мебошад.

Нарасидани овозҳои фонетикӣ дар он вақт ба амал меояд, ки кӯдакон калимаҳои аз рӯи овоз наздик, лекин аз рӯи маъно гуногунро фарқ намекунанд (пар-бар, мор-бор, зур-дур, шер-дер ва ғ.) Кӯдакони бо алалияи сенсорӣ гирифторшударо аз кӯдаконе, ки кам мешунаванд фарқ намекунанд. Барои ҳамин, дар бораи фаъолияти фикрии кӯдак бо алалияи сенсорӣ барвақт хулоса баровардан нодуруст аст.

Нафаҳмидани вазифаҳои нутқӣ ва ноиҷро мондани он, мумкин нодуруст қабул шудани норасогии зеҳнӣ шавад. Дар ин маврид, ба кӯдак пешниҳод кардани машқҳои амалӣ ба мақсад мувофиқ аст. Мисол, манораро сохтан бо супориши ивазшавии элементҳо бо фаҳмиши шакли он, ранг, андоза ё аз фигураҳои геометрӣ онро зинат дода, кошинкорӣ кардан. Дар ин ҷо асос фаҳмидан лозим аст, ки кӯдак чӣ хел назар ба маводҳои дидактикӣ дошта, ёрии калонсолонро қабул мекунад ё не ва дигар кӯдаконро низ тақлид мекунад ё не. Ин хел кӯдаконро сари вақт ба мутахассис барои шунавоии овозӣ бо методи объективӣ, баъдан ба духтури рӯҳӣ ва логопедӣ тавсия кардан лозим аст

- Ҳангоми тарсидан, ба ҳаяҷон омадан пинҳонкунии ноқисиҳои нутқашро зиёдтар мекунад.

Ба кӯдак омӯзед, ки бо овози баланд фарёд назанад, балки бо овози пасти мӯътадил сухан гӯяд. Мутахасисон ду намуди ринолалияро пешниҳод менамоянд: кушода ва пушида. Дар шакли кушодаи ринолалия ҳамаи овозҳои шифоҳӣ ба шакли димоғи ба вуҷуд меоянд ва тобиши димоғӣ мегиранд. Асосан овозҳои садонок тағйир меёбанд, овози (и), (у). Дар вақти талаффузи овозҳои шавшувдор овозҳои нохуш зам мешаванд, ба хусус овозҳои димоғӣ. Овози (п), (б), (д), (т), (к), (г) тоза шунида намешаванд. Нутқи кӯдак нофаҳмо аст. Дар ринолалияи пушидаи физиологӣ овозҳои димоғӣ зарар мебинанд, пеш аз ҳама талаффузи овозҳои (м),(н).

Е.Р.Левина чунин иброз менамояд, ки «Дар вақти ба вуҷудоии ринолалия вайроншавии органҳои беруни ҳангоми тараққиёти биологии кӯдак (грипп, сурхак, токсоплазмоз) ва химиявӣ (таъсирпазирии захрҳои химиявӣ, кислотаҳо), бемориҳои эндокринӣ, вайронии асабҳо, истифодабарии алкоголӣ – наркотики папироскашии модар ба назар мерасанд.» [122,211].

Кӯдаки ба бемории ринолалӣ гирифтор шударо ба назди ҷарроҳ – ортодонт ва логопедҳо бурда, доим маслиҳат пурсидан лозим меояд.

Баъзан ёрдами мутахассисҳои дигар стоматолог, оториноларинголог, невропотолог лозим мешавад. Дар вақти зарурияти ҷарроҳии коми мулоим (хейлопластика) то 6 сол ва барои бартараф намудани сироятҳои он то 14 сол давом мекунад.

Гимнастикаи талаффуз:

**Барои чеҳра ва лаб.**

1. Пуф кардани ҳарду рухсор дар як вақт.
2. Пуф кардани ҳарду рухсор паи ҳам.
3. Кашидани рухсор.
4. Тақлиди макидан.
5. Дандоннамои.
6. Думак (лабро ба пеш бурда қубур сохтан).
7. Оскал – васлшавии лабҳо.
8. Кашидани лаб ба ҳамвории даҳон.
9. Дароз кашида шудани лаб (ҳуштак).
10. Бардоштан ва фаровардани лабҳои ҷафсшуда.
11. Тақлиди дандоншӯӣ.
12. Баровардани лаб.
13. Доштани қалам бо лаб.

**Барои забон**

1. Баркашидани забон (белмонанд), (забони васеи ҳамвор), «сузанак», (забони борики тез).
2. Тоб додани забони даровардашуда ба чап ва рост.

3. Бардоштан – фуровардани нӯги забон.
4. Макидани забон дар ком.
5. «Думча» - «косача».
6. Хобиши забон.
7. Қадшавии забон.
8. «Коса» - забон ба боло.

**Барои нооромӣ сабаб ҳаст, агар:**

- Дар нутқи кӯдак паузаҳои беасос, харатери кандашавӣ дорад;
- Карахтшавии мушакҳои нутқ қайд карда мешавад;
- Кӯдак дар як овоз ё ҳиҷо дармемонад ва бисёр такрор мекунад.
- Дар ӯ логофобия ба вуҷуд меояд (алоқаи нутқ);
- Кӯдак кушиш мекунад, ки ноқисиҳои нутқи худро пинҳон намояд. (сар меҷумбонад, лабҳояшро бесадо меҷумбонад, аз шунидаҳояш рӯ мегардонад);
- Дар нутқ ишораҳои маъно надоштаро истифода менамояд, дар талаффузи калимаҳо лакнати забонро пинҳон медорад;
- Аз нуқсонҳои нутқи шунидааш дур мешаванд.

«Барои рушди мутаносиби нутқ дар кӯдакон ва бартараф кардани мушкилоти нутқ, инҳо муҳиманд:

- муошрати мунтазам бо кӯдак, ҳавасманд кардани хоҳиши ӯ барои муошират намудан;2
- фазои мусоиди оилавӣ, ки тасаллии эмотсионалӣ эҷод мекунад;
- рушди ҳиссиётӣ;
- ташкили бозиҳое, ки ба рушди тафаккур, қобилияти фикрӣ ва иҷрои амалҳои пурмазмуни кӯдак равона бошанд.
- инкишофи ҳаракатҳои хурди моторӣ, системаи таҳрикию ҳаракатӣ.

Волидон бояд дар кор бо кӯдаконе, ки хатари вайроншавии нутқ доранд, фаъолона иштирок кунанд. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки беҳтар дарк кунанд, ки чӣ гуна вазифаҳои ҳиссии фарзандашонро инкишоф диҳанд ва рушди нутқро мусоидат кунанд. Г.А.Волкова, таъкид менамоянд, ки услуби тарбияи оилавӣ, муҳити оилавӣ ва ташкили

муошират бо наздикон ба рушди нутқи кӯдакон таъсири назаррас мерасонад: «Равишҳои авторитарӣ ва иҷозатдиҳанда барои бартараф кардани мушкилоти нутқ ва инкишофи рафтори мувофиқ кӯмак намекунанд. Сабаби демократии тарбияи волидайн муносибати боэътимодро байни волидон ва фарзандон ба вуҷуд меорад, ки ба суботи эмотсионалӣ ва рушди малакаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунад» [49,76].

Логопед ба волидон усулҳоеро меомӯзонад, ки «ба рушди огоҳии фонематикӣ, эҷоди ҷараёни ҳавои қавӣ ва самтнок, омода кардани узвҳои артикулятсионӣ барои истеҳсоли овоз нигаронида шудаанд. Волидон инчунин малакаҳои автоматикунонии талаффузи дурусти овозҳо дар ҳиҷоҳо, калимаҳо, ибораҳо ва ибораҳои мувофиқ, инчунин назорат кардани нутқи фарзандонашонро дар вазъиятҳои гуногуни муошират меомӯзанд.» [49,70]

Дар вохӯриҳои волидайн, муаллимон ва машваратҳо, логопед дар бораи чӣ гуна иҷро кардани вазифаи хонагӣ маслиҳат медиҳад. Волидон аҳамияти тақсимоти дурусти сарбории фаъолият ва чӣ гуна мустаҳкам кардани малакаҳои нутқ дар хонаро меомӯзанд.

Волидон метавонанд бо риояи чанд қоида ба фарзандонашон кӯмаки назаррас расонанд:

- Аз рӯзҳои аввали ҳаёти кӯдак, муҳим аст, ки муҳити васеъи нутқ фароҳам оварда шавад. Волидон бояд амалҳои худро бо нутқи дуруст ҳамроҳӣ кунанд, ашёро номбар кунанд ва ҳангоми бедор будани кӯдак чӣ рӯй медиҳад, тавсиф кунанд. Ҳамчунин муҳим аст, ки ба кӯдак имкон диҳанд, ки чеҳраи калонсолро зуд-зуд бубинад ва нутқи ӯро мушоҳида кунад.

- Муаллимон ва равоншиносон тавсия медиҳанд, ки кӯдакро зуд-зуд ба оғӯш гиранд, печонанд ва ғизо диҳанд. Кӯдак ҷиҳати барқарор намудани робита бо модари худ ниёз дорад.

- Муҳим аст, ки ҳама гуна кӯшишҳои кӯдакро барои нутқ гуфтан ташвиқ кунанд. Онҳо танҳо вақте ки эҳсос мекунанд, ки волидон барои гӯш кардан омодаанд, ба гап задан шурӯъ мекунанд.

- Бо кӯдак оҳиста, бо истифода аз ибораҳои оддӣ сӯҳбат кунед. Забони точикиро дуруст истифода баред, ба «нутқи кӯдак» мурочиат накунед ва ба дигар калонсолон ичозат надиҳед, ки ин корро кунанд.

- Бо фарзандатон вақти бештар гузаронед, дар паҳлӯи онҳо бошед, то онҳо ҳамеша дастгирии шуморо эҳсос кунанд.

- Ҳар рӯз бо фарзандатон китоб мутолиа намоед. Агар онҳо борҳо ва борҳо пурсанд, ноумедӣ нишон надиҳед. Шавқи онҳоро ба китобҳо бо шодӣ қабул кунед.

- Суханронии фарзандатонро фавран ислоҳ накунед. Ба чои ин, ибораҳои онҳоро дуруст такрор кунед.

Муваффақияти корҳои ислоҳӣ асосан аз иштироки волидон ва муносибати бошууронаи онҳо вобаста аст. Волидон бо фароҳам овардани имкониятҳо барои машқ намудан дар муоширати шифоҳии озод ба кӯдакон нақши муҳим мебозанд. Ин ба тақвияти малака ва қобилиятҳои нутқ дар ҳаёти ҳаррӯза мусоидат мекунад.

Волидон аксар вақт фаъолияти чисмониро ки боиси бемориҳо дар кӯдакон мегардад, масалан, вайрон шудани речаи ҳаррӯза дар рӯзҳои ид ва рӯзҳои истироҳат ё кам шудани хоби шабона аз сабаби тамошои телевизион сарфи назар мекунанд. Дар оилаҳои зиёд, кӯдакон аз сабаби фаъолиятҳои якранги фароғатӣ ва набудани бозичаҳои фаъол ба қадри кофӣ машқ намекунанд.

Дар ин маврид муҳаққиқ А.П.Воронин мегӯяд: "Чӣ бояд кард? Ёрии таъчилии волидайн таъкид мекунад: "Барои фаҳмиши нутқи атрофиён кор мекунем.

1. Бо кӯдак андозаи алоқаро ҳангоми нутқ тағйир додан зарур аст. Дар бораи предмет он вақт гап задан мумкин аст, ки дар зери назорат бошад, онро ба даст гирифта тавонад, бинад даст занад, бозӣ кунад, номи ашёҳоро бисёр такрор кунад, предметҳои иҳота кардаи кӯдакро дар шакли чумла номбар кунад.

2. Кӯдакро ба нутқи алоқаманд бояд раҳнамун сохт. (Масалан, лӯхтаки зебову дӯстдоштаи кӯдакро чои дастрас-дар чевон, дар чое, ки

дидан мумкин бошад, гузоштан даркор аст, вале шарт он аст, ки гирифта натавонад. Албатта, ҳаракати мантиқии аввал-лӯхтакро мепурсад, мегӯяд «деҳ». Мумкин аст дар вақти хӯроки нисфирӯзӣ ба кӯдак додани чумчаро (қошуқ) фаромӯш кунад, ки шояд вай онро пурсад).

3. Китобҳои бачагонаи бо расмҳои равшани ранга оро додашударо истифода намуда, предметҳоро аз он нишон медиҳад. Аксҳои беҳтарин ва зебо ба шаклпарастӣ тасвир ёфтаанд.» [52,44]

Масалан, расми ранга дар тасвири фил барои кӯдакони синни 3-сола дуруст намеояд. Баъзан, рассомҳо дар китобҳои бачагона: «рӯбоҳи мӯзадор, дар тан куртаи саднақшунигор, бо мӯҳраҳои ҷилодиҳанда дар гардан, бо қапчуқи занона дар пушт акс намудаанд. Бачагон ҳоло ба моҳияти ин расмҳо сарфаҳм нарафта, онҳоро чун предмети ҳақиқӣ тасаввур менамоянд.» [52,102]

Чӣ тавре, ки дар боло гуфта гузаштем, аввалин мактаби муошират барои кӯдак ин оила аст, ки кӯдак аз айёми хурдсолӣ тамоми расму русум, одат, рафтор ва кирдорро дар он ҷо меомӯзад. Ба кӯдак дар мушкилии нутқӣ ёрӣ расонидан барои волидон зарур аст, ки муносибати мусбати муоширатро дар оила нигоҳ доранд. Волидон бояд барои кӯдакон реҷаи муайяни рӯз ва хӯрокҳои серғизоро таъмин намоянд. Дар кӯдакон шавқу ҳавас нисбат ба китобхонӣ ва шинос намудан ба мероси гузаштагон пайдо намоянд. Барои кӯдакон китобҳоеро интихоб кунанд, ки ба синну соли кӯдак мувофиқат кунад. Кӯдаконро бо маҷаллаҳои кӯдакона шинос намуда, теъдоди китобҳои кӯдаконаро зиёд намоянд.

## Хулосаи боби 1.

1. Нуқсонҳои нутқӣ зери таъсири омилҳои биологӣ, ба монанди ирсият, ҳолатҳои патологӣ ҳангоми таваллуд, бо таъсири омилҳои гуногуни вайроншавии марказҳои нутқронии майнаи сар ва монанди ин ба вуҷуд меоянд. Дар ин мавридҳо ноқисиҳои нутқи овозталаффузкунӣ, Вайроншавии сохти ҳиҷоҳои калима, ғалатҳои лексикӣ, ғалатҳои

грамматикӣ, методикаи камбудиҳои интонатсия ва дигар дида мешаванд.

2. Солҳои охир талаботи аҳолӣ ба ёрии логопедӣ хело афзоиш ёфт. Аз ин рӯ, талабот ба МТ махсус барои кӯдакони нутқашон ноқис торафт меафзояд. Дар шароити имрӯза дараҷаи инкишофи илмҳои логопедӣ ва методикаи кор, ки роҳ ба усулҳои бартараф кардани нуқсонҳои нутқро пешбинӣ менамояд, ниёз ба инкишофро дорад.

3. Ташаккулёбии нутқи кӯдак ин истеъдоди фаҳмиши нутқи атрофиён мебошад. Барои он ки кӯдак фаҳмад, калимае, ки ба ашёи ишорашуда дахл дошта бошад, ӯ бояд дар бораи он шунавад, онро бинад, бо ашёҳо алоқаманд карда тавонад. Фақат, баъд аз он кӯдак мефаҳмад, ки ҳиссиёти аз ашё ҳосил кардаи ӯ бо калимаҳое, ки мешунавад, мувофиқ меояд ва фарқияти байни калима ва ашёро муайян мекунад.

4. Волидон бояд дар кор бо кӯдаконе, ки хатари вайроншавии нутқ доранд, фаъолона иштирок кунанд. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки беҳтар дарк кунанд, ки чӣ гуна вазифаҳои ҳиссии фарзандашонро инкишоф диҳанд ва рушди нутқро мусоидат кунанд.

5. Гуфтаҳои боло имконият медиҳанд хулоса намоем, ки айни замон барои муайян намудани барномаи фардии мувофиқи ислоҳӣ барои ҳар як кӯдаки соҳиби нуқсонҳои нутқӣ такмил додани методҳои тадқиқи онҳо ниҳоят муҳиманд.

# БОБИ 2. ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ БАРГУЗОРИИ КОРҲОИ ИСЛОҲНАМОӢ БО КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ

## 2.1. **Тавсифи корҳои логопедӣ бо кӯдакони синни томактабӣ оид ба бартараф намудани нуқсонҳои нутқӣ дар шароити таҳсилоти фарогир**

Таълими махсус (коррексионӣ) мутобиқи таҳқиқоти гузаронидашуда, ин на фақат иловаю изофае ба кори умумирушдӣ бо кӯдакон аст, балки ҳамчун шарти муҳими рафъи баъзе мушкилию мураккабиҳоест, ки дар натиҷаи халалпазирию осебҳои биологӣ ба вуҷуд меояд. Пеш аз ҳама, муҳиму арзишманд аст, ки он дар асосу заминаи ташаккули шахсият қарор гирад, ки тағйироте дар раванди рушд дошта метавонад. [212,49]

Робитаи қавии педагогикаи махсус бо дигар илмҳо дар ҳалли вазифаҳое, ки дар назди таълими махсуси кӯдакони аз инкишоф бозмонда истодааст, ҳамаҷониба мадад мерасонад. Ин масъалаҳо доими нестанд, балки вобаста аз талаботи замон ва супориши иҷтимоии замон ҳамвора тағйир меёбанд ва мутахассисони соҳа ба ҳалли вазифаҳои комилан нав водор месозанд.

Дар давраи ҳозира педагогикаи махсус вазифаҳои зеринро ҳал менамояд:

1.Ошкор сохтан ва омӯхтани қонуниятҳои асосии таълим, тарбия ва инкишофи одамони дорои норасоиҳои гуногун, барқарор намудани робитаи онҳо бо кори истисноию педагогӣ ҷиҳати аз байн бурдани нуқсҳои рӯҳию ҷисмонӣ.

2. Тафриқаи низоми таълими махсус, соҳаҳои педагогикаи махсус , усулу муносибатҳои нав ба намуду гурӯҳҳои кӯдакони аз инкишоф бозмонда ва нуқсонҳои гуногун дошта.

3. Омузиши равандҳои ҳамгироӣ дар педагогикаи махсус, роҳу тарзҳои амали мутақобили мактабҳои таълимии оммавӣ ва махсус .

4. Омузиши тиббию ирсӣ, физиологӣ, психологӣ ва педагогии кӯдакони нуқсондор, коркарди муносибати ягона ва амалияи такмили педагогикаи ташхисӣ ва махсус, омузиши робитаҳо ва имкониятҳои амали мутақобили педагогикаи махсус бо дигар илмҳо.

5. Муайян намудани мазмуни фаъолияти истисноию педагогӣ, коркарди тарзу усулҳои татбиқи амалии онҳо ҳангоми шаклҳои гуногуни ташкили раванди таълиму тарбия дар мактабҳои таълими махсус (махсус)

6. Таҳияи усулҳои махсуси таълиму тарбияи хурдсолони нуқсдор, хусусиятҳои доир гардондани машғулиятҳои махсуси ислоҳӣ ва фаннӣ.

7. Таҳияи талабот ба воситаҳои махсуси ислоҳи норасоиҳо ва табобати иллат ба асбобҳои айёнӣ ва маводи дидактикӣ, асбобҳои махсус, воситаҳои техникии таълим, ташкил ва такмили дастурҳо ва таҳҷизоти махсуси таълим.

8. Асосҳои назарӣ ва татбиқи амалии таълими тафриқа ва инфиродии хурдсолону калонсолон, ташкили кор бо дарназардошти ташхиси беморӣ ё қатъи инкишоф, имкониятҳои кӯдакон, хусусият ва вақти зуҳури нуқсону иллатҳо.

9. Муайян намудан ва дар амал татбиқ кардани тавсияҳои махсуси беҳдоштӣ, тиббӣ, психологӣ ва педагогӣ бо назардошти тавсифи тиббии иллат, дар ин замина андешидани тадбирҳо оид ба кори талаффуз, биноӣ, шунавоӣ, ҷисмонӣ ва дастур ҷиҳати шаклу сохтори ташкили машғулиятҳо.

10. Омузиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам дар таълим, тарбия ва инкишофи шахсони аз инкишоф бозмонда, густариш ва татбиқи усулҳои наву пурсамар дар раванди таълиму тарбият.

11. Таҳия ва ояндабинии таълими махсус дар давраҳои муайян, ошкор сохтани самтҳои асосии инкишофи педагогикаи махсус ва робитаи мутақобили он ба амалияи таълим ва тарбияи одамони нуқсдор, ё аз рушд бозмонда.

Ҷиҳати амалӣ намудани дастрасии баробар ба таҳсил барои ҳамаи кӯдакон «Консепсияи таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2045» (26.12.2024, №652) қабул гардид. Дар Консепсияи мазкур омадааст: «Консепсияи мазкур ба ташкил намудани низоми таҳсилоти фаргир равона гардида, ҷиҳати ҳаматарфа омӯхтани омилҳои асосии вазъи таҳсилот, пеш аз ҳама, таҳсилоти махсус, омода будан барои қабули кӯдакон ба низоми таҳсилоти умумӣ ва муносибати таҳаммулпазиоона дар ин зина мусоидат менамояд» [106,12].

Таҳсилоти фарогир маҷмӯи чорабиниҳои таҳсилотиест, ки бо ҳуқуқҳои кӯдак барои маълумотгирӣ ва зиндагӣ асос ёфта, имконияти таълиму тарбия ва таҳсилот дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, аз он ҷумла дар кӯдакистонҳоро дар бар мегирад.

Бо мақсади дастрас намудани таълим ва маълумотгирии баробар ва босифат ба ҳамаи кӯдакон мактабҳои таълимии таҳсилоти фарогир нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, метод ва шаклҳои таълим, ғановатҳои моддию маънавиро бояд барои қонеъ гардондани талаботи кӯдакони имконияти маҳдуд ва талаботи махсусдошта мувофиқ намоянд. Инчунин тарафҳои гуногуни хизматрасонии иҷтимоӣ ва тиббиро аз мадди назар дур мондан  мумкин нест. “Аҳамияти таълим ва таҳсилоти фарогир барои кӯдакони имконияти маҳдуд ва талаботи махсусдошта боз дар он аст, ки онҳо дар фаъолияти якҷояи таълимӣ, меҳнат ва бозиҳо иштирок намуда, ба маҷмӯи муайяни муносибатҳои иҷтимоӣ ворид мегарданд, қоида ва меъёри муносибату муоширатро аз худ менамоянд. Дар раванди фаъолияти якҷоя нутқ ва олами эмотсионалии худро ғанӣ мегардонанд. Ҳамсолон бо намунаи иҷрои амалҳо, гуфтору рафтор имконият медиҳанд  кӯдакони имконияти маҳдуд ва талаботи махсусдошта қоида ва меъёрҳои нутқи гуфтугуиро аз худ намоянд.»[15,232]

Тавре ки қайд намудем, муҳимтарин хусусияти таълим ва таҳсилоти фарогир дар он аст, ки калонсолон дар кӯдакистон ва оила ба дастовардҳои мусбати кӯдак такя намуда, шавқу рағбат ва имконияту тавоноии ӯро инкишоф медиҳанд. Дар навбати худ ин амал имконият

медиҳад, кӯдак ба қувваю имконияти худ бовар намуда, барои минбаъд такмил додани сифатҳои шахсӣ, маҳорату малакаи азхудкунии донишу маълумот кӯшишу ғайрат намояд.

Яке аз шартҳои асосии муваффақиятҳои таҳсилоти фарогир ба салоҳияти касбии мураббия вобаста аст, ки ӯ метавонад таълиму тарбия ва инкишофи кӯдакони дорои маҳдудиятро таъмин намояд.

Хусусияти ташкили таҳсилоти фарогир аз он иборат аст, ки мураббиён бояд аз омодагии махсуси касбӣ гузаранд. Мураббиён бояд донишҳо дар бораи таҳсилоти фарогир ва психологияи синну солӣ, хусусиятхои психофизиологии кӯдакон, методикаи баргузории машғулиятҳои таълимӣ ва инфиродӣ бохабар буда, дар бораи кӯдакони дорои маҳдудияти ҷисмонӣ ва саломатӣ дошта кор бурда тавонанд.

Азбаски кӯдакони дорои маҳдудият имконияти озод интихоб намудани муассисаи таълимӣ доранд, ҳар як мураббияро зарур аст, ки салоҳиятҳои фарогириро дошта бошад ва ин салоҳиятҳо бояд ба салоҳияти касбии ӯ табдил ёбанд.

Салоҳияти мураббияи таҳсилоти фарогир ба салоҳияти махсуси касбӣ дохил шуда, аз мураббия иҷро намудани вазифаҳои касбиро дар ҷараёни таҳсилоти фарогир бо ба назар гирифтани талаботҳои гуногуни кудакон ва ба вуҷуд овардани муҳит барои рушд ва худинкишофдиҳӣ онҳо талаб мекунад. Ба сохтори салоҳиятҳои мураббия таҳсилоти фарогир салоҳиятҳои мазмунӣ (мотиватсионӣ, когнитивӣ (маърифатӣ), инъикосӣ) ва амалиётӣ ҳамчун қисмҳои салоҳиятҳои асосии мураббияи таҳсилоти фарогир дохил мешаванд.

Салоҳиятҳои мотиватсионӣ ин майлу рағбати шахсии мураббия барои амалӣ намудани фаъолияти педагогӣ дар шароити кор бо кӯдакони дорои маҳдудият дар муҳити ҳамсолони солими онҳо (иҷтимоӣ, маърифатӣ, касбӣ, рушди шахсӣ ва ғайра) мебошанд. Салоҳиятҳои мотиватсионӣ ҳамчун маҷмӯи арзишҳо, талаботҳо, қисмҳо, мақсадҳо ва вазифаҳои мувофиқ ба таҳсилоти фарогир, инчунин ҳавасманд намудани худ (мураббия) барои иҷро намудани фаъолиятҳои

муайяни касбӣ дар самти таҳсилоти фарогир ба ҳисоб мераванд. Дар ин хусус таҳқиқгар Э.Ҷонмирзоев қайд менамояд: «Шахсияти худи мураббия дар самти салоҳияти мотиватсионӣ салоҳияти асосӣ ба ҳисоб рафта, ин салоҳиятҳо ғояи инсондӯстии шахсияти мураббия, роҳҳои мусбии иҷрои фаъолиятҳои касбӣ дар шароити таҳсилоти фарогир, дарки аҳамияти таҳсилоти фарогир барои сотсиализатсияи кӯдакони дорои маҳдудият ва ҳисси инсондӯстии онҳоро дар бар мегиранд.» [242,132]

Муҳити функсионалии салоҳиятҳои мураббияи таҳсилоти фарогир аз салоҳиятҳои асосие иборатанд, ки ҳар яки онҳо дорои чунин салоҳиятҳои мазмунӣ мебошанд.

Расми 3.



Салоҳиятҳои когнитивӣ (маърифатӣ) ин қобилияти дар асоси системаи донишҳо, таҷрибаи фаъолиятҳои маърифатӣ, дарк намудан, аз нав кор карда баромадан, дар хотир нигоҳ доштан ва дар вақти зарурӣ барои амалӣ намудани таҳсилоти фарогир ва иҷрои вазифаҳои назариявӣ ва амалии ташкили он маълумоти гирифтаро истифода бурда тавонистан мебошанд. «Қисми инъикосии салоҳиятҳои мураббияи таҳсилоти фарогир ин қобилияти аз тарафи мураббия инъикос карда тавонистани фаъолиятҳои худ дар шароити омодагӣ ба ташкил намудани таҳсилоти фарогир мебошанд».[221,92]

Муҳити функсионалии салоҳиятҳои мураббияи таҳсилоти фарогир аз салоҳиятҳои асосие иборатанд, ки ҳар яки онҳо дорои чунин салоҳиятҳои мазмунӣ мебошанд:

- Ташхисӣ (диагностикӣ) – қобилияти аниқ гузошта тавонистани ташхиси ҳайати синф, рушди шахс, дараҷаи таълим ва тарбияи кӯдакони алоҳида, вазъияти ҷараёни педагогӣ дар лаҳзаҳои мушаххас ва дар тамоми раванди таҳсилоти фарогир;
- Пешгӯикунӣ қобилияти пешгӯи карда тавонистани натиҷаи ин ё он раванди педагогӣ дар шароити таҳсилоти фарогир;
- Батартибдарорӣ – қобилияти ба тартиб даровардани фаъолияти педагогӣ дар шароити таҳсилоти фарогир бо роҳи ташхиси мушахас ва босаводона ба тартиб даровардани фаъолиятҳо бо ба ҳисоб гирифтани талаботҳои гуногуни таълимии кӯдакон, шакл ва воситаҳои таълим;
- Ташкилӣ – қобилияти ташкил намудани фаъолияти педагогӣ дар шароити таҳсилоти фарогир, дар фаъолияти касбӣ эҷодкорона истифода бурдани муносибати фардӣ;
- Муоширатӣ (коммуникативӣ) – қобилияти барқарор намудани алоқа бо иштирокчиёни раванди педагогӣ, ки ба самаранок ташкил намудани таҳсилоти фарогир мусоидат мекунанд.
- Техникӣ – қобилияти амалӣ намудани методика ва технологияи таҳсилоти фарогир барои кӯдакони дорои маҳдудият;

- Ислоҳкунӣ – қобилияти дар ҳамаи даврахо ислоҳ карда, тағйир дода тавонистани раванди педагогӣ бо ба ҳисоб гирифтани натиҷаи ташхиси ҷорӣ ва ҷамъбастӣ;
- Тадқиқотӣ- қобилияти омӯхтан, таҳлил кардани зуҳуроти педагогӣ, гузаронидани корҳои таҷрибавӣ.
- Дар ҷараёни омодагии касбии мураббия барои амалӣ намудани таҳсилоти фарогир омодагии касбӣ – шахсии ӯ барои кор бо кӯдакони дорои маҳдудият хело муҳим аст. Омодагии касбӣ – шахсии мураббия барои кор бо кудакони дорои маҳдудият аз ғояҳои касбӣ - инсондӯстии шахс, аз ҷумла тамоюлҳои касбӣ-арзишӣ, сифатҳо ва маҳоратҳои касбӣ-шахсии вай иборат мебошанд.

Интихоби методҳо ҳамеша мувофиқи аз ҷиҳати методӣ асоснок намудани масъалаи илмӣ, бо дарназардошти муносибати фаъолу бонизом ба татбиқи амалии он сурат мегирад.

Дар тадқиқоти илмии махсус ва педагогӣ методҳои зерин васеъ истифода мешаванд: мушоҳида, суҳбат, муколама, пурсишнома, саволнома, тест, озмоиши педагогӣ, омузиши самараи фаъолият, таҳлили назарӣ ва ғайра.

Методи мушоҳида – омузиши мустақим ва мақсаднок, ки ба вазифаҳои фаъолият вобаста буда, бар асоси дарки равандҳо ва ҳодисаҳо дар вазъиятҳои мухталифи табиӣ сурат мегирад.

Шароити педагогии таъмини раванди истисноию педагогӣ муҳимтарин талабот нисбат ба мушоҳида ҳамчун тадқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Ин амал дар шароити табиӣ сурат мебандад, биноан хеле муҳим аст, ки кӯдакон аз мақсаду вазифаҳои кор огоҳ нашаванд ва муҳаққиқ низ дар раванди фаъолияти истисноию педагогӣ ширкат наварзад. Дар акси ҳол мушоҳида метавонад рафтори кӯдакро тағйир диҳад ва ба амали табиӣ халал расонад.

Муҳимтарин талабот ба мушоҳида мақсад ё ҳадафи он мебошад. Ин амал бояд ба нақша гирифта шуда, мақсаду вазифаҳо, ҷой, муҳлат,

зинаҳо, воситаҳои техникӣ (магнитофон, видео, асбоби суратгирӣ, телевизион ва ғайра) аниқ муайян гарданд.

Муҳаққиқ худ метавонад машғулият гузарад ва дар рафти машғулият мушоҳида кунад, ёрдамчиро истифода барад ё худашро дур гирад ва ё ба фаъолияти кӯдакон ҳамчун иҷрокунанда ҳамроҳ шавад.

Агар мураббия – логопед маълумоти ба даст овардаашро бо маълумоти гирифтаи ҳамкорон, падару модарон муқоиса намояд, агар мушоҳида бодарназардошти омилҳои гуногун ба равандиислоҳию таъсиррасон, муддати тулонӣ идома ёбад, натиҷаҳои мушоҳида дуруст ва боварибахш хоҳанд буд.

Яке аз хусусиятҳои муҳими мушоҳида аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ҳатман бо натиҷаҳое, ки дар муассисаҳои умумии таълим ба даст овардаанд, муқоиса карда мешавад.

Натиҷаҳои мушоҳида ба муҳаққиқ имкон хоҳанд дод, ки раванди педагогиро ба низом дарорад, маводи таълимро ба фаҳмиши кӯдакони маъюб мувофиқ намояд, роҳу воситаҳои такмили раванди таълиму тарбияро равшан созад.

**Методҳои суҳбат ва гуфтугӯ.** Ин методҳо чун оддӣ, дастрас, фаврӣ буда, рӯ ба рӯ бо кӯдакони маъюб сурат мегиранд, ба таври фаровон истифода мешаванд. Азбаски кӯдакони маъюб на ҳамеша ба саволҳо равшану возеҳ ҷавоб медиҳанд, ин методҳо тақозо менамоянд, ки ҷавобҳо аниқу мушаххас карда шуда, моҳияти фикру ақидаи онҳо ошкор гардад. Дар робита бо ин хеле муҳим аст, ки қабл аз суҳбату гуфтугӯ мақсаду вазифаҳоро муайян намоем, саволномаҳо тартиб диҳем, доираи саволҳои асосӣ ва ёридиҳанда, воситаҳои шарҳу эзоҳи ҷавобҳоро равшан созем.

Ҳангоми истифодаи методи мазкур фазои ахлоқию психологӣ фароҳам овардан зарур аст, ки муомилаю муносибати ҳар ду ҷониб шавқовару пурмазмун сурат гирад, кӯдакон самимона фикрашонро иброз доранд, гапашонро гӯянд.

Барои он ки суҳбат, ё гуфтугӯ озод, табиӣ ва судманд ҷараён ёбад, бояд ҳолат орому гуворо, ҷевонҳо зебою рӯҳафзо, гулҳои хушбӯю рангоранг ва равшанӣ на чандон баланд бошад.

**Методи пурсишнома.** Он воситаи тадқиқоти мушаххасест, ки дар бораи умумият, ё ҳамгунагии раванди истисвои педагогӣ иттиллоъ ба даст меорад. Ин метод пурсиши хаттиест аз рӯи барномаи қаблан таҳияшуда.

Ҳангоми таҳияи мазмуни пурсишнома саволҳо бояд равшану возеҳ, ботартиб, пай дар пай ва фаҳмою дастрас, мушаххас ва сода бошанд. Саволҳои пурсишнома аввал тавассути миқдори ками одамони аз ягон ҷиҳат маъюб санҷида шуда, пасон аз рӯи чунин санҷиш дар матн тағйирот дароварда мешавад. «Дар тадқиқоти истисноию педагогӣ бештар ду шакли пурсишнома корбаст мегардад: пӯшида ва кушода. Пурсишномаи кушода саволҳоеро дар бар мегирад, ки ҷавобҳоро бояд худи кӯдакон танзим намоянд. Пурсишномаи пӯшида чунон аст, ки бояд яке аз ҷавобҳои пешниҳодшуда интихоб гардад. Солҳои охир пурсишномаҳои омехта ба вуҷуд омадаанд, ки як қисми саволҳо ҷавоби мустақилона, қисми дигарашон аз миқдори ҷавобҳои пешниҳодшуда ҷавоби дурустро талаб мекунанд.»[235,39]

Ба шарофати истифодаи ин методи тадқиқот барои гирифтани иттилооти зиёд ва дуруст имконият фароҳам меояд.

**Методи тест.** Ин метод пешниҳоди супоришҳои якхела аст, ки аз рӯи натиҷаҳои иҷрои онҳо оид ба сифатҳои руҳию ҷисмӣ, шахсӣ, дониш ва малакаю маҳорати кӯдакони маъюб хулоса мебароранд.

Супоришҳои якхела чунин нуқтаҳоро равшан месозанд: ба кадом дараҷа кӯдак ба меъёри маълум мувофиқат мекунад; ӯ воқеияти атрофро чӣ тарз дарк ё ҳис менамояд. Тест барои ошкор сохтани тафовут ва хусусиятҳои раванди донишомӯзии кӯдакони маъюб мадад мерасонад.

Ҳар як тест барои зуҳур ва зикри хусусиятҳои рӯҳию ҷисмии кӯдакон, ки ба модарзодӣ ва ё омодагии ин ё он нуқс алоқаманд мебошанд, бояд имконияти баробар манзур созад. Ин талабот бо роҳи

пешниҳоди супоришҳои гуногунмазмун ва арзёбии натиҷаҳои иҷрои онҳо амалӣ мегардад. Баъзе одамон, ки нуқси якхела доранд, як супоришро бомуваффақият ба ҷо меоранд, дигарон намуди дигари супоришро хуб иҷро мекунанд.

Ҳангоми таҳияи натиҷаҳои тест ва расидан ба натиҷаҳои муайян онҳоро ба таври сунъӣ ба фаъолияти баъдинаи истисноию педагогикӣ татбиқ намудан мумкин нест. Тест амалӣ якдафъаина буда, натиҷаҳои он имконоту қобилияти донишомӯзии кӯдакони маъюбро дар як давраи муайян нишон медиҳад ва фаъолияти баъдинаро пешгӯӣ карда наметавонад.

Дар педагогикаи махсус тестро бештар барои зикр кардани муваффақиятҳо истифода мебаранд. Масалан, дараҷаи омодагии кӯдакони маъюби синни томактаби қайд карда мешавад. Муҳаққиқ сатҳи фарогирии донишу малака, ҳису дарк ва ҳаракатро муайян менамояд.

**Методи озмоиши педагогӣ -** тарзи санҷиши фарзияҳои илмиро дар бар мегирад. Он методи асосии тадқиқоти илмӣ дар педагогикаи махсус мебошад. Ҳангоми истифодаи он талаботи ягонагии барномаҳои озмоишӣ бо равандҳои таълиму тарбия ва истисноию педагогиро риоя намудан зарур аст. Гоҳо шароити махсуси барои озмоиш фароҳамшуда раванди табиии педагогиро вайрон сохта метавонад. Дар ин маврид озмоишгар метавонад маълумоти ғалат ва нодуруст ба даст орад.

Натиҷаҳои дурусти илмӣ онгоҳ ба даст хоҳанд омад, ки ҳама омилҳои ба озмоиш таъсиррасон ба назар гирифта шавад, шароити зарурӣ фароҳам оял, бо назардошти натиҷаҳои ягонаи лабораторӣ, нақшаи амиқи доир гардидани онҳо таҳия гардад.

Давраи ибтидоии омӯхтани талаффуз ва савод (кӯдакони 6-7 сола) ба кӯдаконе дахл дорад, ки нутқ доранд, аммо захираи луғавиашон ночиз аст. Кӯшиш менамоем ба таври муфасал хусусияти овозии нутқи кӯдаконро шарҳ диҳем. Пеш аз ҳама диққатро ба таркиби овозии нутқ ҷалб менамоем.

Калимаи дигаре, ки ба кӯдак супориш шуда буд, ки талаффуз намояд «тарбуз» буд, ки кӯдак онро ҳамчун «тарбус» талаффуз намуд, ки бо роҳи бисёр такрор кардан дар зери роҳбарии мураббия кӯдак онро бехато талаффуз мекардагӣ шуд. Дуруст ва бехато талаффуз карда натавонистани калима, қисман дуруст ё нодуруст будани калимаро ё фикрро фаҳмидани кӯдак вобаст мебошад.

Онҳо махсусан дар талаффузи ҳарфҳои қ,х,ч, з, ш, ж- ва ғайра мушкилӣ мекашанд. Бояд қайд кард, ки кӯдакон ба кӯдакистонҳои логопедӣ одатан танҳо баъди дар кӯдакистонҳои умумӣ таълим гирифтан натавонистан, меоянд. Дар аксар ҳолатҳо мушоҳида мегардад, ки гӯё кӯдак танҳо талаффузи баъзе овозҳоро ёд гирифта бошаду халос.

Дар натиҷаи коркарди мазмун ва методи таълим мо кӯшиш намудем, ки хусусиятҳои овозӣ ва талаффузии онҳоро ба инобат гирем, аз болои қафомонии инкишофи баёнии онҳо кор барем.

Дар асоси тамоми нуқсонҳоиҳо ду самти таълим коркард гардид:

1. ташаккули талаффузи овозҳо;
2. ташаккули овозӣ-ҳиҷогӣ ва таркиби пайдарҳамии гуфтор.

Дар баробари тарбия додани дурустии гуфтори даҳонӣ бояд онҳо ба саводнокӣ равона карда шаванд. Шароитеро муҳаё сохтан зарур аст, ки ҳам нутқи шифоҳи ва ҳам хатии онҳо якхел инкишоф ёбад.

1. Ташаккули талаффузи садоҳо.

Дар зери мафҳуми аз худкунии садоҳо доштани артикулятсия дар робитаи зич бо қабулкунии овозҳо фаҳмида мешавад. Дар натиҷаи дар ин ҷода кор кардан системаи ягонаи фарққунӣ, муқобилгузории фонемаҳо рӯй медиҳад. А.Н Гвоздев дар китобаш «Аз худ кардани паҳлуҳои овозии забони русӣ» менависад: «Ташаккулёбии фонема он вақт рӯй медиҳад, ки кӯдак ба омехта ва ҷудокунии овозҳо оғоз менамояд». [57,132]

Овозҳои гуногун аз рӯи мушкилии талаффузашон якхел нестанд. Омузиши махсуси паҳлӯҳои овозии нутқи кӯдакон бо тамоми қафомонияш нишон медиҳад, ки қонунияти умумие мавҷуд аст, ки

ташаккули садоҳоро назорат менамояд. Дар нутқи кӯдак пеш аз ҳама дурустӣ дар овозҳои лабии п,м,б; лабӣ–дандонии ф,в; забони-дандонии т,д,н; забонӣ- ҳалқии к,х,г ва овозҳо дида мешавад.

Дар бисёр ҳолатҳо дар давраи дохилшавӣ ба муассисаҳои томактабии махсус дар кӯдакон нодуруст талаффуз кардани овозҳо мушоҳида мешавад. Ба ин овозҳо мансубанд: «с,з,ш,ч,л,р» ва садоҳои мулоим ва ҷарангосии «б,д,г».

Ислоҳи як қисми овозҳои номбаршуда муносибати махсус ва заҳмати зиёдро талаб менамоянд. Кор бо овозҳои артикулятсияи оддӣ дошта осонтару оддитар мебошад, аммо бисёрии онҳо муносибати махсус ва қобилияти баландро талаб менамоянд.

Корро дар навбати аввал аз ислоҳи садоҳои «а,у,м,п,о,в,к,н,х,ф,и,э» бояд сар кард. Машқ ва дуруст талаффуз кардани ин садоҳо кӯдаконро ба ёд гирифтани талаффузи садоҳо одат мекунонад. Дертар кор болои овозҳои «с,йот,л,и,з,б» оғоз меёбад ва нозукии ҳарфҳои пи,ми,ти,пе,ме,те,-ро меомӯзем. Садои «с», бештар дар шакли омехта ифода меёбад. Талаффузи нодурусти садои «с» монеъ мегардад барои талаффузи бехатои аксари садоҳо. Пас ба омузиши овозҳои «л,ш,ж,р,ч,ш» оғоз менамоем. Талаффузи дурусти овозҳо барои инкишофи нутқи кӯдакон аҳамияти зиёд дорад.

Дуюм талаботи муҳим муайян кардани пайдарҳамии овозҳо аз дағал ба зебою нозук расидани талаффузи онҳо мебошад. Дар ҷараёни аз худ кардани овозҳои ҷуфт диференсатсияи онҳо бо тарзи нозуки талаффузашон омӯхта мешаванд. Дар охири давраи таҳсил кӯдакон бояд фарқ кардани овозҳои «к,х,с,з,п,б» ва ғайраро ёд гиранд:

1. дифференсатсияи овозҳои к, х гузаронида мешавад;
2. дифференсатсияи овозҳои с,з, гузаронида мешавад;
3. дифференсатсияи овозҳои п,б, гузаронида мешавад;
4. дифференсатсияи овозҳои устувор ва мулоими п,т,с,и, ки ин дифференсатсия такрори маводҳои гузашта мебошад.

2. Ёд додани талаффузи калима.

Дар боло қайд карда шуд, ки яке аз хусусиятҳои характерноки талаффузи кӯдакони нутқашон инкишоф наёфта дар таркиби нутқашон мебошад. Лекин восита ва методҳои коркардашудаи роҳи ҳали бисёр мушкилотҳоро бо ин категорияи кӯдакон равшан намуда, роҳу воситаҳоро дастрас гардонид. Ғайри ҳайати ҳиҷогӣ, ҳолати садо ва овозҳо ҳамаҷониба омӯхта шуданд. Ҳатто наздикии овозҳо ба инобат гирифта шуданд ва роҳҳои аз нуқсонҳоии нутқ раҳо бахшидани кӯдакон тадбирҳо андешида шуданд.

Дар инкишоф ва бартарафнамоии нуқсонҳои нутқ нутқи калонсолон низ нақши муҳим мебозад. Овози онҳо бояд ором, бо интонатсияҳои дӯстона, эҳтиромнок ва боэътимод бошад. Нутқ бояд ором, ритмӣ ва аз ҷиҳати эмотсионалӣ ифоданок бошад. Талаффузи дурусти калонсолон барои кӯдакон намунаи ибрат буда, фарҳанги шифоҳии онҳоро ташаккул медиҳад. Нутқи калонсолон бо кӯдакон бояд равшан, бо луғати содда ва дастрас ва сохторҳои грамматикӣ, ки ба синну сол ва сатҳи инкишофи кӯдак мувофиқанд, бошад, то ки ба онҳо кӯмак ҷиҳати даркнамудани нутқи дигарон мусоидат намояд. Як мисол меорем: Аҳмадов П. калимаи «помидор», «сиёҳидон», «шона»-ро дуруст талаффуз карда натавонист, лекин калонсолон бо саъю талоши доимӣ талаффузи ӯро беҳтар менамуданд. Дар гуфтори Зебо бошад нуқсонҳои дигар мушоҳида карда шуд. Ӯ бисёрии калимаҳоро дуруст талаффуз менамояд, лекин суръати оддитарин хондани шеърро риоя карда наметавонад. Гузаштан аз калима ба ибора ва ҷумла барои ҳама кӯдаконро мушкилотро пеш овард. Сарфи назар аз фарқиятҳои фардии кӯдакон ҳамаи онҳо мушкилоти якхелаи талаффузӣ доранд. Таҷрибаи кори таълими кӯдакони дар чунин сатҳи инкишофи нутқ қарордошта нишон дод, ки ҳолати ба инобат гирифтани хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдакон мумкин мебошад.

Дар ин маврид муҳаққиқ Иматзода Л.М. баён кардааст: «Ҳиссаҳои нутқ ба монанди сифат,ҷонишин, ҳиссачаҳо ва нидо ниҳоят кам истифода бурда мешаванд. Кӯдакони аз тарафи мо мушоҳида гардида

пайвандакҳоро бисёри вакт дар дигар маъниҳо истифода мебаранд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аҳамияти пайвандакҳоро дар нутқи даҳонӣ аз худ накардаанд. Чунин кӯдакон қобилияти ба нутқи атрофиён тақлид кардан ва онро нухсабардорӣ намуданашон суст ва умуман вуҷуд надорад. Инчунин, онҳо дар фарқ кардани таркиби морфологии калима чандон устувор нестанд. Онҳо дар бисёр ҳолат охири калимаро намегӯянд, ҳамин тавр хатогиҳо дар онҳо захира мегардад.» [86,54]

Дар гуфтаи кӯдакон ингуна иборахо: «духтарак ба мурғ хурдан дод»; «Сафар китоб хона овард»; «духтарак карам ба харгӯш дод» ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки захираи луғавии кӯдакон чандон бой нест. Чунин хатоҳо дар гуфтори кӯдакон аз он шаҳодат медиҳад, ки онҳо барои дуруст талаффуз кардан ва бартараф намудани хатогиҳояшон кӯшиш менамоянд.

Бисёр вақтҳо хатогӣ дар пасояндҳо роҳ дода мешавад. Ҳамин тавр Ёрӣ мегӯяд: «Гург гушна афт». Кӯдакони дигар мазмуни расмро нақл карда мегӯяд: «Кӯдакон аз купрук гузашт», дар ин ҷо мебоист чунин мегуфт: «Кӯдакон аз купрук гузаштанд», зеро ки кӯдакон дар шакли ҷамъ мебошанд ва амал ҳам бояд дар шакли ҷамъ бошад. Ё баъзан дар гуфтугӯ пешоянд ва пасояндҳои зиёдатиро истифода мебаранд. Мисол: «Валиҷон бозиро ёд гирифт хуб», мебоист мегуфт «Валиҷони бозиро хуб ёд гирифт».

Дигар, мураббия аз кӯдакон хоҳиш мекунад, ки калимаҳои зеринро ба ҳиҷо ҷудо намуда, талаффуз намоянд: дуруд, суруд, рақам, роҳбар, дору, суруд, шафтолу.

**Калима ва ҷумлаҳои зеринро бо овози «Л» дар як калима бо овозҳои ҳуштакӣ ва шавшушдор «с, ш, ж» такрор намояд.**

- сол
- шол
- жола
- лашкар
- қишлоқ

- Модарам шоли зебо харид.
- Аз мобайни қишлоқ дарёчаи шӯх ҷорӣ буд.

Мураббия ба он таваҷҷуҳ менамояд, ки ин ё он кӯдак дар талаффузи кадом овозҳо дар мемонад, бештар азият мекашад. Дар робита бо ин ӯ ба кӯдакон мефармояд, ки ҳамон ҳарфҳо ва калимаҳои душворталаффузро бо истифодаи машқҳои талаффузкунӣ иҷро намоянд.

Аз ҷониби муҳаққиқон барои истифода чунин комплекси машқҳои талаффузкунӣ пешниҳод мегардад:

**«Машқҳо барои овозҳо (с), (з), (тс) (овозҳои ҳуштакдор).**

**«Най»**

1. Лабҳо бошиддат ба пеш кашида мешаванд. (дандонҳо ҷавс хоҳад шуд).

**Машқҳо барои овозҳо. (ш), (ж), (ч), (шч)**

**Сурнай»**

1. **Лабҳо бошиддат ба пеш мераванд**
   (дандонҳо ҷафс мешаванд).
2. «Деворча - шиғ»

Бошиддат табассум мекунем ва дандонҳо васл мешаванд.
(дандонҳо ҷафс мегарданд).

**Машқҳо барои овози (р).**

**«Соатчаҳо»**

Ба чап – ба рост.
Ба чап – ба рост.
Забони ман ҳаракат менамояд.
Забон ба чап – ба рост.

**«Дандонҳоро тоза мекунам»**

Тоза кунам, тоза кунам,
Аз даруну берун озода кунам.
Ҳаракати забон ба боло,
Дандони болову поён ва

аз рост ба чап.

Баъд боз ба дандонҳои поён.»[86;89]

Ҳамин тавр, ин машқхо барои рушд ёфтани мушакҳои содаи аппарати талаффузкунӣ, ки кӯдакро барои дуруст талаффуз намудани овозҳо омада менамояд, пешниҳод гардидааст.

Машқҳои пагоҳирӯзӣ барои рушди ҷисмонии кӯдакон тавсия дода мешаванд. Ин машқҳо бояд вазифаҳоеро дар бар гиранд, ки мувозинат, ҳамоҳангсозии ҳаракат ва самти фазоӣ доранд. Барои кӯдаконе, ки лакнатзабонӣ доранд, зарур аст, ки ба ҳамоҳангсозии ҳаракат ва нафаскашӣ диққат диҳанд, аз унсурҳои рақобатӣ худдорӣ кунанд ва бозиҳои фаъолро бо суръати мӯътадил бозӣ кунанд. Бо тавсия ва пешниҳодоти логопед, волидон метавонанд бо фарзандони худ машқҳои махсуси истироҳати мушакҳоро бо истифода аз дастурҳои шифоҳӣ ва тахайюл иҷро кунанд. Шиноварӣ, давидан ва бозиҳои гуногун барои варзиши оилавӣ мувофиқанд. «Барои барқароршавии вайроншавиҳои нутқӣ омилҳои иҷтимоӣ - шароити тарбияи оилавӣ, таҷрибаи эмотсионалии кӯдак дар давраҳои аввали онтогенезӣ, дараҷаи маълумотнокии волидайн, саривақт муроҷиат кардан ба мутахассис ва дараҷаи иштирок дар корҳои ислоҳӣ аз аҳамияти холӣ нест.» [129,21]

Барои он ки кӯдакон муттасил сухан ронда, ягон масъаларо баррасӣ карда тавонанд, вобаста ба синну соли онҳо мунозира ташкил намудан лозим аст. Барои баҳс ва мунозира мавзуъҳои зерин тавсия мешаванд:

- Эҳтироми падару модар;
- Эҳтироми шарикмашғулиятон ва калонсолон;
- Зарари бедонишӣ, дурӯғгӯӣ, танбалӣ, дуздӣ, беодобӣ;
- Аҳамияти ростгӯӣ, хушфеълӣ, сухани нарму ширин;
- Донистан ва таҳлили афсона, мақолу зарбулмасалҳо;
- Бо овози баланд, бурро ва равон хондани шеъру ҳикояҳо;
- Воқеаҳои дидаю шунидаашонро бо шавқ, пай дар пай нақл намудани кӯдакон.

Ҳамкории муассисаи томактабӣ бо оила ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои таъмини рушди дорои нуқсонҳои нутқ муҳим арзёбӣ гардида, он яке аз воситаҳои асосии ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ дар кӯдакон ба ҳисоб меравад. Оид ба ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқӣ дар таҳқиқот ва мақолаҳои Б.Маҷидова, М.Дадобоева, Л.Иматзода, Р.Рамазонова, М.Маҳмадиева, Д.Салямова , С.Мирзоева, Х.Хасанов, Л.И.Белякова, Л.Р. Давидович, Т.С.Резниченко, Н.С. Жукова, Е.М. Мастюкова, Л.М. Козырева, М.М. Колсова, А.Г. Московкина, В.И. Селиверстов ва дигарон иникос ёфтааст.

Ташкили дурусти ҳаёти кӯдакон дар муҳити оила ва рушди ҳамаҷонибаи ӯ нақши калидӣ мебозад. Барои кӯдакон муҳим мебошад, ки насли солим, аз ҷиҳати зеҳнӣ ва эмотсионалӣ баркамол ва бо нутқи равон ва ҳамоҳанг ба воя расанд. Барои ба чунин муваффақиятҳо расидан, волидон бояд баъзе усулҳои ислоҳнамоиро дар ҳамкори бо логопед аз худ намоянд ва онҳоро муфассалтар баррасӣ намуда, ба фарзандон барои ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ чораҳои махсус андешанд.

Барои беҳтар кардани салоҳияти педагогии волидон моро зарур аст, ки таъмини рушди пурраи кӯдаки дорои нуқсонҳои нутқ дар муҳити оила, волидон бояд намунаҳои рушди нутқи кӯдакро дарк намоянд. Тибқи гуфтаи Л.И. Белякова (1989) «Салоҳияти педагогии волидонро метавон баланд бардошт, то ки онҳо сабабҳо ва омилҳои хавфи вайроншавии нутқ, инчунин усулҳои пешгирии онҳоро дарк намоянд. Сабабҳои вайроншавии нутқ метавонанд гуногун бошанд. Ба рушди он метавонад ҳам омилҳои беруна ва ҳам омилҳои дохилӣ нақш бозад, ки дар он на танҳо фаҳмидани сабабҳои органикӣ марказӣ ва периферӣ, функсионалии вайроншавии нутқ, балки фаҳмидани он ки чӣ гуна таъсири манфӣ ба организми кӯдак боиси вайроншави нутқ мегардад, муҳим аст.» [18,46]

Волидон бояд донанд, ки нутқ воситаи муҳим барои рушди вазифаҳои олии зеҳнӣ мебошад. Дар ин маврид онҳоро зарур аст, ки ҳолатҳои рушди муқаррарии психомоторӣ ва психовебралиро дарк

кунанд, то ки оддитарин ноинкишофёбии барвақтиро муайян созанд. Кӯдакро доимо зери назорат қарор дода, аз болои инкишофи нутқи ӯ ҳарчи бештар мушоҳида намояд. Зеро қобилияти дарки мушкилот дар фаҳмиш, нутқ ва муоширати унсури калидии баланд бардоштани саоҳияти педагогии волидон мебошад.

Муаллифон тавсия медиҳанд, ки волидон нигарониҳои рафтории фарзанди худро муайян кунанд, мушкилоти нутқро тафтиш кунанд ва онҳоеро, ки хоси фарзанди онҳо ҳастанд, қайд кунанд. Онҳо инчунин бояд рушди кӯдакро бо нишондиҳандаҳои меъёрӣ муқоиса кунанд ва каҷравиҳоро дар нутқ, фаҳмиш ва муошират муайян кунанд. Сипас, муайян намудан лозим аст, ки кадом ҷанбаҳои ҳаёти равонӣ ва фаъолиятҳо ба рушд ниёз доранд. Барои ба даст овардани фаҳмиши объективӣ ва ҳамаҷониба дар бораи фарзанд, шахсияти ӯ ва мушкилоти ӯ, аз волидон хоҳиш карда мешавад, ки пурсишномаҳоро пур кунанд. Онҳо метавонанд зери ҷавобҳо хат кашанд ё ҷойҳои холиро пур кунанд.

Калачева И.О. қайд мекунад, ки «Нақши волидон дар рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва нутқи кӯдакон килидӣ мебошад. Рушди пурраи нутқи кӯдак аз диққат, ҳассосият ва қобилияти мушоҳидаи мушкилот, инчунин хоҳиши онҳо барои рушд ва такмили малакаҳо вобаста аст». [7;39]

Ташкили дурусти ҳаёти кӯдак дар муҳити оила ба як андоза муҳим буда барои рушди пурраи кӯдаки дорои нуқсонҳои нутқ дар оила ташкили дурусти ҳаёти ӯ мебошад. Ин риояи реҷаи ҳаррӯза, тақвияти бадан, гузаронидани фаъолиятҳои махсус барои ҳавасмандгардонии рушди ҳаракатӣ ва зеҳнӣ, нигоҳ доштани реҷаи нутқ дар оила ва риояи қоидаҳои умумии эҷоди муҳити солими нутқ аз ҷониби волидонро дар бар мегирад.

Тавре муҳаққиқон қайд мекунанд: “Волидон нигарониҳои рафтории фарзандихудро муайян кунанд, мушкилоти нутқро тафтиш кунанд ва онҳоеро, ки хоси фарзанди онҳо ҳастанд, қайд кунанд. Онҳо инчунин бояд рушди кӯдакро бо нишондиҳандаҳои меъёрӣ муқоиса

кунанд ва каҷравиҳоро дар нутқ, фаҳмиш ва муоширати муайян кунанд. Сипас, муайян намудан лозим аст, ки кадом ҷанбаҳои ҳаёти равонӣ ва фаъолиятҳо ба рушд ниёз доранд. Барои ба даст овардани фаҳмиши объективӣ ва ҳамаҷониба дар бораи фарзанд, шахсияти ӯ ва мушкилоти ӯ, аз волидон хоҳиш карда мешавад, ки пурсишномаҳоро пур кунанд. Онҳо метавонанд зери ҷавобҳо хат кашанд ё ҷойҳои холиро пур кунанд.”[170,184,201]

Дар бораи карахтшавӣ И.А.Сикорский чунин менависад: “Кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқ аксар вақт аз шамолхӯрӣ ва сироятҳо азият мекашанд. Онҳо ба тағйироти ҳарорат ва обу ҳаво суст мутобиқмешаванд. Аз ин рӯ, мустаҳкам кардани саломатии онҳо муҳим аст. Яке аз усулҳокарахтшавӣ аст, ки бояд аз хурдӣ оғоз карда шавад. Интихоби усули карахтшавӣ ин шустушӯ бо оби хунук, пӯшидани либоси сабук, пок кардан ё об додан аз синну сол ва хусусиятҳои кӯдак вобаста аст.” [207]

Муваффақият дар бартараф кардани таъхирҳои нутқ асосан аз синну соле вобаста аст, ки логопедҳо ба кӯдак кӯмак мекунанд. Машғулиятҳое, ки дар давраи рушди фаъоли мағзи сар оғоз мешаванд, самараноктаранд. Онҳо пайвастҳои асабро ҳавасманд мекунанд, ба камолоти онҳо суръат мебахшанд ва барои ислоҳи нуқсонҳои нутқ мусоидат мекунанд. Волидон ба рушди мақсадноки луғат, грамматика ва нутқи фразеологии кӯдак нақши калон мебозанд.

## 2.2. Воситаҳои ташаккули ҷанбаҳои фонетикӣ ва лексикӣ-грамматикии нутқи кӯдакон

Масъалаи омодагии кӯдак ба хондан ва навишт яке аз қисмҳои асосии тайёрӣ ба мактаб буда, мутахассисон ва омӯзгорон бештар ба нутқи хаттӣ диққати махсус медиҳанд, қисматҳои маъмули саводомӯзӣ-хондан ва навиштанро дар ҳаёти бошууронаи инсон асос меҳисобанд.

Дар ин маврид олими рус И.А.Зимняя чунин таъкид менамояд: “Бояд қайд намуд, ки дар ҷараёни саводомӯзӣ корҳои инкишофӣ-ислоҳӣ мавқеи хосро ишғол мекунанд, зеро омӯзиши савод усули асосии муқаррарии фароҳам овардани малакаҳои хондан ва хату савод аст.» [83,43]

Дар давраи ташаккулёбӣ нутқи ҳар як кӯдак аз ҷиҳати фонетикӣ то андозае мушкилот эҷод мекунад. Аммо талаффузи нодурусти кӯдакон дар 3-4 - солагӣ ба таври табиӣ сурат мегирад, чунки ҳанӯз узви талаффуз дар кӯдак ноустувор аст.

Вайроншавии нутқро баъд аз 5 - солагӣ ҳамчун забонгирии сахти физиологӣ дида баромадан мумкин аст, ки он метавонад минбаъд устувор гардад. Аз ин ҷо бармеояд, ки то ин синну сол устуворгардии нуқсонҳои нутқ имконпазир аст. Барои ин ҳар қадар пештар бо кӯдак машғулиятҳо гузаронем, ҳамон қадар камбудиҳои нутқӣ зуд ва осон бартараф карда мешаванд.

Аломати инкишофи нопурраи фонетикӣ то ба охир нарасидани ҷараёни ташаккулёбии овозҳо мебошад, ки бо аломатҳои махсус аз якдигар фарқ мекунанд. Дар кӯдакони вайроншавии шунавоии фонетикӣ дошта мушкилот ба вуҷуд меояд, яъне онҳо бодиққат гӯш карда наметавонанд ва дар лаҳзаи талаффузи ягон навъи овоз ва ё ҳиҷо дар як вақт даст бардошта наметавонанд. Дар ҳолати мустақилона ҷобаҷогузории калимаҳо, ҷудо кардани овозҳо мушкилӣ мекашанд. Бештари кӯдакон бошанд, ҳангоми ҷобаҷогузории калимаҳо бо ёрии суратҳо ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегарданд.

Сабаби асосии пурра инкишоф наёфтани ҷанбаи фонетикӣ камии луғат, боздошти ташаккули сохтори грамматикии нутқ, талаффузи кӯтоҳ, омехтагии нутқ ва ғайра мебошад. Танҳо ҳангоми таҳқиқи махсус камбудиҳои гуногуни анҷомаҳои ҳиссаҳои нутқро фаҳмидан мумкин аст. Бо кӯдакони дорои чунин мушкилот аз аввали соли таҳсил бо таҳқиқи инфиродии онҳо машғул шудан зарур аст. Бинобар ин, ҳам ба талаффузи

овозҳои алоҳида ва ҳам ба тарзи изҳори сохтори овозии калимаҳо аҳамият додан бамаврид аст.

Дар тадқиқотҳои М.Ф.Фомичева «як катор хусусиятҳои инкишофи нутқи кӯдакони норасоии фонетикии нутқ дошта ифода гардидааст. Ӯ нуқсонро пеш аз ҳама дар норасоии луғат, дағалии садо, аз худ карда натавонистани қоидаи навишт ва нафаҳмидани маънои матни шунида медид. Дар давраи таҳсил ташаккули талаффуз амалӣ мегардад. Дар давраи якуми таълим барои машғулияти омодагӣ ба саводмомӯзӣ вақт ҷудо намешавад. Тайёрӣ ба таҳлилу таркиби овозии нутқ сурат мегирад. Барои таиёрӣ ба навиштан вақти махсус ҷудо карда мешавад» [230].

Муҳимтарин вазифаи таълими машғулияти омодагӣ ба саводомӯзӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар он аст, ки тарбиятгирандагон моҳияти фаҳми маънои сухан, назокати суханварию беғалат таҳлил кардани калимаҳоро омӯхта, дар оянда нафосату мероси ниёгони забони хешро нигоҳ доранд.

Дуруст ба роҳ мондани машғулиятҳои омодагӣ ба саводомӯзӣ ба ғанӣ гардидани захираи луғавӣ мусоидат намуда имконият медиҳад, ки кӯдакон озодона муошират намуда, бемонеа фикрашонро баён намоянд. Вазифаҳои асосии машғулиятҳои омодагӣ ба саводомӯзӣ дар гурӯҳи калон ин рушди сухан, ташаккулдиҳии маҳорати ҷудо карда тавонистани овоз дар таркиби калимаҳо, ҷойгиркунӣ ва муайяннамоии мавқеи ҷойгиршавии овозҳо дар таркиби калимаҳо, яъне таълими таҳлили овозии калима мебошад.

Таҳлили овозии калима - ин муайян намудани мавқеи ҷойгиршавии овоз ва пайдарҳамии он дар таркиби калима мебошад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки ҳангоми таҳлили овозӣ намудани калимаҳои гуногун, мураббиён бояд донанд дар забони модарӣ 30 овоз аст.

**Овозҳо садонок ва ҳамсадо мешаванд.**

**Овозҳои садонок инҳо мебошанд: а, о, у, ӯ, и, э.**

**Овозҳои ҳамсадо инҳо мебошанд: б, в, г, ғ, д, ж, з, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш.**

Ин маълумотҳо ба мураббиён имконият медиҳанд, ки ҳангоми таҳлил намудани калимаҳои гуногун ба ин масъала диққат диҳанд.

Давомнокии ҳар як машғулиятҳо дар гурӯҳҳои синну солӣ бояд мутобиқ ба нишондодҳои Барномаи таълимӣ баргузор шуда ва тавре ташкил карда шавд, ки зина ба зина мазмуни он мураккаб гардад. Машғулияти омодагӣ ба саводомӯзӣ дар гурӯҳи калон ва омодагӣ ба мактаб дар 1 ҳафта як маротиба бо давомнокии 25 - 30 дақиқа (гурӯҳи калон), 30 - 35 дақиқа (гурӯҳи омодагӣ ба мактаб) гузаронида мешаванд. Машғулиятҳо хусусияти якҷояи алоқамандӣ доранд.

Истифодаи гимнастикаҳои артикулятсионӣ (талаффузкунӣ) дар кӯдакони гирифтори алалия аз ҷониби олими рус Т.Башинкский коркард шудааст. Ин гимнастика тавре иҷро мегардад, ки аппарати талаффузкуниро инкишоф медиҳад ва дар натиҷа он инкишоф меёбад ва дар ин ҳолат кӯдак хастагиро ҳис намекунад.

**Бозии дидактикии «Номбар кардани калимаҳо бо овози додашуда» навъҳои гуногунро дорад.** Мураббӣ чор мисраъ шеъри бачагонаро мехонад, кӯдакон бояд калимаҳоро бо овози додашуда дар хотир нигоҳ доранд.

О, баррачаи масти ман,
Биё давон дукур - дукур
Ҷаву алаф ба дасти ман
Биё бихур фашар - фушур.

Дар ин ҷо кӯдаке, ки аз ҳама бештар калимаҳои овози «р» доштаро номбар мекунад ғолиб дониста мешавад.

Барои ташхиси талаффузи овоз ва калимаҳо асосан соатҳои барои пурсиши инфиродӣ ҷудо гардида истифода бурда мешаванд.

Аз таҷрибаи кори логопедон маълум мегардад, ки ба барқароркунии ногаҳонии функсияи ҳаракатии садо интизор нашуда, аз рӯзи аввали вайроншавии овоз ба табобат бояд сар кард.

«Давраи машқгузаронӣ аз чор марҳила иборат аст:

1) психотерапияи амалӣ;

2)ислоҳкунии нафаскашии ҷисмонӣ ва нафаскашии фонатсионӣ;

3) ба воситаи машқҳои фонопедӣ бартараф намудани норасоиҳои аппарати овоз;

4) ба воситаи машқҳои вокалӣ ба роҳ мондани фонатсияи дуруст.» [17]

Баъди ёрии психологӣ ба дурусткунии нафаскашӣ ба воситаи маҷмӯъи машқҳо мегузаранд.

**Маҷмӯи А.** Ҳолати аввала-болои курсӣ нишаста ё истода:

1) нафаскашӣ ва нафасбарорӣ ба воситаи бинӣ;
2) нафаскашӣ ба воситаи даҳон, нафасбарорӣ бо бинӣ;
3) нафаскашӣ бо даҳон, нафасбарорӣ бо бинӣ;
4) нафаскашӣ ва нафасбарорӣ бо тарафи чапи бинӣ, баъд ба воситаи тарафи рост (бо навбат);
5) нафаскашӣ ба воситаи як тарафи бинӣ, нафасбарорӣ ба воситаи тарафи дигар (бо навбат)
6) нафаскашӣ ба воситаи бинӣ, нафаскашии тӯлонӣ ба воситаи бинӣ, бо қавӣ кардани он дар охир;
7) нафаскашӣ ба воситаи бинӣ, нафасбарорӣ ба воситаи лабҳои ба ҳам ҷафс;
8) нафаскашӣ ба воситаи бинӣ, нафасбарорӣ тавассути бинӣ бо теладиҳӣ (тавассути пардаи ҳоҷиз).

Баъди 7-10 рӯз аз ибтидои саршавии машқҳои нафаскашӣ машқҳо барои фаъолгардонии мушакҳои гардан, мушакҳои дохилӣ ва берунии ҳалқ илова карда мешаванд. Чунин фосиларо барои он риоя мекунанд, ки дар оғози барқароркунӣ овозро бо машқҳо зиёд монда накунанд.

Пас таҳлили овозҳои садоноки охири калима, ҷудо кардани ҳамсадоҳо аз аввали калима ва ҳиҷобандӣ кардан зарур аст. Давраи дигари мушкилот дар таҳлили калима шинос набудани кӯдакон бо овозҳои садоноки охири калима мебошад.

Мушкилоти дигар барои кӯдакон дар ҷудо кардани ҳамсадоҳо аз аввали калима ва ҳиҷо мебошад, ки дар давраи таҳлили калима ба миён меояд. Филичева Т.Б. дар ин маврид мегӯяд, ки “Вобаста ба сатҳи дониши кӯдакон таҳлили машқ дар ҳарфҳои гуногун тадриҷан мураккабтар мегардад. Масалан, агар дар давраи аввали таълим ҳарфҳои «а,у,о,у» ба ҳиҷоҳои якранг муқоиса карда мешуд, монанди «ап,ук,от,бу» бошад бо ҳиҷоҳои гуногун муқоиса мешуданд. Мураббия вақти машғулиятҳои инфиродиро тарзе тақсим менамояд, ки ҳама кӯдакон ба машғулияти талаффуз ва савод нағз таиёр бошанд. Садоҳои [ш] ва [л] аввал бо нутқи даҳонӣ пас дар машғулияти савод ба нутқи хаттӣ ва даҳонӣ мустаҳкам карда мешавад.”[227,165]

Мураббия бояд ҳушёр бошад, ки овозҳои нав пайдошуда бо кӯдакон дар рафти кор мушкилотро пеш наоранд. Агар садои талаффуз нодуруст бошад, бояд ба зудӣ кӯшиш карда шавад, ки ислоҳу бехато гардонида шавад. Дар охири соли хониш кӯдакон бояд ҳама овозҳоро дуруст талаффуз карда тавонанд.

Аз рӯи дараҷаи малакаҳои талаффузии кӯдакон, назорати дурустии дарккунии ба воситаи талаффуз ифода меёбад. Барои дар хотир нигох доштан ҳиҷоҳои аз ду ва зиёда дар хотир нигоҳ дошта мешавад. Дар ин давра ба калимаҳои боз мураккабтар оҳиста –оҳиста бо кӯдакон гузаронида мешавад.

Дар давраи садо додани калима роҳҳоеро истифода бурдан мумкин аст, ки бо роҳи қарсак ё ишора фаҳмида мешавад. Дар талаффузи калимаҳо мавқе асосиро ибораи дар хотир нигоҳдорӣ мебозад. Як қисми машқҳоро кӯдакон бо гузаштани задаи дурусти талаффуз ва ба ҳисобгирии вазни калима ба ҷо меорад. Масалан та-та$^{1}$, та$^{1}$-та, та-та-та$^{1}$, та$^{1}$тата ва ғайраҳо.

Барои ташаккули нутқ шеър маводи арзандатарин ба шумор меравад. Дар шеър вуҷуд доштани қофия ва радиф кӯдаконро ҷалб намуда, дар онҳо на фақат хоҳиши гӯш кардани мисраҳои шеъри , балки онро дар ёд дошта, ба ёрии калонсолон онро такрор намоянд. Барои аз

ёд кардан шеърҳоеро бояд интихоб намуд, ки онҳо мазмунан дастрас ва ҳамаи калимаҳо ба кӯдакон фаҳмо ва наздик бошанд.

Барои ташаккули нутқ шеър маводи арзандатарин ба шумор меравад. Дар шеър вуҷуд доштани қофия ва радиф кӯдаконро ҷалб намуда, дар онҳо на фақат хоҳиши гӯш кардани мисраҳои шеърро , балки онро дар ёд дошта, ба ёрии калонсолон онро такрор намоянд. Барои аз ёд кардан шеърҳоеро бояд интихоб намуд, ки онҳо мазмунан дастрас ва ҳамаи калимаҳо ба кӯдакон фаҳмо ва наздик бошанд.

Аз тақлиди овозҳо сар намуда, дар шеър талаффуз мекунанд, «Ғозҳо, ғозҳо, ғозҳо!Ға, Ға, Ға (кӯдак талаффуз мекунад). Агар мехоҳед? Ҳа, ҳа, ҳа!»

Барои оне, ки диққати кӯдак ба шеър ҷалб шавад, ба матн номи кӯдакро дохил кунед. «Кӣ, кӣ, кӣ дар ин хона зиндагӣ дорад? Кӣ, кӣ, кӣ бо баромадани офтоб аз хоб мехезад?» Мумкин дар вақти аз ёд кардани шеър расмҳои рамзии шартӣ кашид, ки барои матнро дар ёд доштан ёрӣ медиҳад. “Тарзи дар хотир нигоҳ доштани шеър бо асоси ҳаракатҳои қофиябандӣ вуҷуд дорад. Вай ба асос оварда шудааст, ки дар қофияи шеърӣ кӯдак вақти талаффузи матн ба кафкӯбӣ ҳаракати муайяни бо тартибро иҷро мекунад. Аз ҷумла, кӯдак калимаро талаффуз карда, аввалан дасти чап ба рӯи миз ё зону зарба зада, баъдан ба дасти рост.

Кӯдакро дар зонуи худ шинонида, бо дастони худ вайро ишора карда, се бор шарaққос бо навбат омӯхта: дасти чап зонуи чап, дасти рост зонуи роства бо кафҳо. Вақте ки кӯдак ритмро аз худ мекунад бо кафкӯби ҳар як калимаро ҷудо- ҷудо бо ҳаракатҳо **хо-** ба зонуи чап**, на-** ба зонуи рост**, ча-** бо кафҳо. Ҳар як калимаро бо ҳаракатҳои мушаххас бозӣ медоронанд: (хо-хо-хо) се кафкубӣ ба тарафи рост (на- на-на) се бор ба тарафи чап (ча-ча-ча) се бор бо кафкӯбӣ ҳамаи ҳиҷоҳоро, яъне калимаи хоначаро бо ритм (вазуз мекунад.[192,36-39]

**Чӣ хел ҳангоми шеърхонӣ бозӣ мекунанд**

Ин навиштаҷоти одии бозии калимабандӣ, ки бо он мумкин бо кӯдак бозӣ кардан ва маҷмӯаи шеърҳоро истифода бурдан лозим аст.

**«Калимачаҳоро гӯед «.** Калонсол як мисраи шеърро хонад, ки бо кӯдакон шинос бошад. Кӯдак ҷойи холи калимаҳоро, ки калонсол онро партофтаанд ҷо ба ҷо гузоранд.

**«Муколама»** Шеърро ба таври муколама мехонад, гуфтугӯи калонсол бо кӯдак. Калонсол ба кӯдак муроҷиат карда, ӯ ба матни шеър ҷавоб мегардонад.

Калонсол: Ту куҷо меравӣ?

Хирс: Ба шаҳр арчаро тамошо кардан

Калонсол: Барои чӣ вай ба ту?

Хирс: Соли навро пешвоз гирифтан лозим.

**«Чӣ гӯяк».** Кӯдак ба калонсол оид ба мазмуни шеър савол медиҳад.

**«Тезгӯяк».**Бозии мусобиқавӣ. Кӣ зудтар ва дуруст тезгӯякро талаффуз мекунад, он ғолиб мебарояд.

Шаш шаршара дар дара,
Дар дара шаш шаршара.

**«Акси садо»** Гуфтани шеър бо овози гуногуни баланд.

Калонсол (баланд): - Эй ҷӯҷа хонаи ту дар куҷо?

Кӯдак(оҳиста): - Дар қаноти модарам.

**«Тасвири шеър»:** Ин бозӣ ба кӯдак шеърро ба хотир меорад. Дар вақти хондани шеър бо ёрии тасвири шартии рамзҳо аломатҳоро дар маънои шеър ифода намуда, баъдан онро тасвир мекунад ва матнро таҷдид мекунад:

Усто, усто ёрӣ расон.
Мӯзаҳоям тунук шуданд,
Мехҳоро мустаҳкам кун,
Мо имрӯз ба меҳмонӣ меравем.

**«Шеърро бо ёрии дастатон хонед».** Кӯдак бо имову ишора шеърро мехонад.

**«Кадом овозро мешунавӣ».** Кӯдакро барои бо диққат гӯш кадани шеър таклиф менамоянд ва овозҳоро тақсим намуда, ки бисёртар шунаво аст.

**Инкишофи нутқ дар вақти бозӣ**

**Сабабҳои асосии норохатӣ, агар;**

1. Кӯдак бозӣ карданро намедонад.
2. Дар бозӣ сужетро такмил дода, фақат ҳаракатҳои истифодашудаи шиноси пештарaро иҷро мекунад (лӯхтакро сер мекунад, бо лухтак бозӣ мекунад).
3. Нутқро барои инкишофи сужет ва гуфтугӯ бо ҳамкорӣ дар бозӣ истифода намебарад.

**Маълумоти мо.** Бозӣ ин шакли фаъоли эҷодӣ буда, инъикоси муҳити ҳақиқӣ, ашёҳо ва ҳодисаҳоро дарк кардан мебошад. Ин на фақат нусхабардор кардани он чизе, ки кӯдак мебинад.

Кӯдаки томактабӣ дар бозӣ афсона хаёлбофиро тасаввур менамояд. Бинобар ин, дар бозӣ ҳақиқат ва афсона бо ҳамдигар печ дар печ меоянд. Бозӣ дар айёми хурдсолӣ, синни томактабӣ фаъолияти пешбаранда мебошад. Шакли тасаввури ашё ва муоширати кӯдак бо калонсол мебошад ва мавриди машғулиятҳо ва берун аз он бозиҳои кӯдакро аз назар соқит кардан мумкин нест, чунки барои бартарафсозии нутқи носолим зарур мебошад.

Инкишофи нутқу фаҳмиши кӯдакон тавассути мушоҳида, ташаккули диққат, хотира, тафаккур ба иҷро расонида мешавад. Инчунин, кӯдак чӣ хел рафтор карданро ёд мегирад, сифатҳои хуби ахлоқӣ тоқаткунӣ, мақсаднокӣ, ҷасурӣ, ростқавлӣ, боэътимодӣ ва ғайра ташаккул меёбад. Ҳиссиёти эстетикӣ пайдо мешавад. Кӯдакони инкишофи нутқашон суст бо таъсири умумии бозиҳо ба фаъолиятҳои дигар фаъол мегарданд, ки ба гуфтори онҳо таъсири махсус мерасонад.

Дар ин маврид муҳим аст, ки кӯдакон бо ҳамдигар гуфтугӯ кунанд ва ҳаракатҳои худро шарҳ диҳанд, малакаи инкишофи нутқро мустаҳкам

ва ташаккул дода, захираи луғавиашон бой ва сохти граматикии нутқашон ташаккул ёбад.

Бояд қайд кард, ки кӯдаконе, ки нутқашон суст инкишоф ёфтааст, ба фаъолияти калонсолон дар бозӣ эҳтиёҷ доранд. Бозиҳои сужетӣ ҳангоми офаридани нақшҳо ба инкишофи нутқ таъсири мусбат мерасонад. Дар лаҳзаҳои бозӣ кӯдак бо овози баланд бо бозичаҳо гуфтугӯ мекунад, худ ба худ гап мезанад, овозҳои ҳайвонотҳоро низ тақлид мекунад. Дар рафти бозӣ зарур аст, ки калонсолон дар кӯдакон шавқи гапзаниро ба амал оварда (хоҳиш, хабар, саволҳо). Бо ҳамин мақсад бозиҳои сужетӣ дар офаридани нақшҳо инкишофи нуткро пурсамар менамояд.

**Бозиҳо барои кӯдакони - 4 сола**

Кӯдакони фаъол дар вақти интихоби бозиҳо супоришҳо мегузоранд, лекин на ҳамаи вақт онро фахмидан метавонанд ва ба ҳамсолони худ низ онро фаҳмонидан наметавонанд. Дар бозиҳо муносибати байниҳамдигарии кӯдакон инъикос меёбанд ва кӯдакон бештар лаҳзаҳои афсонавиро истифода мебаранд.

Кӯдакон кӯшиш мекунанд, ки бо ҳамсолони худ бозӣ карда, дар бозӣ фаъолона иштирок кунанд, бозиҳои байниҳамдигарии кӯдакон аз як лаҳзаи кӯтоҳ то муддати дуру дароз давом мекунанд. Бозиҳои аввалини коллективӣ ба вуҷуд меоянд ва дар асоси қоидаҳо тартиби иҷрои ҳаракатҳои бозиҳо анҷом дода мешавад.

**Бозиҳо барои кӯдакони 4--5 сола.** Кӯдакон имконияти бозиро мустақилона бо ҳамсолонаш ташкил мекунанд, нақшаҳоро тақсим намуда, моҳияти бозиро ба анҷом мерасонанд. Дар рафти бозиҳо шакли муошират бо тариқи нақшҳо мустаҳкам шуда, нишон додани бозиҳо ба тариқи нақшҳо, ҳамҷоягии нақшҳо, бозиҳои муоширатӣ боз ҳам дуру дароз давом дошта, мазмуннок мешаванд. Хислатҳои муҳими иштирокчиёни бозӣ бо ёрии роҳҳои ифоданоки ҳаракат - имови ишорат, қиёфасозӣ, интонатсия ба иҷро расонида мешавад.

**Бозиҳо барои кӯдакони 5--7 сола.** Кӯдакон бо якҷояги бозиҳоро иҷро намуда, бо фикрҳои ҳамсолонашон гӯш мекунанд, мувофиқатро ҳосил мекунанд. Кӯдакон дар бозиҳо ба таври васеъ ашёҳои номӣ, маводҳои табиии худсоз, маводҳои ёридиҳанда истифода мебаранд. Ба хулосае меоянд, ки шарти иҷрои нақшҳо қоидаҳоро риоя кардан аст.

1. Кӯдакон барои иҷрои ашёҳо, ё ки ҳаракати ашёҳоро ҳангоми бозӣ бе ягон шарти аввали иҷроиш иҷро карда, ба охир мерасонанд. Мисол, кӯдак лухтаки калонро гирифта ва мехоҳад, ки ӯро дар аробачаи кӯдакона сайру гашт барад. Ӯ бисёр кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки лухтакро дар аробачаи кӯдакона савор кунад, аммо лухтак дар аробача намегунҷад. Бо муроҷиат ба мураббия ва ҳамсолон кӯмак намуданро хоҳиш мекунад.
2. Майл кардан ба ҳаракатҳои бозӣ бо ашёҳо ба назар мерасад. Мисол: Бо мошин кӯдакон ҳаракати гуногунро ба ҷо оварда, бо мошинро дар гурӯҳ ва майдончаи бозӣ сайру гашт мекунанд.
3. Ба бозӣ шавқу ҳавас зиёд шуда, кӯдакон фаъол шуда, бозиҳоро бо калонсолон оғоз мекунанд.

**Ба кӯдак бозӣ карданро меомӯзем.** Намуди хуби омӯхтани бозӣ ба кӯдак аз волидонашон вобаста аст. Падару модар низ дар бозӣ фаъолона бояд иштирок намоянд. Кӯдак калонсолонро нигоҳ карда, ҳолатҳои бозиро аз худ мекунад. Барои ҳамин ба кӯдак нишон диҳед, ки лухтакро чӣ гуна сер мекунанд, онро чӣ гуна мехобонанд, чӣ гуна дар аробача сайру гашт медиҳанд ва чӣ гуна суруди алларо бо кӯдаки дар гаҳвора будагӣ мехонанд. Либоси лухтакро шӯстан, бо лухтак рақс кардан, аз даст гирифтан роҳ гаштанро ба кӯдак нишон дода, аз ӯ талаб кардан лозим аст, ки ҳаракатҳои дар бозӣ иҷрошударо бо нутқи буро шарҳ диҳад.

Дар бозӣ бо ашёҳо кӯдаки синни томактабӣ худаш танҳо, ё бо ҳамсолонаш иҷро мекунад. Дар ҷадвали бозиҳо барои кӯдакон бозиҳои нутқӣ пешниҳод шудаанд.

Ҷадвали 4.

| № б\т | Бозӣ, супориш | Ҳолатҳои бозӣ, барои инкишофи нутқ | Таҷҳизот | Луғат (кӯдак дар раванди бозӣ гап мезанад) |
|---|---|---|---|---|
| | | Лухтакро бурдан(ғолиб омадан) | | |
| 1. | **Алвонҷ додани «Лухтак»** | Кӯдак лухтакро интихоб мекунад, ки он бозӣ мекунад, нигоҳ мекунад ба он даст мерасонад, онро ба даст мегирад: дар даст онро алвонҷ медиҳад, ба хонаҳои гурӯҳи давр мезанонад, лухтакро алвонҷ дода, ба рӯи курсӣ мешинад, сари лухтакро сила намуда, лухтакро ба зонуи худ шинонда, лухтакро ба аробача шинонда, дар аробача лухтакро алвонҷ дода, суръати аробачаро оҳиста ва баъд тез мекунад, ҳаракатро давом медиҳад. | Лухтакҳо ҳархела аз руи андоза ва намуди берунӣ | Лухтак гиря мекунад. Лухтак зебо мебошад |
| 2. | **Рақс бо лухтак** | Кӯдак лухтакро интихоб мекунад, бо лухтак давр мезанад, расқ мекунад, лухтакро болои курсӣ мешинонад. | | |

| | **(Супориш) Бозиҳо, супоришҳо** | Ҳолатҳои бозиҳо ва қисми сужет | Таҷҳизот | Луғат, дар раванд и бозӣ кӯдак чӣ мегуяд |
|---|---|---|---|---|
| | Ғолиб омадан дар бозии бозичаҳо – ҳайвонотхо ва бозичаҳо - паррандаҳо | | | |
| 1.<br><br>2.<br>3.<br>4.<br>5.<br><br>6.<br><br><br><br>7. | Хирсак омада истодааст.<br>Хирсак ракс мекунад<br>Харгӯшак мепарад<br>Харгӯшак нишастааст<br>Парранда дон мечинад.<br>Парранда парвоз мекунад.<br><br>Кӯдакро омӯхтан лозим аст, ки шароити истифодаи ҳолатҳои бозиҳои гуногунро ёд гиранд.<br>Кӯшиш кунанд, ки ҳолати бозии ашёи шиносро бо ашёи ношинос гузаронанд. Ба фаъолияти бошууронаи кӯдакон шароити хуб муҳайё намоед, ки он дар лаҳзаи бозӣ ба назар расад | Кӯдак ҳолат ва ҳаракати ҳайвонотҳо ва паррандахоро бо ёрии бозичахои монанд (хирсак, харгушак, паррандача) ба амал меорад. Кӯдак овози барои ин ҳайвонотҳо хос будагиро тақлид мекунад | Бозичаҳо – ҳайвонотхо ва бозичаҳо- паррандаҳо андозаи гуногун аз рӯи намуди берунӣ аз бозичаҳои якхела фарқ доранд | Хирсак меравад, харгушак, медавад, парранда парвоз мекунад, дон мечинад |

Бозии сужетӣ бо офариниши нақшҳо иҷро гардида, дар натиҷаи он омузиши ҳаракатҳои ашё аз тарафи кӯдак (бозиҳои ашёӣ) бо ду намуди ашё: бозичаҳо ва олотҳои ашёӣ (қошук, коса) амалӣ мегарданд.

Дар ин ҷо ивазшавии давраҳои муайян мерасад:

1) Дар бозии якҷояги бо калонсолон кӯдак бозиро иҷро ва ё тақлид мекунад.
2) Кӯдакон мустақилона ҳаракат бо бозичаҳоро омӯхта ( дар аввал бо он бозичае, ки калонсол бозӣ мекард) ва баъдан ин ҳолатҳо дар дигар ашёҳо низ омӯхта, мешавад (дар ароба аввал лухтакро сайру гашт медиҳад, баъдан хирсак ва харгӯшак);

Пайдо шудани ҳолатҳои олотҳои шартӣ. Кӯдак ҳаракатҳоро бо ашёҳо ба тариқи таклид анҷом медиҳад (қошуқро ҳамчун телефон, гулро ҳамчун микрофон ва ғайра).

**Вайроншавии нутқи алоқамандшуда. Сабабҳои асосии нороҳатии буда метавонанд:**

1.Кӯдак матнро нақл кардан наметавонад;

2. Мазмуни матни хондашударо дар хотир надорад;

3. Дар вақти нақл кардан чизҳои асосӣ, воқеаҳои муҳимро партофта меравад.

4. Баъзе ҷойҳои матнро дигаргун сохта, мазмунро нодуруст маънидод мекунад.

**Чӣ бояд кард? Омӯхтан ва нақл кардани матн.**

Баъди хондани афсона ва ё чизи дигар албатта бо кӯдак дар бораи мазмуни матни хондашуда саволу ҷавоб кардан лозим аст. Ҳамон кадаре ки савол ба тарзи мушаххас бошад, кӯдак кӯтоҳакак ба он ҷавоб мегардонад.

Масалан, мураббия ба кӯдакон афсонаи «**Рӯбоҳ ва хурмача»-ро мехонад:**

«Пирамарде ба дарави гандум баромад. Ӯ хурмачаро бо ош дар буттазор пинҳон карда монд. Рӯбоҳ хурмачаро ёфт. Ӯ сарашро ба даруни он даровард ошашро хӯрд. Ошро хӯрда рӯбоҳ хост ба хонааш равад, аммо сарашро аз хурмача бароварда натавонист. Рӯбоҳ сари худро ҳар сӯ меҷунбонид. Хурма аз сари рӯбоҳ ҳаргиз намебаромад. Рӯбоҳ дар ғазаб шуда, хурмаро ба об ғӯтонд. Хурмача пури об шуд ва рӯбоҳро ҳам ба ҷӯй кашид. Рӯбоҳ дар об ғарқ шуд.» [136,124]

Дар аввал ба кӯдакон афсонаро нақл намуда, сипас бо кӯдакон саволу ҷавоб мекунад. Саволҳо характери зерин дошта бошанд:

Пирамард чӣ кор мекард?

Рӯбоҳ сарашро ба куҷо даровард?

Барои чӣ рӯбох сарашро ба ҳар тараф меҷунбонд?

Рӯбоҳ дар ғазаб шуда, чӣ кор кард?

Чаро рӯбоҳ дар об ғарқ шуд?

Кӯшиш кунед, ки барои хондан китоберо интихоб кунед, ки расм ва ороиш дошта бошад. Нақлро пайи ҳам ташкил карда, як ҷумларо мураббия гӯяд, дигарашро кӯдак ва монанди ин.

**Барои инкишофи тафаккури кӯдакон ба онҳо супориш диҳед. Афсонаи барои кӯдакон шиносро бо истифода аз расм дида бароед.**

**Мураббия: Ба расм бинигар. Номи афсонаро фикр карда ёб.**

**Нақли афсонаро чунин оғоз бикун.**

Мурғу мушу мурғобӣ ҳамроҳ зиндагӣ мекарданд. Мурғ рӯзе ин тараф он тараф рафта, камакак гандум ёфт.

Хурсанд шуда:

- Гандум ёфтам, гандум ёфтам, - гуфт ба ҳамроҳонаш. Орд кардан даркор. Кӣ ба осиёб мебарад?

- Ман намебарам! – овоз дод мурғобӣ.
- Ман ҳам намебарам! – гуфт муш.

Расми 4.



**Давоми афсонаро нақл бикун.**

**Мураббия дар мавриди мушкилӣ ба кӯдак кӯмак мерасонад.**

Барои муайян намудани нутқи даҳонии кӯдакон маводи аёнӣ ва расмҳо истифода бурда шуд. Мураббӣ расми меваҷоти гуногунро ба

кӯдакон нишон дода,  аз онҳо мепурсад:  «Шумо  кадом  навъҳои меваро медонед?»,  «Номбар кунед, кадом аз ин меваҳо ширинтаранд?».

Расми 5.

**МЕВАҲО**



Ҳамчунин,мураббия  ҳайвонҳоро ном бурда, сипас расмҳои баъзе аз ин ҳайвонот Гург,  Паланг,  Фил,  Шер,  Хирс,  Харгӯш,   Рӯбоҳ,  ва ғайраро нишон дода «Ин расми кадом ҳайвон мебошад?  гӯён мепурсад. Кӯдакон бо овози баланд  номи он ҳайвонҳоро мегиранд.

Расми 6.



Барои мисол супориши зеринро пешниҳод менамоем. Ба кӯдак супориш дода мешавад, ки ашёҳои дар доираи тарафи чап ҷой шударо дар хотир нигоҳ дор. Сипас онҳоро бо варақ ва ё дастат бипӯш. Ба расми дар тарафи рост буда нигоҳ бикун ва он ашёҳое, ки дар он ҷойгир нашудаанд, номбар намо.

Расми 7.



Ашёҳои дар расмбударо бо диққат аз назар гузарон. Китобро пӯшида, онҳоро номбар бикун.

Расми 8.



**Ба расм нигоҳ карда, ба саволҳо ҷавоб деҳ.** **Расми 9.**



**Гурба … дар зери миз** **Гурба … дар паси ҷевон**



**Гурба дар … курсӣ** **… дар дохили қуттӣ**

**Расми 10.**



1. **Калимаи бо ҳарфи у анҷомёфтаро номбар кунед.**

   Калимаҳои бо ҳарфи **р** анҷомёфтаро номбар кунед.

   Калимаи бо ҳарфи **к** анҷомёфтаро номбар кунед.

2. **Номи умумии ашёҳои дар расм тасвиршударо бигӯед.**



**Бигӯед:** Ин харгӯш аст.  Ин … .

Дар машғулиятҳо, ки дар боло нишон додем, инкишофи нутқ бо истифода аз таълими (маводи) аёнӣ оварда шудаанд. Гап дар он аст, ки ин машғулиятҳо басо муҳим буда, аз муҳимтарин вазифаҳои омодасозии кӯдакон ба мактаб ба ҳисоб мераванд. Барои ҳамин ҳам мо онҳоро дар доираи Барномаи кори барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем» нишон додем. Таълими аёнӣ он аст, ки кӯдак ҳар чиро-чӣ дар муҳити атроф мебинаду мушоҳида мекунад, агар худаш фаҳмад, чизе намегӯяд, вале агар нафаҳмаду надонад, ҳисси кунҷковиаш намегузорад, ки ором истад ва ҳатман мепурсад. Дар ин маврид ба кӯдак тарзи талаффузи дурусти овозҳои забони модариро бояд омӯхт.

**Хулосаи боби 2.**

1. Хусусияти ташкили таҳсилоти фарогир аз он иборат аст, ки мураббияон бояд аз омодагии махсуси касбӣ гузаранд. Мураббиён бояд донишҳо дар бораи таҳсилоти фарогир ва психологияи синну солӣ, хусусиятхои психофизиологии кӯдакон, методикаи баргузории машғулиятҳои таълимӣ ва инфиродӣ бохабар буда, дар бораи кӯдакони дорои маҳдудияти ҷисмонӣ ва саломатӣ дошта кор бурда тавонанд.
2. Восита ва методҳои коркардашудаи роҳи ҳали бисёр мушкилотҳоро бо ин категорияи кӯдаконро равшан намуда, роҳу воситаҳоро дастрас

гардонид. Ғайри ҳайати ҳиҷогӣ, ҳолати садо ва овозҳо ҳамаҷониба омӯхта шуданд. Ҳатто наздикии овозҳо ба инобат гирифта шуданд ва роҳҳои аз нуқсонҳоии нутқ раҳо бахшидани кӯдакон тадбирҳо андешида шуданд.

3. Сабаби асосии пурра инкишоф наёфтани ҷанбаи фонетикӣ камии луғат, боздошти ташаккули сохтори грамматикии нутқ, талаффузи кӯтоҳ, омехтагии нутқ ва ғайра мебошад. Танҳо ҳангоми таҳқиқи махсус камбудиҳои гуногуни анҷомаҳои ҳиссаҳои нуткро фаҳмидан мумкин аст. Бо кӯдакони дорои чунин мушкилот аз аввали соли таҳсил бо таҳкиқи инфиродии онҳо машғул шудан зарур аст. Бинобар ин, ҳам ба талаффузи овозҳои алоҳида ва ҳам ба тарзи изҳори сохтори овозии калимаҳо аҳамият додан бамаврид аст.
4. Ташкил намудани таълим ва таҳсилоти инклюзивӣ аз мураббиёни кӯдакистон талаб менамоянд, ки доир ба хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдак: шавқу рағбат, имконияту талабот, сифатҳои шахсӣ, нуқсонҳои асабу равонӣ ва ҷисмонии онҳо маълумот ҳосил намуда, роҳу усулҳои маҳсулнокии таъсиррасониро интихоб намоянд.
5. Дар ин раванд мавқеи машғулиятҳо басо муҳим буда, аз муҳимтарин вазифаҳои омодасозии кӯдакон ба мактаб ба ҳисоб мераванд. Барои ҳамин ҳам мо онҳоро дар доираи Барномаи кори барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем» нишон додем.

# БОБИ 3. ТАҲҚИҚИ ХУСУСИЯТҲОИ БАТАРАФСОЗИИ НУҚСОНҲОИ НУТҚИ КӮДАКОНИ СИННИ ТОМАКТАБӢ ДАР МУҲИТИ ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

## 3.1. Хусусиятҳои баргузории корҳои логопедӣ дар озмоиши муқарраркунанда ва таҳлили натиҷаҳои он

Низоми таҳсилоти фарогир дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот - таълими муассисаҳои томактабӣ, миёнаи умумӣ, миёнаи касбӣ ва олиро дар бар мегирад. Мақсади асосии ин муассисаҳои таълимӣ фароҳам сохтани шароити бемамониат ба таълиму таҳсил кардани кӯдакони имконияташон маҳдуд нигаронида шудааст.

Қисми муҳими омодагии касбӣ – шахсии мураббияе, ки бо кӯдакони дорои маҳдудият кор мекунад, ин расонидани кӯмак мебошад. Равоншиносон ҳисоб мекунанд, ки расонидани кӯмак аз тарафи одамон гуногун аст. Ҳар қадаре, ки дараҷаи эҳсосотӣ, ҷавобгарӣ, ғамхории одам баланд бошад, ҳамон қадар дараҷаи омодагӣ ба кӯмак баландтар мегардад: «Омодагӣ ба расонидани кӯмак аз шафқат, ҳиссиёт, тоқатпазирӣ, зиндадилӣ, дараҷаи баланди худназоратӣ, хайрихоҳӣ, маҳорати мушоҳида кардан, қобилияти ҷамъбаст кардани мушоҳидаҳо ва истифода бурда тавонистани ахбороти ҷамъшударо дар бораи кӯдак қобилияти ба олами кӯдакон ворид шуда, мушоҳидаи равонӣ оид ба шахсияти кудак ва вазъияти равонии ӯ, эҷодкорӣ, муносибати эҷодкорона ба ҳалли проблемаҳо ва ғайраҳо иборат аст.» [152,87]

Мураббия бояд аҳамияти ин сифатҳоро донад ва кушиш намояд, ки онҳоро рушд диҳад. Дар ин маврид Э.Ҷонмирзоев чунин қайд мекунад «Мураббияе, ки бо кӯдакони дорои маҳдудият кор мекунад, бояд дараҷаи баланди худидоракунӣ дошта, дар вазъиятҳои асабонӣ (стресс) будан тоқатпазир бошад, тағйирёбии вазъиятро бо боварӣ зери назорат гирифта, қарори заруриро қабул карда тавонад».[242]

Мақсади асосии тадқиқоти мазкур дар он мебошад, ки хусусиятҳои фаҳмидани нутқи кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта кушода шавад. Бо гурӯҳи кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар асоси амсилаи таҳияшуда ва барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем» корҳои озмоишӣ дар се марҳилаи таҳқиқот гузаронида шуданд. Аз рӯи натиҷаҳои фаъолияти гурӯҳҳои синну солӣ оид ба самараи татбиқи навгониҳо, мувофиқати маълумоти ба даст омада бо фарзияи тадқиқот хулоса бароварда шуд.

Бо як гурӯҳи муайяни кӯдакон баргузории корҳои озмоишӣ барои муайян намудани самаранокии фаъолияти истисноию педагогӣ, ошкор сохтани тарзу усулҳои судмандтари ислоҳ, ки ҷиҳати аз байн бурдани нуқсон ва фаро гирифтани донишу малакаҳо мадад хоҳад расонд, имконият фароҳам меовард.

**Пойгоҳи таҳқиқотиро** МТТ №40-и Исмоили Сомонӣ, шаҳри Душанбе, МТТ №151-и ноҳияи Фирдавсии ш.Душанбе ва МТТ №1-и ш.Ваҳдат ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқот 6 нафар мураббиён, 3 нафар логопед ва 25 нафар кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ ва 22 нафар волидон фаро гирифта шуданд.

Яке аз хусусиятҳои кӯдакони омӯхтаи мо аз он иборат мебошад,ки нутқи фаъол ва ғайрифаъоли онҳо фарқ мекунад. Бинобар ин бояд вазъияте ба вуҷуд биёрем, ки мушоҳидашаванда аз тамоми паҳлӯҳо омӯхта шавад. Бештар диққатро ба ҷавобҳои даҳонӣ ва захираи луғавии ӯ равона намудан зарур аст.

Нодуруст талаффуз кардани таркиби ҳиҷоии калима бисёр зуҳуроти паҳнгардидаест дар кӯдаконе , ки нуқсонҳои нутқдошти доранд. Таҳлили намунаи кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта нишон дод, ки донистани таркиби ҳиҷоии калима ин маънои донистани овозҳои ҷудогонаи калимаро надорад. Дар ҳолати таҳлили талаффузи таркиби ҳиҷогии калимаи кӯдакон, ки нутқашон инкишоф наёфтааст, мо бо монеаҳои талаффузи дурусти овозҳо ва таркиби ҳиҷогӣ рӯ ба рӯ шудем.

Барои баргузории ин таҳқиқот ба логопедҳо зарур аст, ки синну сол, инкишофи умумӣ ва хусусиятҳои хоси кӯдакони нутқашон нуқсондорро ба ҳисоб гирифта, амал намоянд.

Дар таҳқиқот мақсад, тарзи корбарӣ ва пешниҳодҳо барои тадқиқи талаффузи овоз, захираи луғавӣ, сохти грамматикӣ ва нутқи алоқаноки кӯдакон ба ҳисоб гирифта шудааст.

Таҳқиқот ва мулоҳиза ин тавр сурат мегирад:

1. Агар дар кӯдакон фақат нуқсонҳои талаффузи ягон овоз мушоҳида шавад, дар он сурат диққати асосӣ ба талаффуз ва тафовут, равонию бузургии овозҳо дар нутқ нигаронида мешавад.
2. Агар дар нутқи кӯдакон нуқси баъзе овозҳои алоҳида дар саводнокшавӣ, ғалатҳои махсуси хат мушоҳида карда шавад, пас бештар ба тарзи талаффуз, сохти грамматикӣ, диққат додан лозим аст.
3. Агар дар кӯдакон камбудии саводи грамматикӣ бо сабаби камбағалии захираи луғавӣ бошад, он вақт мураббия – логопед бояд кори худро пурра дар асоси ба назар гирифтани муоинаи нутқӣ (шифоҳӣ) гузаронад.

Таҳқиқоти нутқ

1. Ному насаб
2. Хулосаи психоневролог;
3. Маълумот дар бораи инкишофи нутқ (аз баёноти модар);
4. Ҳолати нутқӣ (аз рӯи тавсияи логопед);
5. Ҳолати органҳои талаффуз (сохт ва ҳаракат).

Кӯдакони дорои нуқсонҳои талаффузиро дар гурӯҳ ҷамъ оварда, нутқи пурра инкишофнаёфтаи фонетикӣ-фонематикии онҳоро ба таври зерин бартараф кардан лозим аст:

- ислоҳи овозҳои нодуруст талаффузшаванда;
- инкишофи шунавоии фонематикӣ ва малакаҳои таҳлил ва таркиби овозӣ;
- тайёрӣ ба азхудкунӣ;
- инкишофи нутқ.

Ин кӯдакон дар баробари доштани нуқсонҳои нутқӣ, инчунин дорои имконияти маҳдуд буданд. 7 нафар маҳдудияти кундзеҳнӣ, 5 нафар имконияти маҳдуди саломатидошта бо нуқсонҳои нутқи дислексия, 6 нафар нуқсонҳои лакнатзабонии бо синдроми аутизми сабук, 7 нафар нуқсонҳои нутқи дизартрия (вайрон шудани дастгоҳи артикулятсионӣ) буданд.

Иҷрои ин супоришҳо аз машғулиятҳои рӯ ба рӯ ва инфиродии гурӯҳ вобаста аст. Бояд қайд кард, ки дар оғози сол асоси таълим дар ин машғулиятҳо на калима, балки овоз мебошад. Ҳангоми ҷудо кардани овоз аз калима бояд талаффузи равшан ва азхудкунии бошууронаи артикулятсияи кӯдакон ба назар гирифта шавад.

Логопед бояд ба кӯдакон ҳолати қисмҳои гуногуни узвҳоро ҳангоми талаффуз намудани овозҳо фаҳмонад ва нишон диҳад. Дар ин ҳолат кори инфиродӣ кӯмаки зиёд мерасонад. Кӯдакон шарҳи логопедро мешунаванд, ҳолати лабҳо, забон ва дандонҳоро мушоҳида мекунанд ва тарзи талаффузи худро дуруст мекунанд.

**Сохти органҳои талаффуз**

Дандонҳо (мӯътадил, хурд, калон, иловагӣ, дастнорас), ҷоғҳо (хурд, калон), милки дандон (мӯътадил, кушодаи паҳлӯгӣ), забон (мӯътадил, калон, сергӯшт, дароз, борик). Гиреҳи зеризабонӣ (мӯътадил, кӯтоҳ, кашидашуда), забончаи хурд (мавҷудият надорад, кӯтоҳшуда, хурд, дукафоншуда).

**Супориши 1.**

**Талаффуз ва фарқияти овозҳо.**

**Мақсад:** Муайян кардани талаффузи овозҳо дар нутқ.

**Методи гузаронидан:** Ба ҳар кӯдак пешниҳод карда мешавад, ки мувофиқи пешниҳоди логопед, узвҳои баданро номбар кунед: бинӣ, сар, даҳон, абрӯ, дандон, гӯш, чашм, панҷаҳо, гардан, китф, мижа, пой, бадан.

**Супориши 2.**

**Пешниҳод.** «Ин чист?»

**Мақсад:** Мушоҳидаи овозҳо, ҳангоми талаффузи ҷумлаҳо.

Методи гузаронидан: Аз кӯдакон талаб карда мешавад, ки ба тартиби муайян ҷумлаҳое такрор намояд, ки дар онҳо овозҳои ба тадқиқот заруриро доро бошанд.

**Пешниҳод:** «Бо диққат гӯш кун ва ҷумлаҳоро такрор намо!»

**Номгӯи ҷумлаҳо:**

1. Соро ҳам дусола (с).
2. Замира, ма сӯзан (з).
3. Шоира, ма шона (ш).
4. Ҷамила бо ҷорӯб хона рӯфт (ч).
5. Номи ман Наврӯз (н).
6. Гули гулдон хушрӯ (г).
7. Хола, ана хона (х).
8. Лола, ана лона (л).
9. Рустам анор харид (р).

**Супориши 3.**

1. **Мақсад:** Мушоҳидаи талаффузи овоз дар калима.

**Методи гузаронидан:**

Ба ҳар кӯдак аз маҷмуи суратҳо расме пешниҳод карда мешавад, ки дар он овози шавшувдор, овози фашшосӣ ва овозҳои ҷарангдору беҷаранг дида шаванд: *о, з, к, ч, ҷ, б, п, в, ф, д, т, р, л, г, к, г, х, қ, ҳ* дошта бошад.

**Пешниҳод:** Ба расм бодиққатона нигар ва гӯй, ки дар он чӣ тасвир шудааст?

Пас аз он, ки кӯдак ашёи дар расм тасвирёфтаро гуфт, расми дигарро ба ӯ нишон медиҳанд.

Номгӯи чизҳое, ки дар расм бояд тасвир карда шаванд. Барои муайян кардани талаффузи овозҳои (*с, з*), саг, асп, хирс, зардолу, мӯза, буз, сирк.

Барои муайян кардани овозҳои (*ш, ж, ч, ҷ, щ*): шафтолу, гӯшт, муш, жола, каждум, чормағз, арча, ҷайра, анҷир, панҷ, щука, плащ.

**Барои талаффузи овозҳои:** *б, п, в, ф, д, т, г, к, ғ, х, қ, ҳ.*

Байрақ, абр, китоб; варақ, дарвоза, гов; фатир, офтоб, алаф; гелос, ангур, барг; кафтар, мактаб, нок; дег, бодиринг, калид; тарбуз, тут, соат; ғоз, шалғам, зоғ; хурмо, пахта, малах; қайчӣ, сақич, қошуқ; ҳайкал, моҳӣ, моҳ.

**Барои мушоҳида овозҳои:** *р,л:* рӯймол, арра, бӯр; лаклак, гулдон, бел.

**Супориши 4.**

**Мақсад:** Мушоҳидаи талаффузи овозҳо дар ҳиҷоҳо.

**Методи гузаронидан:** Ба ҳар кӯдак пешниҳод карда мешавад, ки аз паи мураббия ҳиҷоҳои алоҳидаеро, ки ҳангоми талаффузи баъзе калимаҳо ва ҷумлаҳо заҳмат мекашиданд, такроран талаффуз намоянд.

**Пешниҳод:** «Ҳиҷоҳои зеринро баъд аз ман талаффуз намо!»

Са – ас, за – аз, ша – аш, жа – аж, ша – аш, ча –ач, ҷа –аҷ; ба – аб, па – ап; ва – ав, фа – аф, да – ад, та – ат; га – аг, ка – ак; ға – ағ, ха – ах, ка – ақ, ҳа – аҳ.

**Супориши 5.Фарқ карда тавонистани овозҳо**

**Мақсад:** Муайян кардани ҳолати нутқӣ.

**Методи гузаронидан:** Ба кӯдакон пешниҳод карда мешавад, ки овозҳоро ҷуфт – ҷуфт талаффуз намояд.

**Пешниҳод:** Ман ҳарфҳои зеринро ҷуфт-ҷуфт талаффуз мекунам, ту бо диққат аз паи ман такрор кун: қ – к, ҳ – х, д – т, ҷ – ч, г – к, ғ – х, к – қ, ҳ – х, б – п, в – ф, с – ш, з – с, р – л.

Ин дахолати махсуси логопедиро мехоҳад, ки мураббия аз уҳдаи ин кор намебарояд. Педагог пеш аз ҳама диққати кӯдаки мушкилоти нутқ доштаро бояд ба калимаҳои таркиби ҳиҷогияшон гуногун ҷалб намояд. Ба кӯдак бояд гуфт, ки ба талаффузи худаш диққат дода, онро бо талаффузи мураббия муқоиса намояд ва хатояшро ёбад. Инчунин диққати кӯдакро ба он бояд ҷалб намуд, ки дар ҳолати тағйир додани ҷойи ҳарф мазмуни калима чӣ тавр вайрон карда мешавад.

Масалан: «гурба»- «дурба», кух̣-тух̣; зард-жард, тар-тай ва ғайраҳо. Барои аз худ кардани калимаҳои гуногун бо таркиби ҳиҷоии онҳо кори махсусро дар ҷодаи дарки овоз ва шинохти ҳарф ташкил додан зарур аст.

Машғулият ба кӯдакони нутқашон нуқсдор ва мушоҳида дар мавриди талаффуз моро ба хулосаи зерин овард: таркиби ҳиҷоии калима ба ду роҳ ташаккул меёбад: ёд додани талаффузи калима ва кори бевосита бо калима.

Кор бо талаффузи калима нутқи кӯдак ва захираи луғавии ӯро бой мегардонад. Барои кӯдакон калимаҳоеро пешниҳод менамоем, ки таркиби ҳиҷоияшон мураккаб мебошад.

Дар робита бо ин калимаҳои дутаркиба ва сетаркиба шарҳ меёбанд, то ки кӯдакон миёни онҳо фарқ гузошта тавонанд. Кӯдак ҳамеша ба мушкилоти ҳиҷоӣ дучор мегардад, ки дар ҳолати дуруст аз худ намудани калимаҳои пештара аз ин мушкилот ба тезӣ раҳо меёбад. Кор бо овозҳои нав низ аҳамияти калон дорад. Дар ҳолате, ки бисёре аз кӯдакон барои аз худ кардани калимаҳои сетаркиба тайёр бошанд, қисме аз онҳо дар талаффузи калимаҳои дутаркиба мушкилотро дарк менамоянд.

Таҳқиқи ҳолати нутқи кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ аз омузиши чунин ҷанбаъҳо иборат аст: аз ҷониби кӯдак фаҳмида шудани нутқи шифоии ба ӯ равонагардида ва ҳолати нутқи фаъоли ӯ. Бо ин мақсад пеш аз ҳама кӯдакон дар раванди бозӣ ва саёҳати онҳо, дар лаҳзаҳои реҷавӣ ва дар тамоми раванди таҳқиқи психологӣ –педагогӣ мушоҳида карда мешаванд. Ба ғайр аз ин санҷиши махсус гузаронида мешавад.

**Супориши 6.** Калима ва ҷумлаҳои аз мавзӯъҳои мухталифи барои кӯдаки ин синнусол нисбатан ошно – қимсҳои бадан, зарфҳо, либосҳо, ҳайвонот.

**Таҷҳизот:** бозичаҳо ва тасвирҳо.

**Гузаронидани таҳқиқот:** Барои таҳқиқи махсус рӯйхати муайяни калима ва ҷумлаҳои аз мавзӯъҳои мухталифи барои кӯдаки ин синнусол

нисбатан ошно – қимсҳои бадан, зарфҳо, либосҳо, ҳайвонот ва монанди онҳо истифода бурда мешаванд. Санҷиш ба таври инфиродӣ бо ҳар як кӯдак дар шароити барои ӯ муқаррарӣ баргузор карда мешавад.

Дар оғоз сатҳи нутқи шифоҳиро фаҳмидани кӯдак муайян карда мешавад. Барои ин мураббия – нутқшинос (логопед) дар рӯи миз тасвирҳоро мегузорад, яке аз онҳоро ном мебарад ва аз кӯдак хоҳиш мекунад, ки онро номбар кунад. . Масалан, « анор, себ, нок ангур номбар кун!», «Бо як калима мо онҳоро чӣ тавр номбар мекунем?!». Агар кӯдак супоришро иҷро накунад, мураббия кумак мерасонад.

Агар кӯдак тасвирҳоро дуруст номбар кунад, педагог хоҳиш менамояд, ки якчанд маротиба номи ашёро номбар кунад. Ҳамин тавр, ҳолати нутқи мустақилонаи кӯдак муайян карда мешавад. Калима дар протокол ба он шакле, ки кӯдак талаффуз кардааст, қайд карда мешавад. Дар ҳолате, ки агар кӯдак калимаро талаффуз накунад ё онро нодуруст талаффуз кунад, педагог калимаро бори дигар талаффуз мекунад ва аз кӯдак бори дигар хоҳиш мекунад, ки онро такрор намояд. Ҷавоби такрории кӯдак ҳамчунин дар протокол қайд карда мешавад.

Агар кӯдак тасвирро нодуруст номбар кунад ё барои талаффузи дурусти он кушиш накунад, педагог онро ба кӯдак нишон медиҳад, номашро мегирад ва кӯдакро барои аз қафои ӯ такрор кардан ташвиқ менамояд.

Агар новобаста аз ташвиқи педагог кӯдак боз калимаҳоро талаффуз накунад, дар катакчаи мувофиқи протокол тире гузошта мешавад. Тасвири номбаркардаи педагог гирифта мешавад ва ба ҷои он наваш гузошта мешавад (навбатӣ, аз рӯи руйхат).

**Супориши 7.** Ҳангоми санҷидани фаҳмиши амал дар назди кӯдак 3-4 тасвир гузошта мешавад, ки дар онҳо амалҳои гуногуни аз ҷониби ҳамон як нафар иҷрошуда тасвир ёфтаанд. Масалан, педагог дар назди кӯдак чунин тасвирҳоро мегузорад: хирсак афтод, хирсак нишаст, хирсак рафт, хирсак меояд. Сипас педагог яке аз тасвирҳоро ном бурда аз кӯдак хоҳиш мекунад, ки онро диҳад: «Омадани хирсак канӣ? Деҳ!; афтидани

хирсак канӣ? Деҳ!». Ҷумла ё танҳо феъли онро метавон 2-3 маротиба такрор намуд. Агар кӯдак тасвирро дуруст интихоб кунад, педагог аз ӯ хоҳиш менамояд, ки амали тасвиршударо ном барад ва ҷавоб ба протокол ворид карда мешавад. Агар кӯдак тасвирро нодуруст интихоб намояд ё ҳатто кушиши интихоб кардан накунад, педагог амалро якҷоя бо кӯдак иҷро мекунад ва шарҳи онро хоҳиш менамояд.

Дар ҳолати аз ҷониби кӯдак фаҳмида нашудани ишораи ифодакунандаи ин ё он амал, дар катаки мувофиқи протокол тире гузошта мешавад. Ба ҳамин монанд фаҳмиши амалҳои дигар низ санҷида мешаванд. Дар назди кӯдак тасвирҳое гузошта мешаванд, ки дар онҳо амалҳои гуногунро лухтак иҷро кардааст, - духтарак хоб аст, духтарак хурок мехурад, духтарак об нушида истодааст, нинӣ давида истодааст.

**Баҳодиҳӣ**

Дар асоси чунин мушоҳида аз болои аксуламалҳои нутқии кӯдак ва натиҷаҳои санҷиши махсус сатҳи фаҳмида шудани нутқи шифоҳӣ аз ҷониби кӯдак ва ҳолати нутқи мустақилонаи ӯ дар оғози омузиш муайян карда мешавад. Ҳамзамон чунин ҷанбаҳо ба қайд гирифта мешаванд:

- кӯдак ҷумлаҳо, калимаҳои алоҳидаро дар ҳоли набудани вазъияти интихоби аёнӣ мефаҳмад;
- кӯдак ҷумлаҳо, калимаҳои алоҳидаро дар вазъияти интихоби аёнии мушаххаси маҳдуд мефаҳмад;
- кӯдак нутқи ба ӯ равонашударо намефаҳмад;

Инчунин аз ҷониби кӯдак истифода шудани унсурҳои зерин низ ба қайд гирифта мешавад:

- ҷумлаҳои бе аграмматизми иборат аз 2-3 ё зиёда калимаҳо;
- ҷумлаҳои кӯтоҳ бо аграммитизми иборат аз 2-3 калимаҳои нимғурма ва пурра;
- калимаҳои пурра, калимаҳои нимғурма, тақлидҳои садоӣ;
- калимаҳои нимғурмаи рабтдор, аксуламалҳои овозӣ;

• калимаҳои нимғурмаи берабт, додзанӣ, аксуламалҳои овозӣ, ишораҳо (табиӣ ва махсус).

Натиҷаҳои таҳқиқ ба протоколи супориш ворид карда мешаванд

Намунаи пур кардани протоколи таҳқиқи ҳолати нутқро дар мисоли Алиҷони М. меоварем.

Ҷадвали 5.

**Протоколи таҳқиқи ҳолати нутқ**

**дар шароити санҷиши махсус**

**Ному насаб ва синни кӯдак** Алиҷони М., 2,11

**Санаи таҳқиқ** 22. 12. 23

| Рӯихати калимаҳо | Фаҳмидан дар вазъияти интихоб аз 3-то | Талаффузи мустақилона | Такрор аз ақиби педагог | Ифода бо ишораҳо |
|---|---|---|---|---|
| Дада | + | - | + | - |
| Оча | + | | + | - |
| Бобо | + | - | | - |
| Бибӣ | - | | | - |
| Чашм | + | | | - |
| Лаб | + | - | + | - |
| Бинӣ | - | | | - |
| Гуш | + | | | - |
| Даст | + | - | + | - |
| Пой | + | | | - |
| Миз | + | | + | - |
| Кат | + | - | | - |
| Курсӣ | + | - | + | - |
| Ҷевон | + | | | - |
| Тоқӣ | + | | | - |
| Шим | + | - | + | - |
| Курта | + | | | - |
| Туфлӣ | + | | | - |
| Қошуқ | - | | + | - |
| Лаълича | - | | | - |
| Пиёла | - | - | + | - |
| Нон | + | | | - |
| Хурок | - | | + | - |
| Шир | + | - | | - |
| Шурбо | + | | | - |
| Саг | + | | + | - |
| Лухтак | + | - | | - |
| Поезд | + | - | + | - |

| Рӯихати калимаҳо | Фаҳмидан дар вазъияти интихоб аз 3-то | Талаффузи мустақилона | Такрор аз ақиби педагог | Ифода бо ишораҳо |
|---|---|---|---|---|
| гурба (мяв) | + | - | + | - |
| хурус | - | | + | - |
| гов | + | - | | - |
| мошинча | + | | | - |
| туб | + | | | - |
| хирсак | + | - | + | - |
| тайёра | - | | | - |
| заргуш | + | | | - |
| (духтарча) мехурад | + | - | + | - |
| (духтарча) хоб аст | + | | | + |
| (духтарча) медавад | + | | + | - |
| (духтарча) менушад | | - | | - |
| (хирсак) мешинад | - | - | + | - |
| (хирсак) меояд | - | | | - |
| (хирсак) афтид | + | | | - |
| духтарча хоб аст | + | - | + | + |
| хирсак меояд | + | | | - |
| Зургуш медавад | + | | | - |
| нинӣ афтид | + | | + | - |
| хирсак меояд | + | | | - |
| заргуш хоб аст | + | - | + | - |

**Ҳолати нутқ (аз рӯи натиҷаҳои мушоҳида ва санҷиши махсус)**

**Ному насаб ва синни кӯдак** Алиҷони М., 2,11

**Санаи таҳқиқ** 23.10.2023

**Аз ҷониби кӯдак фаҳмида шудани нутқи шифоҳӣ:**

• **фаҳмидани калимаҳо, ҷумлаҳо дар вазъияти набудани интихоби аёнӣ:** ҳа, масалан, шин, биё, машғул мешавем, мумкин нест, гӯш кун, гуй, гир каллапӯшатро, пойафзолатро барор ва монанди ин____не_________

•**фаҳмидани калимаҳои алоҳида, ҷумлаҳои кӯтоҳ дар вазъияти интихоби аёнии мушаххаси маҳдуд:** ҳа, масалан, нинӣ хоб аст, заргушак хоб аст, хирсак меояд, туб, каллапуш, кат, миз, курсӣ, ҷевон, гуш, чашм, бинӣ ва монанди.ин_______________не

**Ҳолати нутқи мустақилонаи кӯдак:**

- ҷумлаи бе аграмматизми иборат аз 2-3 ва зиёда калимаҳо, не
- **ҷумлаи кутоҳи дорои аграмматизми иборат аз 2-3 калимаҳои нимғурма ва пурра, масалан,** хирсак афтид; ______________________.
- тақлиди садоӣ, калимаҳои нимғурма, калимаҳои пурра, масалан, тақлиди садои: мяв, у, ав-ав ва монанди инҳо; калимаҳои пурра: хона, ба, туб, бел, оча ва монанди ин__________________________________.
- калимаҳои нимғурмаи рабтдор, аксуламалҳои овозӣ, масалан,_____

Маълум гаштааст, ки дар тамоми кӯдакон шакли гуногуни душвориҳои характери ихтилолдошта ба чашм мерасад. Нуқсонҳои нутқ дар кӯдакон асосан аз рӯи ҷойҳои гуногуни таълим ба вуҷуд меояд. Дар баъзе кӯдакон душвориҳои талаффузӣ-овозӣ ба назар мерасад. Аз рӯи таҳқиқотҳои гузаронида дар 16 кӯдак душвориҳои талаффузӣ-овозӣ, дар 9-тои онҳо нутқи оддии бе нуқсонҳои нутқдошта дида шуд. 8 кӯдак супориши дуюмро бе камбудӣ ба ҷо оварданд, дар 6 тои боқимондаи онҳо нуқсонҳои нутқдошта ба амал омад, ғайр аз ин 9 тои онҳо аз сари нав хостанд, ки ба бозичаҳо бори дигар назар афкананд, ки ин аз ноустувории диққат ва сустии хотир дарак медиҳад. Аз уҳдаи супориш 2 кӯдаки бе нуқсонҳои нутқдошта баромада тавонист. Дар иҷрои супориши панҷум дар ҳафт кӯдак фонди ками луғавӣ дида шуд.

Супориши шашум барои кӯдакон аз ҳама мушкил буд. Дар ин супориш ба ғайр аз нуқсонҳои нутқдошта боз нокифоягии фонди луғавӣ ва нодурустии сохтори грамматикии нутқ ба чашм расид. Дар супориши

ҳафтум 21 кӯдак нуқсонҳои нутқдошта зоҳир кард ва 18 - тои онҳо дар интихоби калимаҳо-антонимҳо мушкилӣ кашиданд. Ғайр аз ин аз маълумотҳо маълум гашт, ки дар 16 кӯдаки нуқсонҳои нутқдошта бо нуқсонҳои талаффузи овоз ба мушоҳида мерасад.

Тадбирҳои андешидаи мо дар омузиши нутқи даҳонии кӯдакон имконият дод, ки онҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо намоем. Ин гурӯҳҳо аз ҳамдигар аз рӯи инкишофи нутқ фарқ карда, ҳар кадоми онҳо муносибат ва методи махсуси таъсири логопедиро талаб менамоянд.

**Ба гурӯҳи якум** (аз 20 то 14 хол) кӯдакони нуқсонҳои нутқ доштаеро дохил менамоем, ки инкишофи нутқашон олӣ ва мӯътадил мебошад. Одатан кӯдакони ин гурӯҳ талаффузи хуби ташаккулёфта доранд. Дар онҳо нуқсонҳоии нутқ ниҳоят кам мушоҳида карда мешавад, агар шавад, ҳам ба нутқи онҳо таъсире надорад. Санҷиши маҳорати таркиби овозии калима нишон дод, ки кӯдакон дар таркиби калима овози мувофиқро ёфта метавонанд. Захираи луғавии онҳо бой ва гуногун мебошад. Онҳо дар нутқашон аз антонимҳо, синонимҳо, омонимҳо васеъ истифода мебаранд. Кӯдакони ин гурӯҳ бо саводнокии баландашон аз дигарон фарқ мекунанд.

**Ба гурӯҳи дуюм** (аз 14 то 7 хол) кӯдакони нуқсонҳои нутқ доштаеро дохил менамоем, ки мавриди таҳлили таркиби овозии калима қисман ҷумла, калима, ҳиҷо, овозҳоро намедонанд. Баъзеяшон танҳо таҳлили таркиби овозии калимаҳои дутаркибаро сарфаҳм мераванду халос. Барои онҳо ҷудо кардани овозҳои калима мушкилоти зиёдро пеш меорад. Аниқ фарқ карда наметавонанд, ки ба меваҳо, сабзавотҳо, зарфҳо, ҷиҳоз, паррандагон ва ҳайвонотҳо чиҳо дохил мешавад. Дар нутқи фаъоли онҳо танҳо ашёҳое, ки амалро ифода мекунанд дарҷ мегарданд. Калимаҳои ифодакунандаи миқдор ва сифати ашёро бештар дар хотир нигоҳ дошта метавонанд.

**Ба гурӯҳи сеюм** (то 7 хол) кӯдаконе дохил шуданд, ки талаффузи пасти ташаккулёфта доранд. Дар онҳо нуқсонҳоии нутқ зиёд мушоҳида карда мешавад. Мавриди таҳлили таркиби овозии калима дар сатҳи

хеле кам ҷумла, калима, ҳиҷо, овозҳоро медонанд. Санҷиши маҳорати таркиби овозии калима нишон дод, ки кӯдакон дар таркиби калима овози мувофиқро ёфта наметавонанд. Калимаҳои ифодакунандаи миқдор ва сифати ашёро хеле кам дар хотир нигоҳ дошта наметавонанд.

**Диаграммаи 1.**




Натиҷаи санҷиш нишон медиҳад, ки инкишофи хотираи биноӣ ва шунавоӣ муҳим буда, кӯдакон ашёро дида маълумот ҳосил карда, дар хотир нигоҳ медоранд. Бештар кӯдакон дар масъалаи нақл карда додани матн мушкилӣ мекашанд.

### 3.2. Заминаҳои психологию педагогии ташкили озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити таҳсилоти фарогир

Дар қисмати мазкур вазифа гузоштем, барои ислоҳи нутқи кӯдакони нуқсондошта тадбирҳои зеринро мавриди амал қарор диҳем:

-омузиши психологӣ-педагогии кӯдак;

-машқҳои логопедӣ;

-ташкили корҳои инфиродӣ;

- сабтҳои аудиовизуалӣ, овозӣ;

- фаъолиятҳои эҷодӣ, аз чумла расмкашӣ, сохтани бозича, гулмонӣ, сохтмон, меҳнати дастӣ барои алоқаманд гардидани нутқ ва амалҳо.

Омӯзиши психологӣ-педагогии кӯдак аз таҳқиқоти аввалини мушоҳидаҳо дар раванди корҳои логопедӣ ва назорати ҷамъбастӣ иборат аст.

Ба шарҳи методи зикргардида бармегардем, ки дар МТТ №№ 40 шаҳри Душанбе гузаронида шуда буд. Моҳи сентябри соли 2023 мо 13 кӯдакеро таҳқиқ карда будем, ки ба гурӯҳи ягонаи кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дохил мешуданд. Гурӯҳи кӯдакони томактабӣ аз синни 4 то 7 сола гузаронидани кори ислоҳотиро то андозае мураккаб мегардонданд.

Пеш аз таҳқиқот мо оид ба ҳуҷҷатҳои кӯдакон, бо мақсади шарҳи маълумот суҳбат бо волидайни онҳо, вақти бавуҷудоии нуқсонҳои нутқдошта, табиати зуҳури он, хусусиятҳои рафтори кӯдакон дар хона омузиши дақиқ ба роҳ монда будем. Ҳангоми омузиши ҳуҷҷатҳои таҳқиқи тибию педагогӣ ба ташхиси невропатолог, психиатр ва логопед диққати махсус дода шуд.

Дар ҷараёни машғулиятҳои логопедӣ мо аз методи мушоҳидаи таркиби ҳарфӣ ва овозии калимаҳо васеъ истифода бурдем. Аз болои ташаккулёбии муътадилӣ, пайдарҳамӣ, бомазмунии нутқ кор бурда шуд. Бо ин гурӯҳи кӯдакон таҳлили таркиби овозии калима, сохти грамматикӣ ва алоқамандии тамоми қисматҳо бояд нигоҳ дошта шаванд.

Ба талаботҳои умумии барқарор гардидани нутқи кӯдак такя карда, хусусиятҳои инкишофи нутқи ин гурӯҳро ҳамаҷониба мавзуи омузиш қарор додем.

Мушоҳидаҳо муайян намуданд, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ташкил додани кабинетҳои лингофонӣ аз манфиат холӣ нест. Бештар матнҳо сабт ва тарзи дурусту хатои он бо талаффузи хуб шарҳ дода шавад,то ки кӯдакон роҳи ҳалли масъаларо худашон ёд гиранд.

Тамоми машқҳои марбут ба нутқи саҳеҳ бояд ба нармии гуфтор, мулоимии талаффуз, равшан баён кардани фикр нигаронида шаванд. Дар марҳилаи аввал бояд аз захираи луғавии кӯдакон истифода бурда, ҳаҷми луғати онҳоро маълум кард.

Машғулиятҳои логопедӣ бо ин гурӯҳҳо дар ҳар як давра набояд аз шаш моҳ кам бошанд. Кори барқарор кардани талаффузи дурусти овозҳо баъзан аз ҷадвал вақти иловагиро талаб мекунад. Дар ин ҳолатҳо мурраббияҳо ва падару модарони кӯдакон ба ин кор бояд ҷалб карда шаванд.

Бо чунин кӯдакон бояд машғулияти иловагӣ гузаронд. Дониши кӯдаконро дар бораи таркиби овозии калима мураббӣ бо корҳои инфиродӣ устувор мегардонад. «Давраи баргузории корҳои ислоҳнамоиро гурӯҳро ба се давра тақсим кардан мумкин аст.

**Дар давраи якум** захираи луғавӣ, дониш ва малака дар бораи сохти грамматикии нутқ, мала каи таҳлили таркиби овозии калима, суъат ва мулоимии талаффуз аз бар карда мешавад. Дар ин давра фаҳмиш ва тасаввуроти кӯдакон васеъ гардида, дониш ва малакаи онҳо дар бораи грамматикаи таркиби овозии калима вусъат меёбад.

**Дар давраи дуюм** раванди омузиши луғатфаҳмӣ ва захираи луғавии онҳо вусъат меёбад. Дар давраи дуюми кор ба монанди пештара барои фаҳмонидани донишҳои нав, мафҳум ва муҳтавои мазмуни нутқи ғайрифаъол равона карда мешавад. Мушоҳидаи паҳлӯи овозӣ ва талаффузии забон ҳарчӣ бештар фаъол гардонида мешавад ва бештар дар шакли суҳбат машғулиятҳо гузаронида мешаванд. Бояд тадбирҳое андешид, ки нутқи кӯдак оҳиста оҳиста равон ва форам шавад.

**Дар давраи сеюм** машғулиятҳои мустаҳкамкунӣ, нав кардани донишу малакаҳои гузаштаи онҳо гузаронида мешавад. Ба муътадилӣ, нармӣ, нутқи ифоданок, паҳлуҳои овозӣ ва талаффузи калима дар нутқи кӯдакон диққати бештар дода мешавад. Диққати логопедҳо ба он равона карда мешавад, ки ба кӯдакони забонашон нуқсдошта донишҳои дар ду давраи пештара гирифтаашон мустаҳкам гарданд ва аз онҳо васеъ истифода бурда тавонанд.»[198]

Барои бартараф кардани нуқси забон таъсири хуб расонидан зарур аст. Бо чунин кӯдакон корҳои ислоҳнамоӣ бояд ниҳоят нишонрас

гузаронид. Корро тарзе ташкил кардан зарур аст, ки боиси ранҷиши хотири кӯдак нагардад ва ӯ аз рафтори шумо наранҷад.

Дар кор бо логопедҳо вақти зиёд барои талаффузи дуруст (интонатсия) ҷудо карда мешавад**. Талаффуз** чӣ хеле, ки маълум аст - яке аз воситаҳои муҳимтарини мазмуннокии нутқ мебошад. Талаффуз дар нутқ ба ҳама маълум аст, ки вазифаҳои гуногунро иҷро менамояд. Дар ҷараёни машғулиятҳои логопедӣ вазифаи грамматикии талаффуз ниҳоят калон мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки дар кор бо кӯдакони нутқашон нуқс дошта маводи нутқие, ки дар онҳо машқҳо гузаронида мешаванд, моҳияти аввалиндараҷаро мебозанд.

Мо бояд бо мисолҳои мушаххас робитаи мутақобилаи мавзуъҳоро фаҳмонида диҳем. Яке аз мавзуъҳои давраи якум «Оила ва кӯдакистон» мебошад. Дар давраи гузаштани ин мавзӯъ мушоҳида карда мешавад, ки захираи луғавии кӯдакон бою васеъ мегардад ё не. Таҷриба нишон дод, ки давраи якум яке аз давраҳои муҳимтарин ба шумор рафта, дар ин давра сохтори дурусти машғулиятҳо гузошта мешавад.

**Дар давраи дуюм** барои тарбияи нармӣ ва мулоимии талаффуз як қатор машқҳо истифода мешаванд. Ғайр аз ин, як қисми машқҳои давраи якум дар давраи дуюм боқӣ мемонанд. Дар аввал талаффуз дуруст ёд дода мешавад, ки аз 4-5 калима иборат аст.

Чанде дертар ҷумлаҳое ба истифода мераванд, ки аз 3-5 калима иборатанд. Дар машғулият бояд кӯдакон бо кӯдакони нутқашон солим гуфтугӯ, саволу ҷавоб кунанд ва иборахое истифода баранд, ки аз 2-3 калимаи дорои пайвандакҳо иборат бошанд. Тамоми тадбирҳо баҳри ифоданокии нутқ, равшании ифода, пайдарпаии баён ва зебогии талаффуз равона мешаванд, то ки забони онҳо рӯз аз рӯз тозаю фаҳмотар гардад ва минбаъд худро дар ҷомеа озод ҳис карда тавонанд.

Дар тамоми давраи таълим мураббия ба кӯдакон тарзи талаффуз ва ба ҳиссаҳо ҷудо кардани калимаҳоро ёд медиҳад. Бо шарофати ин корҳо кӯдакон задаҳоро дар ҷойҳои зарурӣ талаффуз мекунанд.

**Масалан: Овози л дар ҳиҷо, калима ва ибораҳо**

**Ле – ле – ле Ли – ли – ли**

| | | |
|---|---|---|
| Хе-ле | ли-фо-фа | ис-тиқ-ло-ли мил-лӣ |
| Те-ле-фон | маҷ-лис | со-ҳил |
| Беҳ-та-рин | ли-бос | |
| Ба-ле | мо-лид | |
| Ле-кин | ка-ли-ма | |

Яке аз тадбирҳои беҳтарин он мебошад, ки вақти зиёдро мувофиқи барномаи таълимӣ ба малакаи дуруст истифода бурдан аз ист (пауза) ҷудо кардаанд. Кӯдакон бояд моҳияти ист, сабаби ист, чиро ифода кардани истро бояд фаҳманд.

Кор **бо луғат** дар давраи дуюм сурат меёбад:

1) минбаъд аниқ ва васеъ намудани луғати фаъол ва ғайрифаъол, захираи фаҳмиш ва тасаввуроти кӯдакон;

2) машқҳои калимасозӣ ва калима тағйирдиҳӣ;

а) калимаҳои монанд;

б) ташкил ёфтани шакли нави калима (ба ёрии пешоянду пасояндҳо);

в) сохтани калимаҳои аломати ашё, ҷудо кардани сифатҳои мухталиф;

г) калимаҳои умумиятӣ (нақлиёт, воситаҳои ҳаракат, олотҳои меҳнат) Инҳоро дар тамоми мавзуъҳо истифода бурдан мумкин аст, ки характери нутқӣ дошта бошанд.

Талаффузи калимаҳои бегона аз мо ҳамон интонатсияеро талаб менамоянд, ки ин ё он шахс талаффуз карда буд. Фаҳмонидан ва мустаҳкам кардани маҳфумҳои нави мураккаб дар асоси маводҳои ба кӯдакон дастрас гузаронида мешавад, ки пеш бо он сару кор доштанд.

Дар давраи дуюми машғулиятҳои логопедӣ, ба монанди давраи якум бештар корҳои тарбиявӣ оид ба қатъият, устуворӣ ва боварӣ ба қувваю тавоноии хеш гузаронида мешавад.

**Машғулиятҳои давраи сеюм** - фаъолона ва шуурона истифода бурдан аз донишҳо ва малакаҳои ба даст оварда дар соҳаи фонетика, грамматика ва таркиби талаффузии забон мебошад. Тамоми кори давраи сеюм тарзе сохта мешавад, ки диққати логопед ба мустаҳкамкунии донишҳои гирифтаи кӯдаконе дар ду давраи пештара ва васеъ кардани майдони истифодаи он равона гардад. Дар ин давра кӯдаконро малака ва маҳорат пайдо карда захираи луғавияшон хеле бой мегардад. Мустақилияти комил ба миён меояд: мустақилона тартиб додани ҳикоя, нақл кардани ҳикоя, фикр кардани хотимаи ҳикоя, тартиб додани ҳикоя аз рӯи чизҳои дида ва шунидааш ва ғайра.

Холо ҳам кор бо луғат бо мақсади бой гардонидани захираи луғавии онҳо бо калимаю ибораҳои нав пеш бурда мешавад. Машқҳо барои интихоб ва сохта гирифтани калимаҳои монанд ва ҳаммаъно бурда мешавад. Мавзӯъҳои асосии ин давра: 1.»Баҳори сабзу хуррам», 2. «Наврӯз омад!», 3.»Идҳои Миллӣ», «Рӯзи кӯдакон» ва ғайраҳо мебошанд.

Агар кӯдак дар машғулиятҳои логопедӣ саҳеҳу зебо сухан гӯяд, ин маънои онро надорад, ки доимо ҳамин гуна зебо гап мезада бошад. Аз ин рӯ, мо ҳамеша кор мебарем, то ки кӯдак на танҳо нутқи худро зери назорат гирад ва ислоҳ намояд, балки нисбати нутқи рафиқон низ бепарво набошад. Логопед диққати худро ба он равона менамоянд, ки кӯдакон мавриди нутқ кардан ба нафасгирӣ, нигоҳ доштани ист, талаффузи овозҳо, дор ҷои мувофиқ гузоштани зада, суръати гуфтор дуруст риоя намоянд.

Кори логопед дар давраи сеюм бештар заҳмати фардиро талаб менамояд, зеро ки дараҷаи дониш ва маҳорати кӯдак аз шароити таълим ва тарбия сахт вобастагӣ дорад.

Расми 11.

Моҳӣ дар … зиндагӣ мекунад
ҳаво
об



замин

Духтарак куртаро ... .

мешӯяд
медӯзад
мебурад



Рӯбоҳ ... ба сатил меандозад.

харгӯшро
моҳиро
гунҷишкро



Тадбирҳои мазкур бо мақсади ислоҳ бахшидан ба забон, гуфтор, хотира, талаффуз ва инкишофи нутқи кӯдакони дорои нуқсонҳо гузаронида мешавад. Боз чунин тарзҳои корро метавон истифода намуд.

**Тарзи 1.** Масалан, бо пешниҳоди дутогӣ ё сетогӣ расм ба кӯдакон чунин саволҳоро аз онҳо пурсидан мумкин:

1.Расм «Дар ин расм чанд асп ҳаст? Асп - аспҳо.

2.Расм «Ин курсӣ аз чӣ сохта шудааст?» пас саволи «Ин чӣ хел курсӣ аст?» дода мешавад.

3.Расм «Парранда парвоз дорад» пас саволи «Парранда чӣ кор мекунад» дода мешавад.

Ҳамчунин ба кӯдакон супорида мешавад, ки ҳарфҳои а, о, э, ю, п, ва ғ., ҳиҷоҳои ва, ҳа, ша, са, за ва ғ., калимаҳои ҳайвон, табиат, боғча ва ғ.-ро такрор намоянд.»

Кадом калимаҳо бо ҳиҷои ли сар мешаванд? (либос, лимӯ, лифофа,….)

Бо чӣ мо ҳамеша гуфтугӯ мекунем? (телефон).

**Расми 12.**







**Тарзи 2.**Ба ҳар як кӯдак расмҳои гуногунро пешниҳод менамоем, ки калимаҳои гуногун дошта бошад. Масалан, Рамзия, театр, меравад, ба ва ғ. Баъдан хоҳиш карда мешавад, ки ҷумлаҳои дуруст тартиб дода, онро ифоданок хонед. Ҳамин гуна расму калимаҳоро бисёр, гуногун омода карда, манзури кӯдакон кардан баҳри ислоҳи нутқи онҳо хизмат хоҳад намуд.

Дар тарбияи нутқ муътадилгардонии нафасгирии нутқӣ нақши муҳим дорад. Ҳолатҳое мушоҳида мешаванд, ки кӯдак ҳиҷоҳои алоҳидаро дар вақти нафасгириаш талаффуз мекунад. Мутахассисро лозим аст, ки дар чунин ҳолат баёни фикрро аз тарафи кӯдакон дуруст роҳандозӣ намояд. Яъне дар вақти сухангӯӣ ҷумларо бо калимаҳои алоҳида нею балки якҷоя талаффуз кунонад.

Агар дар кӯдак камбудии саводи грамматикӣ бо нокифоя будани захираи луғавӣ мушоҳида гардад, дар ин ҳолат диққати асосиро ба хусусиятҳои хоси захираи луғавӣ бояд дод. Ба кӯдакон пешниҳод карда мешавад, ки ба калимаҳои «тайёра, «қатора» ҷумлаҳо тартиб диҳанд.

Аз калима ҷудо карда тавонистани овозҳои садонок барои кӯдакон муҳим аст. Зеро забони онҳо ҳангоми талаффузи овозҳои ҳамсадо мегирад. Дарозтар талаффуз кардани баъзе овозҳои садонок нутқро сабуктар гардонида, талаффузро осон мекунад.

Ҳангоми тарбияи нутқи дуруст логопед бояд корҳои зиёдро анҷом диҳад. Аз ҷумла, захираи луғавии кӯдаконро бой намояд, то ки онҳо фикрҳои худро ҷо ба ҷо гузошта, мустақилона баён карда тавонанд.

Донистани ҳикоя ва бурро бо забони адабӣ нақл намудани мазмуни он ба инкишофи нутқи кӯдак мусоидат карда, захираи луғавии онро бой

мегардонад ва хотирaaашро мустаҳкам менамояд. Аз ҳамин лиҳоз мураббияро зарур аст, ки вобаста ба синнусоли кӯдакон ҳикояҳоро интихоб намоянд.

Бо кӯдакон чунин ҳикояҳо мавриди таҳлилу омузиш қарор ёфт:

**Саги доно**

Шокир аз зоти тозӣ саге дошт. Номи ӯро Ҳушёр монд. Ҳушёр хеле доно ва зирак буд. Рӯзе ҷӯраи Шокир - Ҳасан бо Бобик ном сагаш ба хонаи Шокир омад. Ҳушёр ва Бобик ба зудӣ бо якдигар дӯст шуданд.

**Саволҳо:**

1. Саги Шокир аз кадом зот буд?
2. Саги Шокир чӣ ном дошт?
3. Саги Ҳасан чӣ?
4. Ҳушёр ва Бобик бо якдигар чӣ шуданд?

**Мунира**

Мунира аз мактаб омад. Либосҳояшро иваз карда, хӯрок хурд. Баъд ба модараш ёрӣ дод. Вай об овард. Хонаро рӯбучин кард. Додарчаашро нигоҳубин кард. Вазифаи хонагиро пурра иҷро намуд.

**Саволҳо:**

1. Мунира чӣ кор кард?
2. Ӯ ба кӣ ёрӣ расонд?
3. Мунира бо чӣ кор машғул шуд?

**Тезгӯяк**

Рама чарид дар дара
Рассом кашид манзара.

**Омузиши самараи фаъолият - ҷамъоварии маълумот ва таҳлили** натиҷаҳоро дар бар мегирад. Сатҳи дониши кӯдакро натиҷаи ба даст омада муайян мекунад.

Ҳангоми таҳлили натиҷаҳо шароити кор, имконоти забонӣ, ақлӣ ва ҷисмонии кӯдаконро ба назар бояд гирифт ва маҳсули гуногуни фаъолияти таълимро муқоиса намуд. Ин имкон хоҳад дод, ки хулосаи

дуруст барорем ва душвориҳоеро, ки дар рафти кор ба кӯдакон дучор омадаанд, муайян созем ва маълумоти ба даст омадаро муқоиса намоем.

Истифодаи усулҳои бозӣ дар машғулиятҳои рӯ ба рӯ ва инфиродии логопедӣ мавқеи худро дар кори логопедӣ мавқеи устувор доранд. Ба қавли З. Раҳмонов: «Бозиҳо барои тарбияи нутқ, ҳамчун аксуламали муҳими нозуки ҳаракатӣ муҳиманд. Чунин машғулиятҳо пеш аз ҳама кӯдаконро ҳавасманд мегардонанд, ба онҳо писанданд, дуюм, бе ягон мушкилӣ иҷро карда мешаванд, сеюм коллективизм ва малакаҳои иҷтимоиро инкишоф медиҳанд».[190,45]

Шарти асосии муваффақияти логопедӣ дар кор бо кӯдакони синну соли хурд воситаи инфиродии мутахассис мебошад.

Барои тарбияи нутқи дуруст машқдиҳӣ лозим аст, зеро ин ба тарзи дуруст талаффуз намудани нутқ мусоидат мекунад.

1. Дар рафти бозӣ фаъолияти шахсии кӯдак зоҳир мегардад, ки он ба ӯ дар ин бобат таҷрибаи калони шахсӣ медиҳад.
2. Машқи нутқӣ дар бозӣ ба фаъолияти воқеии кӯдак мусоидат мекунад, ки он ба ӯ қаноатмандии саривақтӣ мебахшад.
3. Ҳангоми бозӣ шавқи устувор ба амалҳои нутқӣ меафзорд.
4. Ҳангоми бозӣ диққати ҳаракатӣ-ҳиссии кӯдак ба тарзи талаффузи овоз бештар инкишоф меёбад.
5. Дар чунин ҳолат дар кӯдак қувваи зиёд ба амал меояд.
6. Дар чунин бозиҳо кӯдак қобилиятҳои худро амалӣ мегардонад.

Дар натиҷа бозиҳои нутқӣ ҳолатҳои зеринро ба амал меоранд:

1. Алоқаи мураббия бо кӯдак;
2. Диққати мақсаднок ба нутқ;
3. Доштани хоҳиш ба навъҳои гуногуни малакаҳои нутқӣ;
4. Гум шудани малакаҳои кӯҳна ва пайдо шудани малакаҳои нави нутқӣ;
5. Ҳосилкунии малакаҳои нави нутқӣ дар ҷараёни таълим.

Дар гурӯҳҳои синну соли хурди томактабӣ машғулиятҳои логопедӣ дар шакли бозӣ гузаронида мешаванд. Ҳар як ҳаракат, ҳар як лаҳзаи

рафти логопедӣ барои бозӣ истифода шуда метавонад, ки ин аз қобилияти кории логопед вобастагии калон дорад.

Ин ҷо ғайр аз дигар воситаҳои таълим боз воситаҳои бозӣ истифода шудааст. Барои кӯдакони дараҷаи якуми инкишофи нутқӣ чунин бозиҳо гузаронида шудаанд: «Бозӣ мекунем», «Мағоза», «Бозичаи навро фарқ кун», «Кадом бозича намерасад» ва ғайра.

Дар вақти бозии дидактикӣ чунин тарзи бозиҳо истифода мешавад: «Лухтак меҳмон дорад», «Лухтакро либос пӯшон», «Оилаи мо» ва ғайра. Дар натиҷаи он кӯдакон дорои шумораи бештари луғати фаъоли мафҳумҳо мешаванд.

Барои кӯдакони дараҷаи якуми инкишофи нутқӣ камбудии аграмматикӣ хос аст. Луғати фаъоли онҳо аз калимаҳои умумӣ иборат аст, асосан исм, феъл ва сифатро дар бар мегирад. Бо назардошти чунин хусусиятҳо бозиҳои зерин гузаронида мешаванд: «Мағоза», «Чӣ доред?», «Кӣ  чӣ дорад?» ва ғайра. Мақсад: азхудкунии амалии шумораҳои танҳо ва ҷамъи исмҳо.

Барои кӯдакони дараҷаи дуюми инкишофи нутқӣ кор аз мафҳумҳои калима ва алоқамандии онҳо дар ҷумла оғоз меёбад. Вазифаи асосӣ дар ин ҷо ташаккули нутқ мебошад. Ҳангоми кор чунин бозиҳо истифода мешаванд: «Суратро дуруст ном бар», «Саволро дуруст гузор» ва ғайра.

Натиҷаи бадастомада дар диаграмма ҷой дода шудааст

Диаграммаи 2.



Даврахои боқимондаи кор ба таври махсус сурат мегирад. Барои тарзи дурусти талаффуз машғулиятҳои рӯ ба рӯ гузаронида мешаванд, ки вазифаи асосии онҳо аз ин иборат аст:

1. Устуворгардонии талаффузи дурусти овозҳо;
2. Ба роҳи шунидан фарқ кардани овозҳо: садонокҳо ва ҳамсадоҳо;
3. Фарқияти овозҳои дуруст талаффузшуда;
4. Азхудкунии калимаҳо аз рӯи мураккабии овозӣ-ҳиҷоӣ;
5. Тайёрӣ ба таҳлили сохтори овозии калима:

   а) Ҷудо кардани овози садонок дар аввали калима; таҳлил ва таркиби як қатор овозҳо;

   б) Таҳлил ва таркиби ҳиҷоҳо, ҷудо кардани ҳамсадоҳо аз охири калима;

   в) Таҳлил ва таркиби пурраи овозии калимаҳо ва ғайра.

6. Кор барои инкишоф додани узви нутқӣ, нафаскашии нутқӣ, тарзи тағйирдиҳии овоз. [234,108]

Дар ин машғулиятҳо барои фарқ кардани ҳар як ҳарф ба таври алоҳида бозиҳо гузаронида мешаванд. Кӯдакон аз рӯи ин бозиҳо тарзи дурусти талаффузи ҳарфҳоро меомӯзанд. Вазифаи асосии машғулиятҳои инфиродии логопедӣ тартиб додани овозҳо мебошад.

1) Давраи тайёрӣ (тайёр намудани узви нутқӣ барои тартиб додани овозҳо);
2) Тартиб додани овозҳо
3) Талаффузи овоз дар ҳиҷо, калима ва ҷумлаҳо;
4) Фарқияти овоз дар ҳиҷо, калима ва ҷумлаҳо.

Ба туфайли воситаҳои бозӣ барои ҳар як гурӯҳ машғулиятҳои гуногуни овоз гузаронида мешавад. Хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи воситаҳои гуногуни таълим бо воситаҳои бозӣ маҳсулнокии таълимро дар машғулиятҳои рӯ ба рӯ ва инфиродии логопедӣ баланд мебардорад.

Ҳангоми бозиҳои гуногун, машқҳои ҷисмонӣ мо санҷидем, ки кӯдакон калимаҳои ба ҳам наздик ба монанди «биёр-бар», «гурехт-

давида рафт»-ро чӣ тавр фарқ мекунанд. Маълум гардид, ки кӯдакон ба тамоми супоришҳо бе хато сарфаҳм мераванд. Лекин вақте , ки калимаҳои «рафт», «омад», «ки парид» ва «ки гузашт гуфтем», онҳо фавран роҳгум мезананд. Мо кӯшиш намудем, ки шарҳи калимаро аз андоза нагузаронида, онҳоро монда насозем. Ба машқҳои мустакилона, намудҳои гуногуни бозӣ ва бозиҳои дидактикӣ бештар имконият додан зарур аст.

Кор бо номҳои кӯдакон аз он вақте сар мешавад, ки мо онҳоро вориди фаҳмидани мазмуни номҳо созем. Дар машғулияти гуфтори даҳонӣ мураббия онҳоро бо номҳои пураашон шинос намуда, аз онҳо бо овоз талаффуз кардани номҳояшонро талаб менамояд.

Дар нимаи дуюми соли хониш, оид ба мавзӯи «Оила» суҳбат гузаронида, кӯдаконро бо аъзоёни оила ва номи онҳо шинос кардан мумкин аст. Мураббия номбар кард: «Момаи Соро хобидааст», «Акобир-тағо наҳорӣ карда истодааст», «Холаи Гулнора медузад» ва ғайра. Ба кӯдакон таклиф мешавад, ки бинанд оё дар ҳар талаффуз номеро ба забон овардааст, ё не? Бо мақсади ҷамъбасти маълумот дар бораи номҳои навозишӣ дар машғулияти инкишофи нутқ машқи махсус гузаронидем.

Дар машғулияти дигар ба онҳо зочаҳои духтаронаю бачагонаи коғазӣ медиҳанд ва мегӯянд, ки ба зоча ном ва номи навозишӣ монанд. Кӯдакон аз ном ва номҳои навозиши фикр карда монданд. Лекин аз сабаби захираи ками луғавӣ доштанашон, бисёр номҳо такрор меёфтанд.

Аввал ба онҳо барои муқоиса, ду тӯберо додем, ки аз рӯи ҳаҷм ва ранг аз ҳамдигар фарқ мекарданд. Мо ба онҳо гуфтем, ки ин тӯби калон ва ин тӯби хурд буда, онро тӯб ва тӯбча номидан мумкин мебошад.

Дар бозии «канӣ пешгӯӣ кун» ба ҳар як кас дутоӣ расм додем. Ҳар як ашёро номи майда ва калон мондем. Вай ба назди одами дилхоҳаш омада мегӯяд: «Кани гӯй, қалами ман дар куҷост?» Агар ӯ аниқ фаҳмад, расмро бурида мегирад; агар нафаҳмад, гузашта дар ҷояш мешинаду мураббия дигареро ба наздаш даъват мекунад. Пас аз шиносоӣ бо баъзе

намудҳои ҳайвонот мо барои фарқ кардани онҳо номи майдачаҳои онҳоро талаффуз кардан мегирем. Масалан, дар рӯи миз расми гурбача, бузғола, мурғобича, ғозча ва ғайраҳо хобида буданд. Мураббия расми ҳайвони калонро дар дасташ гирифта, мегӯяд: «Буз омада истодааст. Кӯдакашро мекобад. Кӣ вайро ном мебарад?» Касе дуруст ҷавоб диҳад, расм мегирад.

Бояд ба инобат гирифт, ки амалан аз худ кардани моҳияти калима бе робита ба нутқ вуҷуд дошта наметавонад. Мо машқҳои гуногун гузаронидем, то ки кӯдакон бо ҳикояҳои мураббия нутқи худро пурра гардонанд. Мисол, мураббия мегӯяд : «Ман дар боғ будам ва аз дарахт себи калонро чиндам. Дар паҳлӯяш себи хурди майда дар инкишоф буд».

Мо расмҳои махсусеро интихоб кардем, ки имконият медиҳанд номи ашёҳоро номбар намоем. Дар расми «Боғчаи кӯдакон», «Фариштa дар саёҳат» мо расмҳои чизҳои гуногуни хурду калонро кашидем, то ки захираи луғавии кӯдакон инкишоф ёбад. Кӯдакон ин чизҳоро ба ҳам муқобил гузошта, номбар карданд.

Мураббия онҳоро бо ин восита фаъол мегардонад:

-Фариштаи хурдакак ба саёҳат рафт, ӯ дар тан чӣ пӯшида буд?

Кӯдакон давом медиҳанд:

- Фаришта дар тан куртаи атлас дошт, рӯймол дар сар ва аз пушт кокулҳояш намудор буд.

- Дар дасташ чӣ гирифтааст?

- Зоча, белча, сатичаашро.

- Фаришта зочаашро чӣ пӯшонидааст?

- Куртача, пойафзол,- ҷавоб доданд кӯдакон.

- Фаришта чӣ кор мекунад?

- Бо зоча сайругашт мекунад.

Дар рафти кор қарор додем, ки кӯдаконро бо номи баъзе ашёҳо шинос намоем. Масалан, кӯдакон бо якчанд намуди меваю сабзавот ва маҳсулоти шинос мегарданд. Мураббия ба кӯдакон меваро нишон дода

ва ба мураббо ишора намуда, мегӯяд, ки инро аз ҳамин себ таиёр кардаанд. Кӯдакон аз мураббо барои санҷиш чашиданд. Ба кӯдакон гуфтем, ки аз себ боз шарбат ва дигар нӯшокиҳо таиёр мекунанд. Дар охир мураббия меваҳоро нишон дода,пурсид:

- Аз себ, шафтолу,олу, зардолу боз чиҳо тайёр мекунанд? Кӯдакон ба ин саволҳо кӯшиш менамоянд, ки мувофиқи фаҳмишашон ҷавобҳои дилхоҳ диҳанд. Ба кӯдакон тубҳои ҳаҷми гуногунро пешниҳод менамоянд. Пеш аз гирифтани туб кӯдак бояд гӯяд, ки кадом намуди тубро гирифтан мехоҳад.

Тамоми кӯдакон дар гирди миз ҷамъ шуда, чашмонашонро мепӯшанд. Мураббия номаълум як харгӯшро пинҳон мекунад. Кӯдакон чашмонашонро мекушоянд.

Мураббия: Харгӯш дар куҷо пинҳон шуд?

Кӯдак дар зери миз(нигоҳ мекунанд)

Ӯ онро соҳиб мегардад.

**Варианти 2.**

Аз рӯи расми «Зимистон дар ҷангал» суҳбат гузаронидем. Дар асоси ин суҳбат кӯдакон бо хусусиятҳои замистон, манзараи ҷангал, сардии ҳаво ва дигар чизҳо шинос шуданд. Онҳо бо ҳайвоноту паррандагони ин фасл ошноӣ пайдо карданд.

Пас аз суҳбат мураббия ба онҳо саволҳои зеринро медиҳад:

1. Санҷоб дар куҷо нишастааст?
2. Чормағзҳоро дар куҷо мемонад?
3. Харгӯш дар куҷо пинҳон шуд?
4. Зоғ дар куҷо нишастааст?
5. Паррандаҳо чӣ?

**Ба саволҳо ҷавоб дода, кӯдакон чунин ҷумлаҳо тартиб доданд**:

«Санҷоб дар болои навда ҷойгир шудааст».

«Санҷоб чормағзҳоро ба даруни сурохӣ мегузорад».

«Харгӯш дар зери арча пинҳон шудааст».

«Зоғ дар болои дарахт нишаст».

«Паррандаҳо дар болои навдаҳо нишастанд».

Мураббия пас аз ҳар ҷавоб кӯдаконро мепурсад: «Вай дуруст мегӯяд?»- ва ҳамаро ба ислоҳи хато даъват менамояд. Бо оҳистагӣ мо имконият меёбем, ки инкишофи нутқро дар машғулияти талаффуз ҷамъбаст намоем. Аз тарафи дигар интихоби калима ва шинохти пайвандакҳоро дар онҳо қавӣ гардонем.

Барои намоиши алоқаи нутқи мустақилона аз расмҳо ҳикояҳо тартиб медиҳем. Ба расм нигоҳ карда кӯдак нақл мекунад: «Дар ин ҷо Сафар мехоҳад ба оббозӣ равад. Ва онҳо ба оббозӣ рафтанд. Онҳо омаданд, кӯдак либосҳояшро кашида оббозӣ рафт. Мобайн чуқур буд. Ӯ каме монд, ки ғарқ шавад. Саг инро дида барои наҷот доданаш ба об даромад. Баъд вай давид, ба саг часпида ба соҳил баромаданд. Кӯдак пӯшида роҳи хонаро пеш гирифт».

Аз ин ҳикоя бармеояд, ки кӯдакон феълро дуруст фаҳмидаанд. Онҳо шахсҳои феълро дуруст дарк мекунанд, ки амалро як кас ё чандин касон иҷро карда истодаанд. Аз сабаби фаъол будани захираи луғавияшон кӯшиш мекунанд, ки бештар ҷумлаҳои содда созанд. Онҳо матни хондаашонро сарфаҳм мераванд, бо ҷумлаҳои содда ва хикояҳои кӯтоҳ бештар мароқ зоҳир менамоянд.

Диаграммаи 3.



Дар гурӯҳ/гурӯҳҳои фарогир мураббия кӯдаконро мувофиқи шавқу рағбат, имконияти ҷисмонию равонӣ, дустию рафоқат, ҳамдигарфаҳмӣ, ёрии байниҳамдигарӣ ба гуруҳҳои дунафарӣ, гуруҳчаҳои хурд (4,6,8 нафарӣ) тақсим намуда, супоришҳои таълимӣ (якҷоя расм кашидан, хондани матнҳои бадеӣ ва ғайра) ва амалӣ (расмкашӣ доир ба мавзӯҳои алоҳида, якҷоя бурида ширеш намудан, тайёр кардани композитсия, экибан, гербарияҳо, сохтани бозичаҳо аз маводи табии ва нимпартов, гулдузӣ ва ғайра) супорад.

Ба нишасти кӯдакон дар машғулият аҳамият додани мураббия зарур аст. Ноқулай будани тарз ва ҷойи нишаст сабаби тезмондашавӣ, дилгиршудан ва парокандагии диққати кӯдак ба машғулият ва супоришҳои таълимӣ мегардад. Левина Р.Е. ва ҳамкоронаш аз лабораторияи фаъолияти асабии баланд дар кӯдакон дар Институти физиологияи кӯдакон ва наврасон кашф карданд, ки «рушди нутқ дар кӯдакон бо инкишофи ҳаракатҳои ангуштон зич алоқаманд аст. Агар ангуштон суст инкишоф ёбанд, нутқ низ метавонад ақиб монад, ҳатто агар малакаҳои ҳаракати калон муқаррарӣ ё беҳтар бошанд» [78,213].

Инкишофи ҷисмонии муътадил, инкишофи системаи таҳрикию ҳаракатӣ дар раванди таълим мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. «Инкишофи системаи таҳрикӣ бо инкишофи нутқ, равандҳои маърифатӣ, иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ зич алоқаманд мебошад. Ҳам малакаҳои бузурги таҳрикӣ, ҳам малакаҳои нозуки таҳрикӣ, инчунин мутобиқатии сенсорию таҳрикӣ воситаҳои донистагирии муҳити атроф ва ғанигардонии луғати кӯдак донистa шудаанд.»[83,117]

Рушди функсияҳои даст ва нутқ дар одамон дар тӯли муддати тӯлонӣ ба таври мувозӣ сурат мегирад. Аввал ҳаракатҳои нозуки ангуштон инкишоф меёбанд ва баъдан ҳиҷоҳо артикулятсия мешаванд. Дар синни кӯдакии барвақт, инкишофи малакаҳои нутқ мустақиман аз омӯзиши ҳаракати ангуштон вобаста аст.

Таҳқиқоти электрофизиологӣ нишон доданд, ки минтақаҳои нутқи мағзи сар таҳти таъсири импулсҳо аз ангуштон ташаккул меёбанд. Вақте

ки кӯдак ангуштони дасти росташро ба таври ритмикӣ ҳаракат медиҳад, ларзишҳои электрикии ҳамоҳангшуда дар минтақаҳои пеш ва вақтии нимкураи чапи мағзи сар афзоиш меёбанд. Ҳамин чиз дар нимкураи рост ҳангоми ҳаракат додани ангуштони дасти чапаш рух медиҳад.

Фаъолияти маҳдуди ҳаракатии кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни рушд метавонад ба нутқи ӯ таъсир расонад. Омӯзиши ангуштҳо метавонад аз 6-7 моҳа оғоз шавад ва то синни мактабӣ идома ёбад. Усулҳо метавонанд гуногун бошанд, аммо калиди асосӣ ҷалби ҳарчи бештари ангуштон ба ҳаракат ва таъмини ҳаракати пурқувват аст.

Рушди ҳаракати таҳрики хурд якчанд самтро дар бар мегирад:

- бозиҳо ва машқҳои ангушт, театри ангуштҳо, шеърҳои кӯдаконаи халқӣ;
- кор бо албомҳо ва дафтарҳо: пайгирии нақшҳо, соякунӣ, рангкунӣ,диктантҳои шунавоӣ;
- коркарди ашёи хурд: ресмонбандӣ, ҷудокунӣ, бофтани бандҳо, тугмачаҳо,бастани гиреҳҳо, бозичаҳои сохтмонӣ, мозаика;
- фаъолиятҳои эҷодӣ: расмкашӣ, сохтани бозиҷаҳо, гулмонӣ, сохтмон, ҳунарҳои дастӣ;
- маҳс ва худмаҳскнии дастону ангуштон.

Дар китоби худ «Асосҳои назарияи фаъолияти нутқӣ» Зимняя И.А. чунин қайд мекунад: «Рушди ҳаракати таҳрики хурд ба омода кардани даст барои навиштан кӯмак мекунад. Иинкишофи вазифаҳои ҳарду даст ва ташаккули марказҳои нутқ дар ҳарду нимкураи мағзи сар ба шахс бартариҳои зеҳнӣ медиҳад, зеро нутқ бо тафаккур зич алоқаманд аст» [83,33].

Дар фаъолиятҳои эҷодӣ, аз ҷумла расмкашӣ, сохтани бозича, гулмонӣ, сохтмон, меҳнати дастӣ боз ҳам хубтар алоқаманд гардидани нутқ ва амалҳо шароит ба вуҷуд меояд. Ин тарзи мубодилаи фикр аз диалогҳои содда, ки пас аз ҷумлаҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ иборатанд, оғоз меёбанд:

-Чиро ту буридан мехоҳӣ?

- Гулро. Кадомашро? Сурхашро.

- Баъд чӣ кор мекунӣ?

- Ту чиро сохтӣ?...

Бо ин роҳ бачаҳо ҳиссиёти худро бо нутқ бе душворӣ баён мекунанд. Чунин тарзи кор мубодилаи байни онҳоро осонтар мегардонад. Ба бачагон омӯзонидани «гуфтугӯ» ба воситаи нутқи тасвирӣ хело муҳим аст.

Ба инкишофи нутқи алоқаманд кӯдакон тартиб додани талабнома ба чизҳо ва асбобҳои зарурӣ низ сабаб мешавад. Аввал кӯдакон муроҷиат мекунанд: «Ба ман қоғаз, қалам, қайчӣ диҳед» ё: Ба ман қоғаз, қайчӣ, қалам лозим». Баъзан шакли баён тағйир меёбад: «Барои кор ба ман лозим» ё «Барои тайёр кардани гулмонӣ ба мо заруранд. Дар ҳамаи ин шаклҳои баён талабнома робита чӣ мебошад ва ба туфайли ин кӯдакон ба муфассал ва пурра бо воситаи нутқ муроҷиат намудан омода мешаванд.

Ба таври илова мо усулҳоеро меорем, ки бо кӯдакони томактабӣ махсус васеъ истифода мешаванд. Яке аз шаклҳои онҳо фаъолияти дастӣ мебошад: буридан ва ширеш кардани чизҳои начандон мураккаб аз коғаз ва кардон,бофтани қолинчаҳо аз риштаҳои ранга ва сохтани ашёҳои ҳаҷмашон калон аз коғаз - кулоҳча, хона, сабатча бо гулҳояш, гаҳвора, ҷевон, диван, курсӣ, пиёла, ва ғайраҳо.

Барои мисол сохтани «**Кулоҳча»-**ро меорем. Ҳангоми кор кӯдакон дар бораи он, ки чӣ кор карданианд ва боз чӣ мақсад доранд, аз амали хеш чиро ҳис карданд, чиро фаҳмиданд, чӣ хулосаҳо бароварданд, изҳори ақида менамоянд ва бо ин васила нутқи онҳо ташаккул меёбад.

Расми 13.




Мушоҳидаи мо нишон дод, ки барои кӯдак аз ҳама осон нутқ кардан мебошад, ки иҷрои амалро ифода менамояд. (Ман мебурам…; Ман мечаспона; Ман ранг мекунам).

Чизи дигаре, ки барои кӯдак ин анҷом додан ба нутқ мебошад, яъне кӯдак кори иҷрогардида ё ягон қисми иҷрошудаи онро ифода менамояд «Ман часпонидам»; «Ман қат кардам»; «Ман гузоштам».

Дар охир аз ҳама нутқи мураккаб нақшавӣ мебошад, ки кӯдак чӣ мақсад доштанашро нақл мекунад «Аввал ман мебурам»; «Баъд мечаспонам»; «Ман ранг мекунам».

Шаклҳои номбурдаи нутқ аз ҳамдигар аз рӯи ҳолати лаҳзавӣ фарқ мекунанд. Дар давраи дар пайравии касе сухан гуфтан ҳамеша намунаи нухсаи баёни ӯро тақлид кардан зарур аст. Дар нутқи хотимавӣ ҳамеша мавқеи такя кардан ба хотираи биноӣ паст мегардад. Дар ин ҷо бе чизи намоишӣ фикрро ба охир расонидан мумкин аст.

Дертар нутқи сафарбаркунанда бо набудани калимаҳои такягоҳӣ оғоз карда мешавад. («Ту ҳоло чӣ кор мекунӣ?» - «Ман коғазро мебурам»). Дар охир кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқидошта мустақилона тамоми ҷараёни корро нақл карда дод ва амалашро бо калимаҳо баён намуд.

Бачаҳо хомӯшона ва бо диққат суханони мураббияро гӯш карда, калимаҳои нав, номи амал ва ғайраҳоро ба хотир мегиранд. Баъд мураббия дар бораи хосияти ин ашёҳо ба кӯдакон нақл карда, онҳоро ба кӯдакон намоиш медиҳад. Кӯдакон ба амали мураббия пайравӣ карда, номи тамоми чизҳоро дуруст ва бехато такрор менамоянд.Мисол, мураббия нақл менамояд,ки коғазро қат кардан мумкин аст:

-Нигоҳ кунед бачаҳо, ман коғазро қат мекунам. Гӯш кунед, ки ман чӣ кор мекунам: ман коғазро қат мекунам. Акнун шумо такрор кунед ва ин корро ҳамин тавр кунед.

Ба кӯдакон коғаз тақсим карда мешавад. Ҳар кадоме варақашро қат мекунад. мураббия мегӯяд: «Баҳром коғазро нағз қат кард». «Баҳром, гӯй,ҳоло ту чӣ кор мекунӣ?».

Баҳром: Ман коғазро қат мекунам.

Мураббия: Бачаҳо, шумо шунидед, Баҳром чи хел дуруст ҷавоб дод. Акнун гӯш кунед, Зокир чӣ кор мекунад.

**Зокир**: Ман коғазро қат мекунам.

**Мураббия.** Ту дуруст гуфтӣ, лекин бо овози паст. Акнун, ҳозир Юсуф баланд мегӯяд, ки чӣ кор мекунад.

**Юсуф:** (бо овози баланд, бо кашиш ва аниқ) Ман коғазро қат мекунам.

Пас мураббия мегӯяд, ки қоғазро бо қайчӣ мебурем. «Бинед, ман коғазро мебурам. Карим гӯй, ки ту чӣ кор мекунӣ? «

**Карим**: Ман коғазро бо қайчӣ мебурам. Ҳамин тавр, ҳар кадоми кӯдакон амалашонро номбар менамоянд. Суханонии мураббия ва рафти намоиши амал ором ва бе саросемагӣ гузаронида мешавад.

Мураббия аввал «кулоҳчаро» дар шакли тайёр муаррифӣ намуда, рафти корро мефаҳмонад. Пас ҳама кӯдакон бо мураббия корро иҷро мекунанд.

Мураббия вараќи якумро дар наздаш дуқат карда мегузорад ва мегӯяд: «Ман варақро нимқат кардам». Ба кӯдакон ҳам таклиф карда мешавад, ки ҳамин тавр кунанд. Кӯдакон ҳамин, ки ба иҷрои кор шурӯъ

карданд, мураббия аз ҳар кадомашон банавбат мепурсад: «Ту чӣ кор мекунӣ?»

Кӯдак. Ман варақро ба ду нимтой қат менамоям.

Мураббия. Дигарҳо чӣ кор мекунанд? - гӯён аз тамоми кӯдакон амалашонро пурсид.

Пас мураббия дигар амалро ба кӯдакон нишон дода, бо суханони фаҳмою равшан гуфта дод: «Пӯлод ту акнун чӣ кор мекунӣ?»

**Пӯлод.** Ман панҷаамро аз болои ҷои қатшуда мекашам.

**Мураббия.** Юсуф, ту ҳоло чӣ кор мекунӣ?

**Юсуф**: Ман панҷаамро сахт аз болои ҷои катшуда мекашам.

Пас мураббия дар муқова вараќи якумро гузошта мегӯяд: «Ман вараќи якумро дар муқова мегузорам». Кӯдакон аз пушти мураббия на танҳо амал, балки калимаҳоро такрор менамоянд. Бехато варақҳоро паи ҳам ба болои муқова мегузоранд. Ҳар як ҷузъиёт аввал аз тарафи мураббия иҷро мешавад ва дар пайравии ӯ кӯдакон онро иҷро менамоянд. Вақте ки кӯдак кулоҳчаро тайёр намуд, мураббия мегӯяд: «Акнун, кулоҳчаро ранг карда, ороиш мекунем». Аммо ороиш додан ба онҳое иҷозат дода мешавад, ки суханони мураббияро бодиққат гӯш карданд, дуруст ва бехато ҷавоб доданд.»

Мураббия чӣ тавр ва ороиш додани кулоҳчаро нишон медиҳад, кӯтоҳу муфасал мегӯяд.

Мураббия: Ман кулоҳчаро ороиш медиҳам. Юсуф, ку бигӯй ту чӣ кор мекунӣ?

Юсуф: Ман кулоҳчаро ороиш медиҳам.

Мураббия: Ту, Зокир, чӣ кор карда истодаӣ?

Зокир: Ман ҳам кулоҳчаро ороиш дода истодаам.

Ҳамин тавр мураббия, тамоми кӯдаконро пурсида ҷавоби қаноатбахш гирифт ва боварӣ ҳосил намуд, ки кӯдакон амалашонро дуруст дарк кардаанд. Ин машғулияти саволу ҷавобест, ки ба инкишофи нутқи кӯдакон суръат мебахшад. Кӯдакон суханони мураббия ё дигар кӯдакро не, балки сухани худро гӯянд. Муҳаққиқ Қурбонова Г. Чунин

қайд мекунад: «Дар системаи машғулиятҳои мо ин як шакли оддии нутқ мебошад, ки ба амали содиршуда ва суханони шунида такя менамояд. Дар аввал ҷавоби кӯдакон оддӣ буда, оҳиста оҳиста мураккаб гардида тобегии онҳо аз суханони мураббия ва ҷавобҳои дигарон озод мегардад. Ҳар як савол дар шакли мушаххас аз рӯи амали иҷрокарда истодаи кӯдакон дода мешавад. Дар савол бояд номи ашёҳо ва он амалҳое, ки кӯдак иҷро менамояд зоҳир гарданд.»[118,65]

Масалан, мураббия чунин савол медиҳад: Кунҷҳоро ту бо чӣ мечаспонӣ?

Кӯдак: Ман кунҷҳоро бо шириеш мечаспонам.

Мураббия: Ту варақатро чӣ тавр кат кардӣ?

Кӯдак: Ман варақамро дар ду қисм қат кардам.

Дар машғулиятҳои минбаъда мустақилияти кӯдакон меафзояд, онҳо худашон ҷумла сохтан ва ба саволҳо ҷавоб доданро ёд мегиранд ва аз кумак расонидан раҳоӣ меёбанд.

Дар аввали машғулият мураббия қисми зиёди саволҳоро оид ба иҷрои амал медиҳад ва дар охири машғулият ба нутқи хотимавӣ мегузарад. Дар машғулиятҳои минбаъда мавқеи нутқи хотимавӣ бештар меафзояд. Масалан, сохтани ягон ашё аз коғаз ба онҳо дода мешавад.

Вазифаи асосии тадқиқоти гузаронидаи мо аз он иборат аст, ки монандӣ ва тафовути инкишофи кӯдакони нутқашон нуқсон доштаро ба воситаи расмкашӣ муайян намоем.

Мазмуни бисёр расмҳо, ки кӯдакони 4-7 сола иҷро намудаанд, агар нутқ набошад, аз байн мераванд. Ҳолатҳое ҳам ҳастанд, ки кӯдак расм мекашаду ботамом гап мезанад, ҷараёни расмкаширо рангин мегардонад ва амали ӯ барои худаш ва атрофиён фаҳмо мебошад.

Пас аз анҷоми расмкашӣ, кӯдак хуб сухан мекунад, метавонад дар бораи чӣ кашидааст, гап занад. Мушоҳида мешавад, ки нақли ӯ ҳанӯз нопурра ва характери парокандагӣ дорад. Инчунин, на ҳама кӯдакон хоҳиши дар бораи расмҳои кашидаашон гап задан доранд. Баъзан кӯдаконе вомехӯранд, ки ҳам дар расмкашӣ ва ҳам дар нутқ хоҳиши

баланд доранд. Натиҷаи таҷриба  ба он оварда меравонад, ки дар охири таҷриба  нутқ моҳияти ифодакунӣ ва фаҳмондадиҳӣ пайдо менамояд.

Хамин тавр, раванди расмкашии кӯдакон бо инкишофи нутқи онҳо сахт алоқаманд мебошад. Муносибат ва робитаи байни расмкашӣ ва нутқ гуногун ва тағирёбанда мебошад.

**Баҳодиҳӣ ба сатҳи фаъолияти тасвирии кӯдаки дорои нуқсонҳои нутқӣ**

**Афзалият бар меъёри синнусолӣ:** Кӯдак бо осонӣ ва зуд бо педагог робита барқарор мекунад, супоришҳои пешниҳодшавандаро бо мароқи ифодаёфта истиқбол мегирад. Мароқ зоҳир кардан ба натиҷаи фаъолият дар тамоми давраи таҳқиқ барқарор мемонад. Ба таври мақсаднок амал мекунад, фломастерро дуруст ва мустаҳкам медорад. Тасвирҳои кӯдак ба намунаи педагог дақиқан мувофиқат мекунад. Гурӯҳи супоришҳои мувофиқи синнусолаш пешниҳодшударо ба таври мустақилона иҷро мекунад, ҳамчунин гурӯҳи супоришҳои барои синни нисбатан болоӣ пешбинишударо мустақилона ва бо андак дастгирии педагог иҷро менамояд. Амалиёти ҳар ду даст ба ҳам ва бо нутқи шифоҳи мувофиқанд.

**Мувофиқат ба меъёри синнусолӣ:** кӯдак бо педагог зуд робита барқарор менамояд, ӯ ба супоришҳо мароқ зоҳир мекунад. То охири таҳқиқ муносибати эмотсионалии мусбӣ ба раванди фаъолият, боқӣ мемонад. Кӯдак ба таври мақсаднок амал мекунад, вале тасвири баъзе хат ва ашёҳоро дақиқ иҷро намекунад. Кӯмаки педагогро қабул ва ба таври самаранок истифода мекунад. Ӯ ба таври мустақилона ва бо ёрии педагог на камтар аз чаҳор супориши мувофиқи синнусолаш пешниҳодшударо иҷро менамояд. Супоришҳои барои синни болотар пешбинишударо бошад, бо ёрии педагог иҷро мекунад. Дасти афзалиятдор муайян аст, амалиёти ҳар ду даст ба ҳам мувофиқанд.

**Ақибмонӣ аз меъёри синнусолӣ:** кӯдак одатан ба зудӣ робита барқарор намекунад ва он ҳам расмӣ (зоҳирӣ) аст. Кӯдак каму беш ба вазъияти умумии супориш мароқ зоҳир мекунад, аммо ба мазмуни супоришҳо, ба натиҷаи иҷроиши онҳо шавқманд нест. Фаъолияти

нисбатан пасти маърифатӣ зоҳир менамояд, ба иҷрои тасвирҳои барои синнусоли ӯ пешниҳодшуда мустақилона ва ҳамчунин бо ёрии педагог кӯшиш намекунад ва аз уҳдаи иҷрои онҳо намебарояд. Супоришҳои барои кӯдакони синни нисбатан хурд пешбинишударо ба таври мустақилона ва бо ёрии педагог иҷро мекунад.

**Ақибмонии ҷиддӣ аз меъёри синнусолӣ:** кӯдак бо педагог робита барқарор намекунад, ба мазмуни супоришҳо беэътино аст, намефаҳмад, ки ба ӯ супориш пешниҳод карда шудааст. Пас аз омузиш низ ба тасвир кардан кӯшиш намекунад. Аз уҳдаи иҷрои супоришҳои барои синнусоли мувофиқ ва барои синни нисбатан хурдтар пешбинишуда намебарояд. Пас аз омузиш дар варақ хатҳои ба супориш номувофиқ мекашад.

Натиҷаҳои таҳқиқ ба протоколи супориш ворид карда мешаванд. Намунаи пур кардани протоколи таҳқиқи фаъолияти тасвирӣ дар мисоли Алиҷони М. меоварем.

**Ҷадвали 6.**

**Ному насаб ва синни кӯдак** Алиҷони М., 2,11 **Протоколи таҳқиқи фаъолияти тасвирӣ**

**санаи таҳқиқ** 22. 12. 23

| **Супориш барои кӯдакони 5-6 сола** | **Қабул и супо-риш** | **Тарзҳои иҷрои тасвир** | | | **Мувофиқати дақиқ ба намуна** | **Марок ба натиҷа** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **мустақилона аз рӯи намоиш** | **пас аз амалиёти якҷоя** | **иҷро накардан** | | | |
| 1. Борон «чак-чак» | + | + | | | + | + | Мушкилӣ надорад |
| 2. Хати паҳни уфуқӣ | + | + | | | + | + | Мушкилӣ надорад |
| 3. Изи ҳайвонот | + | + | | | дақиқ нест | + | Бо нишондоди нутқӣ |
| 4. Ресмони пуфак. | + | + | | | + | + | Мушкилӣ надорад |
| 5. Чароғакҳои арча | + | - | + | | дақиқ нест | + | Бо нишондоди нутқӣ |
| **Супориш барои кӯдакони 6-7 сола** | | | | | | | |
| 1. Сабазазор | + | + | - | | + | + | Бо нишондоди нутқӣ |
| 2. Туб | + | + | | | + | + | Мушкилӣ надорад |
| 3. Барги дарахтон | + | + | + | | + | + | Мушкилӣ надорад |
| 4. Рангубордиҳии нақшҳои либоси кӯдак, ки аз ҷониби педагог кашида шудааст | + | - | | + | мувофиқ нест | + | Бо нишондоди нутқӣ |
| 5. Хона | + | - | + | + | ба ҷои хона доира | + | Бо нишондоди нутқӣ |

Мураббия бояд ҳангоми баҳодиҳӣ, ба натиҷаи иҷрои супоришҳо ҳиссаи ҳар як кӯдакро дар фаъолияти якҷоя баҳо дода, мавқеи ӯро дар муваффақияти гурӯҳ махсус таъкид намояд. Ин амал имконият медиҳад, ки руҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, саъю кушиши якҷоя амал намудан таъмин гардад. Махсусан, ташкил намудани намоиши корҳои якҷояи кӯдакон дар гурӯҳ ва ба он даъват намудани волидону маъмурияти муассисаи томактабӣ, мураббия ва кӯдакони дигар гурӯҳҳо низ аҳамияти калони тарбиявӣ дорад.

**Диаграммаи 4.**




Ҳамин тавр, кӯдакон бо роҳҳои гуногун меомӯзанд ва мутаносибан усули гуногуни дарккунӣ доранд. Шахсикунонӣ ва фардикунонии ҷавобҳои кӯдакон дастгирӣ карда мешавад. Ҳар як кӯдак қобилияти гуногуни зеҳнӣ дорад. Ба эътибор гирифтан ва инкишофи ин қобилиятҳо яке аз унсурҳои асосии таълим ба шумор меравад. Диққати асосӣ ба азхудкунии донишҳо, ҳавасмандкунии доимии малакаҳои нутқронӣ ва фикрронӣ ба роҳ монда мешавад. Асосан дастрасӣ, ташкил, таҳлил ва муаррифии донишҳо ва намоиш додани малакаҳои дурусти нутқронӣ муҳтавои асосии мақсади таҳқиқотро ташкил медиҳанд.

**Таҷрибаи мо нишон медиҳад, ки** бисёр хатмкунандагони дорои инкишофашон маҳдуди нуқсонҳои нутқдошта дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳсил мекунанд.

Маҳз ташкили гурӯҳҳои фарогир дар кӯдакистонҳо ба мутобиқшавии иҷтимоии кӯдакони инкишофашон маҳдуд аз синни барвақтӣ, ба рушди мустақилияти онҳо мусоидат мекунад ва муҳимтар аз ҳама, ҷомеаи муосирро ба тағйир додани муносибат ба онҳо водор мекунад. Муҳити таълим имконият медиҳад, ки кӯдакони солим кӯдакони дигарро, масалан кӯдакони дорои имкониятaшон маҳдудро, сарфи назар аз хусусиятҳояшон, баробар ҳисобанд, таҳаммулпазиртар гардонад ва нисбат ба шахсони имкониятaшон маҳдудро ба эҳтиром дошта бошанд.

Муваффақияти корҳои ислоҳӣ асосан аз фаъолияти муштараки мураббия, логопед бо волидон ва муносибати бошууронаи онҳо ба ин раванд вобаста аст. Фароҳам овардани имкониятҳо дар муассисаи томактабӣ ва оила барои машқ намудан дар муоширати шифоҳии озод ба кӯдакон нақши муҳим мебозанд ва барои инкишофи маҳорату малака ва қобилиятҳои нутқии онҳо дар фаъолияти ҳаррӯза шароити мусоидат фароҳам меорад.

**Хулосаи боби 3.**

Мақсади асосии тадқиқоти мазкур дар он мебошад, ки хусусиятҳои фаҳмидани нутқи кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта кушода шавад. Бо гурӯҳи кӯдакони нуқсонҳои нутқдошта дар асоси амсилаи таҳияшуда ва барномаи кории “Дуруст нутқ карданро меомӯзем» корҳои озмоишӣ дар се марҳилаи таҳқиқот гузаронида шуданд.

Таҳқиқи ҳолати нутқи кӯдакони дорои нуқсонҳои нутқӣ аз омузиши чунин ҷанбаъҳо иборат аст: аз ҷониби кӯдак фаҳмида шудани нутқи шифоии ба ӯ равонагардида ва ҳолати нутқи фаъоли ӯ. Бо ин мақсад пеш аз ҳама кӯдакон дар раванди бозӣ ва саёҳати онҳо, дар лаҳзаҳои реҷавӣ ва дар тамоми раванди таҳқиқи психологӣ –педагогӣ мушоҳида карда мешаванд. Ба ғайр аз ин санҷиши махсус гузаронида мешавад.

Таълими касбии кӯдакони дорои нуқсони нутқ дар оила нақши муҳим мебозад. Фаъолиятҳои хонагӣ ба кӯдакон дар фаҳмидани ҷаҳон кӯмак мекунанд. Онҳо дар бораи чизҳо, падидаҳо ва амалҳои гуногун маълумот мегиранд. Бо мушоҳидаи волидон ва иштирок дар корҳои хона, кӯдакон ба фаҳмидани он шурӯъ мекунанд, ки падидаҳои гуногун чӣ гуна бо ҳам алоқамананд.

Имрӯз яке аз мушкилоти маъмултарине, ки волидон бо он рӯ ба рӯ мешаванд, таъхири инкишофи нутқ дар кӯдакон аст. Бисёре аз калонсолон нақши муҳими худро дар ислоҳӣ ин мушкилот дарк намекунанд ва нуқсонҳои нуткро ҳамчун чизи муваққатӣ мешуморанд, ки бо синну сол худ аз худ ҳал мешавад. Таъхири инкишофи нутқ метавонад боиси нуқсонҳо дар дигар вазифаҳо, аз ҷумла рушди зеҳнӣ гардад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки волидон ҳарчи зудтар бо логопед ва невролог ё психоневрологи кӯдакона машварат намоянд.

Тадбирҳои андешидаи мо дар омузиши  нутқи даҳонии кӯдакон имконият дод, ки онҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо намоем. Ин гурӯҳҳо аз ҳамдигар аз рӯи инкишофи нутқ фарқ карда, ҳар кадоми онҳо муносибат ва методи махсуси таъсири логопедиро талаб менамоянд.

Натиҷаи санҷиш нишон медиҳад, ки инкишофи хотираи биноӣ ва шунавоӣ муҳим буда,  кӯдакон  ашёро дида маълумот ҳосил карда, дар хотир нигоҳ медоранд.  Бештар кӯдакон  дар масъалаи нақл карда додани матн мушкилӣ  мекашанд.

## ХУЛОСАИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО

1. Тарбияи насли наврас дар замонпи имруза яке аз масъалаҳои муҳим дар маорифи кишвар маҳсуб ёфта, муҳимияти масъалаи мазкур дар бобати кӯдакони имконияташон маҳдуд диққати бештарро талаб мекунад.

2. Дар бисёр ҳолатҳо нуқсони нутқ сабаби қафомонӣ ва аз худ карда натавонистани барномаи таълим ва қафомонии кӯдак мегардад. Мавҷуд набудани дараҷаи кофии захираи луғавӣ, ташаккул наёфтани сохти грамматикии талаффузи нутқ ва нодуруст талаффуз кардани садоҳо ба кӯдакон имконият намедиҳад, ки баробари кӯдакони солим пеш раванд. [2-М,10-М]

3. Мутахассисон ва мураббияи мактабҳои махсуси таълимии кӯдакона бояд низоми таълимро беҳтар донад, бо усулҳои кор бо логопедҳо бештар шинос бошад, бо кӯдакони нуқсони нутқ дошта кор бурда тавонад. Мураббия бо кӯдакон машғулиятҳои гурӯҳӣ ва дар давраи берун аз гурӯҳӣ машғулиятҳои инфиродӣ баҳриислоҳи нутқ мебарад, ки ин донишу маҳорати зиёдро талаб менамояд.[3-М, 6-М]

4. Агар кӯдак ҳам аз ҷиҳати фикрӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ хуб инкишофёфта бошад, он гоҳ тадриҷан дар синни 4-5 солагӣ иллати нуқси забон худ аз худ аз байн меравад, чунки тавассути тақлид ба нутқи атрофиён кӯдак талаффузи овозҳоро дуруст аз худ карда мегирад.[1-М]

5. Дар оила ва кӯдакистон ба калонсолон ва мураббиён лозим аст, ки на танҳо бо кӯдак бурро гап зананд, инчунин кӯшиш намоянд, ки вай калимаҳоро дурусту бехато талаффуз кунад. Онҳо бояд талаффузи нодурусти овозро дарҳол ислоҳ намоянд, вагарна кӯдак як умр дучори иллатнокии нутқ мегардад.[2-М,12-М]

6. Машқҳои - талаффузкунӣ – ин машқҳои комплексии интихоб шуда барои беҳтар намудани сифати органҳои ҳаракати талаффузкунӣ ва ба меъёри овардани он хизмат мекунад. Калонсол машқҳои талаффузи кӯдакро гузаронида, сифатҳои ҳаракати кӯдакро

назорат мекунад: аниқии ҳаракат, мунтазамӣ, суръати иҷро, устуворӣ, аз як ҳаракат ба ҳаракати дигар гузаштан.[4-М,5-М]

7. Муваффақияти корҳои ислоҳӣ асосан аз иштироки волидон ва муносибати бошууронаи онҳо вобаста аст. Волидон бо фароҳам овардани имкониятҳо барои машқ намудан дар муоширати шифоҳии озод ба кӯдакон нақши муҳим мебозанд. Ин ба тақвияти малака ва қобилиятҳои нутқ дар ҳаёти ҳаррӯза мусоидат мекунад.[5-М]

8. Дар раванди фаъолияти якҷоя нутқ ва олами эмотсионалии худро ӯанӣ мегардонанд. Ҳамсолон бо намунаи иҷрои амалҳо, гуфтору рафтор имконият медиҳанд  кӯдакони имконияти маҳдуд ва талаботи махсусдошта қоида ва меъёрҳои нутқи гуфтугуиро аз худ намоянд.[11-М]

9. Ҳамкории муассисаи томактабӣ бо оила ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои таъмини рушди дорои нуқсонҳои нутқ муҳим арзёбӣ гардида, он яке аз воситаҳои асосии ислоҳ намудани нуқсони нутқ дар кӯдакон  ба ҳисоб меравад.  Барои беҳтар кардани салоҳияти педагогии волидон моро зарур аст, ки таъмини рушди пурраи кӯдаки дорои нуқсонҳои нутқ дар муҳити оила, волидон бояд намунаҳои рушди нутқи кӯдакро дарк намоянд.[2-М,12-М]

10. Сабаби асосии пурра инкишоф наёфтани ҷанбаи фонетикӣ камии луӯат, боздошти ташаккули сохтори грамматикии нутқ, талаффузи кӯтоҳ, омехтагии нутқ ва ӯайра мебошад. Танҳо ҳангоми таҳқиқи махсус камбудиҳои гуногуни анҷомаҳои ҳиссаҳои нутқро фаҳмидан мумкин аст. Бо кӯдакони дорои чунин мушкилот аз аввали соли таҳсил бо таҳкиқи инфиродии онҳо машӯул шудан зарур аст. Бинобар ин, ҳам ба талаффузи овозҳои алоҳида ва ҳам ба тарзи изҳори сохтори овозии калимаҳо аҳамият додан бамаврид аст. [2-М]

11. Ташкил намудани таълим ва таҳсилоти фарогир аз мураббиёни кӯдакистон талаб менамоянд, ки доир ба хусусиятҳои фардии ҳар як кӯдак: шавқу раӯбат, имконияту талабот, сифатҳои шахсӣ, нуқсонҳои асабу равонӣ ва ҷисмонии онҳо маълумот ҳосил

намуда, роҳу усулҳои маҳсулнокии таъсиррасониро интихоб намоянд. [9-М]

12. Дар бартараф намудан ва ислоҳу маҳдудсозии нуқсонҳои кӯдак мебояд, ки ба табиб, дефектолог (логопед, сурдопедагогика, тифлопедагогика, олигофренопедагогика) волидон муроҷиат кунанд ва дар якҷоягӣ барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта бо чашми дигар – некбинию хайрхоҳӣ, мададрасонию дастгирӣ намоянд. Логопед бояд ба кӯдакон ҳолати қисмҳои гуногуни узвҳоро ҳангоми талаффуз намудани овозҳо фаҳмонад ва нишон диҳад. Дар ин ҳолат кори инфиродӣ кӯмаки зиёд мерасонад. Кӯдакон шарҳи логопедро мешунаванд, ҳолати лабҳо, забон ва дандонҳоро мушоҳида мекунанд ва тарзи талаффузи худро дуруст мекунанд. [4-М]

13. Нуқсони нутқдошта дар кӯдакон асосан аз рӯи ҷойҳои гуногуни таълим ба вуҷуд меояд. Дар баъзе кӯдакон душвориҳои талаффузӣ-овозӣ ба назар мерасад. Тадбирҳои андешидаи мо дар омузиши нутқи даҳонии кӯдакон имконият дод, ки онҳоро ба ду гурӯҳи калон ҷудо намоем. Ин гурӯҳҳо аз ҳамдигар аз рӯи инкишофи нутқ фарқ карда, ҳар кадоми онҳо муносибат ва методи махсуси таъсири логопедиро талаб менамоянд.[4-М]

14. Дар ҷараёни машғулиятҳои логопедӣ мо аз методи мушоҳидаи таркиби ҳарфӣ ва овозии калимаҳо васеъ истифода бурдем. Аз болои ташаккулёбии муътадилӣ, пайдарҳамӣ, бомазмунии нутқ кор бурда шуд.[4-М, 6-М]

15. Ба талаботҳои умумии барқарор гардидани нутқи кӯдак такя карда, хусусиятҳои инкишофи нутқи ин гурӯҳро ҳамаҷониба мавзуи омузиш қарор додем.[10-М,12-М]

16. Рушди нутқ дар кӯдакон бо инкишофи ҳаракатҳои ангуштон зич алоқаманд аст. Агар ангуштон суст инкишоф ёбанд, нутқ низ метавонад ақиб монад, ҳатто агар малакаҳои ҳаракати калон муқаррарӣ ё беҳтар бошанд. Дар фаъолиятҳои эҷодӣ, аз ҷумла расмкашӣ, сохтани бозича, гулмонӣ, сохтмон, меҳнати дастӣ боз ҳам

хубтар алоқаманд гардидани нутқ ва амалҳо шароит ба вуҷуд меояд.[3-М]

**Тавсияҳо:**

1. Гурӯҳи зиёди кӯдаконе мавҷуданд, ки норасоии забони онҳо чандон ҷиддӣ нест ва онҳо дар МТТ таълиму тарбия гирифта, оҳиста-оҳиста ислоҳ мешаванд. Чунин нуқсонҳои нутқ ( норасоӣ дар талаффузи баъзе овозҳо, норавшан талаффуз кардан, лакнати сабуки забон) бояд ба таври фаврӣ бартараф карда шаванд, набошад дар акси ҳол ба одат табдил меёбанд. Дар ин маврид аз педагог ҳушёрии бештар ва заҳмати сахттар талаб карда мешавад. Аз ин рӯ дар ҳама ҷо мактабҳои логопедӣ заруранд ,то ки ба кӯдакони муҳтоҷ ёрӣ расонанд.

2. Омузиши тиббию ирсӣ, физиологӣ, психологӣ ва педагогии кӯдакони нуқсондор, коркарди муносибати ягона ва амалияи такмили педагогикаи ташхисӣ ва махсус, омузиши робитаҳо ва имкониятҳои амали мутақобили педагогикаи махсус бо дигар илмҳо.

3. Муайян намудани мазмуни фаъолияти истисноию педагогӣ, коркарди тарзу усулҳои татбиқи амалии онҳо ҳангоми шаклҳои гуногуни ташкили раванди таълиму тарбия дар мактабҳои таълими махсус (махсус)

4. Омузиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам дар таълим, тарбия ва инкишофи шахсони аз инкишоф бозмонда, густариш ва татбиқи усулҳои наву пурсамар дар раванди таълиму тарбият.

5. Асосҳои назарӣ ва татбиқи амалии таълими тафриқа ва инфиродии хурдсолону калонсолон, ташкили кор бо дарназардошти ташхиси беморӣ ё қатъи инкишоф, имкониятҳои кӯдакон, хусусият ва вақти зуҳури нуқсону иллатҳо.

6. Дар бартараф намудан ва ислоҳу маҳдудсозии нуқсонҳои кӯдак мебояд, ки ба табиб, дефектолог (логопед, сурдопедагогика, тифлопедагогика, олигофренопедагогика) волидон муроҷиат кунанд ва дар якҷоягӣ барои бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта бо чашми дигар – некбинию хайрхоҳӣ, мададрасонию дастгирӣ намоянд.

7. Мушоҳидаҳо муайян намуданд, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ ташкил додани кабинетҳои лингофонӣ аз манфиат холӣ нест. Бештар матнҳо сабт ва тарзи дурусту хатои он бо талаффузи хуб шарҳ дода шавад,то ки кӯдакон роҳи ҳалли масъаларо худашон ёд гиранд.

8. Ба туфайли воситаҳои бозӣ барои ҳар як гурӯҳ машғулиятҳои гуногуни овоз гузаронида мешавад. Хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи воситаҳои гуногуни таълим бо воситаҳои бозӣ маҳсулнокии таълимро дар машғулиятҳои рӯ ба рӯ ва инфиродии логопедӣ баланд мебардорад.

**Рӯйхати адабиёт**


1. Альбошкина Светлана Александровна. Физиологическое обоснование методики коррекции нарушенных речевых функций дошкольников средствами физической культуры. Автореф. дис. ... канд. пед. наук., [Текст] ⁄ Светлана Александровна Альбошкина. Волгоград. 2004. 16с.
2. Александровская М.А. Недостатки произношения у детей старшего дошкольного возраста. Автореф. дис. ... канд. пед. наук. [Текст] / М.А.Александовская // М., 1955. 14 с.
3. Андрес Э.А. Недостатки речи и борьба против них в семье и школе. [Текст] / Э.А. Андрес. Кронштадт. 1897. 105 с.
4. Анохин П.К. Избранные труды. [Текст] /П.К. Анохин// М. Наука. 305с.
5. Анпилогова Б.Г., Сосенко Э.Ю., Федяковская Н.К. Пособие по развитию навыков устной речи. [Текст] ⁄ Б.Г. Анпилогова., Э.Ю. Сосенко., Н.К. Федяковская // М.: Русский язык. 2005. 136с.
6. Аристотел. Ф. Риторика. Пер. Н.Платоновой. Античные риторики. Собр. текстов, коммент и общ. ред. А.А.Тахо-Годи. М: 1978. 200с.
7. Арутюнян Л.З. Как лечить заикание: Методика устойчивой нормализации речи.[Текст] / Л.З. Арутюнян // М: Эребрус. 2003. 130с.
8. Асатиани Н.М., Белякова Л.И., Калачева И.О. и др. Данные клинико-физиологического исследования детей дошкольного возраста, страдающих заиканием. [Текст] / Л.З. Арутюнян// Дефектология. 1978. - №1. - С.240.
9. Асатиани Н.М., Казаков В.Г. Клиническая характеристика взрослых больных с затяжными формами заикания. [Текст] /Н.М Асатиани., В.Г. Казаков//. Журнал невропатологии и психиатрия. 1974. - Вып. 4. - 438с.
10. Астахов В.М. Введение в дефектологию с основами нейро-патопсихологии. [Текст] /В.М. Астахов //М. 1994. 65с.
11. Афрӯз, Ғуломалӣ. Муқаддимае бар равоншиносӣ ва омузишу парвариши кӯдакони истисноӣ. [Матн] / Афрӯз, Ғуломалӣ// Интишороти донишгоҳи Теҳрон. чопи ҳаштум, 1834.

12. Ахавон, Валеуллоҳ. Арзишёбии шахсият. [Матн] / Ахавон, Валеуллоҳ//. интишороти донишгоҳи Теҳрон, 357.
13. Ахмедҷонова Ш. Масъалаҳои мубрами таълими фарогир. Конференсияи байналмилалӣ «Инклюзия (таҳсилоти фарогир) – роҳ ба сӯйи баробарҳуқуқӣ: ба муаллимон омӯзонидани принсипҳои таҳсилоти фарогир». [Матн] / И.Каримова, Л. Иматзода, Ш.Ахмедҷонова. Душанбе, 2021. - 125 с.
14. Баротова Г.Ю. Формирование профессионально – педагогической культуры студентов педагогических вузов в условиях работы в системе инклюзивного образование (на материале Республики Таджикистан). Дисс… канд.пед.наук. [Матн] /Г.Ю. Баротова. Душанбе. 2020. 224 с.
15. Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025. Душанбе. 2019. 66с.
16. Барномаи инкишоф, таълим ва тарбияи кӯдакон дар муасисаи томактабӣ «Рангинкамон». Душанбе. 2012. 112с.
17. Башинский Т. Как превратить «неговорящего» ребенка в болтуна (из опыта преодоления алалии). Пособие для учителей. [Текст] / Т. Башинский. М. 2017, -124 с.
18. Белякова Л.И., Дьякова Е. А. Заикание. [Текст] / Учеб. пособие для студ. Пед. Институтов по специальности «Логопедия». М: В.Секачев, 2008. 263с.
19. Белякова Л.И., Дьякова Е.А. Заикание. [Текст] / Учеб. пособие для студ. - Пед. Институтов по специальности «Логопедия». Л.И. Белякова, Е.А Дьякова., М., 1998. 304с.
20. Белякова Л.И., Дьякова Е.А. Речевые паузы в нормальной речи и при заикании. [Текст] /Л.И. Белякова, Е.А Дьякова. Вопросы психологии. №3. 1993. С.94. 88с
21. Белякова Л.И., Дьякова Е.А. Сравнительный анализ речеязыковых параметров у лиц с нормальной речью и заикающихся. Психолингвистика и современная логопедия. [Текст] / Под ред. Л.Б. Халиловой. М.-1997. С. 169. 156с

22. Белякова Л.М., Дьякова Е.А. Заикание. [Текст] / М.: В. Секачев. 1998. - С.304. 266с.
23. Блехер Ф.Н. Дидактические игры и занимательные упражнения в 1 классе. [Текст] / Ф.Н. Блехер. М: 1964. 160 с. - С.75.
24. Боидарко И.В. Фонетическое описание языка и фонологическое описание речи. [Текст] / И.В.Боидарко. Л., 1998. 198 с.
25. Богомолова А.И. Устранение заикания у детей и подростков. [Текст] /А.И Богомолова. М., 1977. 96 с.
26. Болдырева Т.А. Динамика формирования личности заикающихся. Заикание. Проблемы теории и практики. [Текст] / Под ред. Л.Б. Беляковой. М., 1992. 87с.
27. Бондарко Л.В. Зиндер Л.Р. Исследование фонетики основы теории речевой деятельности [Текст] / Под. ред. А.А.Леонтьева. М., 1974. - С.145-161.
28. Бондарко Л.В. Зиндер Л.Р. Исследование фонетики // Основы теории речевой деятельности [Текст] / Под. ред. А.А.Леонтьева. М., 1974.-С.145-161.
29. Борисова Е.А. Развитие мимической интонационной выразительности речи у заикающихся дошкольников. Логопед №1, [Текст] / Е.А. Борисова. М., 2005. 205 с.
30. Бородич. А.М. Методика развития речи детей. [Текст] / А.М. Бородич. М.:1981. 256 с.
31. Борякова Н.Ю. Особенности формирования речевых высказываний у старших дошкольников с ЗПР. [Текст] /Н.Ю Борякова. М., 1983.40с.
32. Бот О.С. Из опыта организации педагогической практики студентов в детском саду для детей с нарушениями речи [Текст] / О.С.Бот // Дефектология. 1983. №4. - С.71-76.
33. Бреслав Г.М. Эмоциональные особенности формирования личности в детстве.[Текст] ⁄ Г.М Бреслав. М: Просвещение, 2000. 40 с.
34. Валитова И.Е. Психология развитие ребёнка дошкольного возраста. [Текст] / И.Е. Валитова. Минск 1999. 160 с.

35. Васильев Ю.А. Голосоречевой тренинг. [Текст] / Ю.А Васильев. СПб.: Спб. гос. академ. театр. иск-ва, 2006. 415 с.
36. Величенкова О.А., Русецкая М.Н. Логопедическая работа по преодолению нарушаний чтения и письма у младших школьников. [Текст] / О.А., Величенкова, М.Н. Русецкая. М.: Нац.книжный центр.2015.-320с.
37. Венгер Л.А. Восприятие и обучение (дошкольный возраст). [Текст] / Л.А Венгер. 1969. 365 с.
38. Вербовая Н.П., Головина О.М.,Урнова В.В. Искусство речи.[Текст] / Н.П Вербовая., О.М Головина., В.В. Урнова. М. 1977. 154 с.
39. Власова Н. А., Герценштейн Э.Н. Опыт работы с логоневротиками дошкольного возраста. [Текст] / Невропатология и психопатия. 1939. - Т. VIII. - Вып. 9-10. 100 с.
40. Власова Н.А. Логопедическая работа с заикающимися дошкольниками. [Текст] / Н.А. Власова. М.1959. 82 с.
41. Власова Н.А. О заикании детей дошкольного возраста. [Текст] / Н.А Власова // Педиатрия. 1974. №7. 290 с.
42. Волкова Г.А. Коррекционная работа с заикающимися детьми дошкольного возраста по системе игр. Педагогические пути устранения речевых нарушений у детей. [Текст] / Г.А Волкова. Л. 1976. 235с.
43. Волкова Г.А. Заикание и дизонтогенез. Методы изучения и преодоления речевых расстройств СПб. [Текст] / Г.А. Волкова. Пресс. 2003. 240с.
44. Волкова Г.А. Игровая деятельность в устранение заикания у дошкольников. [Текст] / Г.А. Волкова. М.,1983.- 143с.
45. Волкова Г.А. Игровая деятельность в устранении заикания у дошкольников. Логопедия. Методическое наследие. Кн. II. [Текст] / Г.А. Волкова. М., 2003. -С.245. 63с
46. Волкова Г.А. Игровая деятельность в устранении заикания у дошкольников. [Текст] / Г.А Волкова. М. 1983. 240 с. - С.183.

47. Волкова Г.А. Логопедическая ритмика. [Текст] / Г.А. Волкова. М., 1985. 191с. – С.75.
48. Волкова Г.А. Методика психолого-логопедического обследования детей с нарушениями речи. Вопросы дифференциальной диагностики: Учебно-методическое пособие. [Текст] / Г.А. Волкова. СПб. 2003. 144 с.
49. Волкова Л.С. Хрестоматия по логопедии «Нарушение детской речи и их устремление в учебно-воспитательные процессы. [Текст] / Г.А. Волкова. М.: 1969. 370 с. – С.34-58.
50. Воронина А.П. Логопедическая работа по профилактике дисграфий в условии д/с для детей с нарушениями. [Текст] /А.П Воронина. М. 1987. 432с.
51. Воронина А.П. Воспитание детей в старшый группе: Пособие для воспитателя дет. сада. [Текст] / А.П. Воронина. Матусик. М.: Просвещение, 1983. 175 с.
52. Воронина А.П. Воспитание и обучение детей с расстройствами речи. [Текст] / Под ред. С.С. Ляпидевского и В.И. Селиверстова. М., Просвещение, 1968. 247 с.
53. Выгодская И.Б., Пеллингер Е.А., Успенская Л.П. Устранение заикания у дошкольников в игре. [Текст] / Пособие для логопедов. И.Б., Выгодская Е.А., Пеллингер Л.П. Успенская. М.: 1984. С.176.
54. Выготский Л.С. Избранные психологические исследования. Мышления и речь. [Текст] / Выготский Л.С. Издательство А.Н. РСФСР 1956. 517с.
55. Выготский Л.С., Маркова А.К. Игра и её роль в психическом развитии ребёнка. Вопросы психологии. [Текст] / Л.С., Выготский А.К Маркова. 1997. 100 с.
56. Гвоздев А.Н. Вопросы улучшения детской речи. [Текст] / А.Н. Гвоздев. М. 1961. С.66.
57. Гвоздев А.Н. От первых слов до первых классов. [Текст] / А.Н Гвоздев. Саратов 1981. 323 с.

58. Гербова. В.В. Занятие по развитею речи старшей группе детского сада. [Текст] /В.В Гербова. М.: 1984. 144 с.
59. Гил Ват. Роҳнамоии дармони лакнати забон. [Матн] /Тарҷумаи Ноҳиди Азимӣ. Теҳрон. 162 с.
60. Гиляровский В.А. К вопросу о гене заикания у маленьких детей и нақши его для общего развития личности и его лечение. Советская невропатология, психиатрия и психогигиена. [Текст] / В.А Гиляровский Т. 1 Вып. 9 -10. М.1932. 582с.
61. Гиляровский В.А. О нарушениях речи и мерах борьбы с ними. Вопросы патологи речи. [Текст] / В.А Гиляровский. Харьков. 1959. 32 с.
62. Гринер В.А. Логопедическая ритмика для дошкольников. [Текст] / В.А Гринер. М: Учпедгиз.1958. 168 с.
63. Гринер В.А., Самойленко Н. С. Логопедическая ритмика. [Текст] / В.А., Гринер Н. С Самойленко. М: Учпедгиз. 1941. 80 с.
64. Дадобоева М.С. Логопсихология. Маводи таълимӣ-методӣ. Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ, /[Матн] М.С Дадобоева //2017 – 138 с.
65. Дадобоева М.С. Маҷидова Б., Обидова М. Асосҳои логопедия. Маводи таълимӣ-методӣ. [Матн] / М.С. Дадобоева, Б. Маҷидова, М. Обидова. Душанбе:ДДОТ ба номи С.Айнӣ. 2020. 186 с.
66. Дадобоева М.С. Нуқсонҳои нутқии кӯдакони синни томактабӣ ва роҳҳоиислоҳи он. [Матн] ⁄ М.С.Дадобоева // Мақолаи илмӣ. «Падида» Маҷмуаи мақолаҳои мураббиён ва донишҷӯёни факултети психология ва таҳсилоти фарогир». Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ. 2019.-С.32- 42.
67. Дадобоева М.С. Организационно педагогические особенности обучения детей с нарушениями слуха в Республике Таджикистан. Дисс… канд пед. наук.[Текст] /М.С.Дадобоева.Душанбе.2016. 159 с.
68. Дадобоева М.С., Ташкили машғулиятҳои логопедӣ барои кӯдаконӣ дорои нуқсонҳои ринолалия. [Матн] / М.С. Дадобоева // Мақолаи илмӣ. Маҷаллаи «Муҳаққиқ». Душанбе: ДДОТ ба номи С.Айнӣ. 2018 - С.9-12.
69. Дель С.В. Исследование невербальных средств общения у младших школьников с заиканием. Логопед №3. [Текст] / С.В. Дель.2005. 415 с.

70. Дзюба Оксана Викторовна. Развитие коммуникативной компетентности дошкольников с общим недоразвитием речи. Кандидатская 13.00.07. [Текст] / О. В. Дзюба. Москва. 2009.
71. Дидактические игры и упражнения по сенсорному воспитанию дошкольников. [Текст] /Под ред. Л.А. Венгера. М., 1973. 95 с.
72. Дьякова Е. А. Речевые ошибки и особенности процесса речеобразования у заикающихся. Заикание. Проблемы теории и практики. [Текст] / Е. А. Дьякова Под ред. Л.И.Беляковой. М. 1992. 50 с.
73. Ефименкова Л.Н. Формирование речи у дошкольников. [Текст] /Л.Н Ефименкова.М. 1985. 89с.
74. Жинкин Н.И. Заикание. Хрестоматия по логопедии. [Текст] / Под ред. Л.С. Волковой, В.И. Селивёрстова. М.,1997.127с.
75. Жинкин Н.Н. Мышление и речь. [Текст] / Н.Н Жинкин. М., Изд. АПН РСФСР 1963. 214с.
76. Жуковская Р.И. Воспитание ребенка в игре. - М. 1963 Леонтьев А.Н. Психологические основы дошкольной игры. Психологическая наука и образование. [Текст] / А.Н Леонтьев. М. 1996. №3. 584 с.
77. Заикание у подростков. Книга для логопеда. Из опыта работы. Сост. Буянов М.И. [Текст] / М.И Буянов. М. 1989. 175 с.
